**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БОБОКАЛОНОВ Ғ. М.**

# ТАФСИРИ
## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ»

**Душанбе – 2020**

***Бобокалонов Ғоиб Мерганович***

УДК 331.5 (075.8)
ББК 65.9 (2тоҷик)-2+44.00+25.32
Т-42

**Бобокалонов Ғ. М.[1]. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ». Зери назари Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – Душанбе: МДМТ, 2020. – 274 саҳ.**

**Муқарризон: Маҳмадшозода Ф. А.** - муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

**Сангинов Д. Ш.** - мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Муҳаррир:** Самандари Искандар

Дар китоби мазкур меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» модда ба модда шарҳу тафсир шуда, дар алоқамандӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои зерқонуние, ки бо қонуни мазкур алоқамандӣ доранд, омода гардидааст.

Тафсири мазкур барои доираи васеи олимон, эҷодкорон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони мақомоти соҳавӣ, ҳуқуқшиносон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва ҳамаи онҳое, ки ба масъалаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ таваҷҷӯҳ доранд, тавсия мешавад.

**© Бобокалонов Ғ.М., Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.**

---

*Бобокалонов Ғоиб Мерганович – Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази милли қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

# САРСУХАН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки мавқеъ ва нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаҳои гуногуни кишвар, дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ таъкид доштанд "...мақсади ниҳоии қонунҳои қабулкардаи парламент, фармону амрҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат аз он иборат аст, ки пешрафти давлат, ободии Ватан ва муҳимтар аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин карда шавад"[1].

Воқеан ҳам, ин таъкиди Пешвои миллат тамоми субъектони муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи иҷтимоӣ ва дигар шахсонро, ки баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷойдошта, фаъолият мебаранд, нигаронида шуда, масъулияти онҳоро баҳри амалӣ гардидани хостаҳои Сарвари муаззами давлатамон баланд хоҳад бардошт.

Таъмин намудани сиёсати иҷтимоии давлат дар иҷрои принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мешавад.

Дар ин самт сиёсати иҷтимоии давлатро хусусан барои таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмин намудан бо музди меҳнат, нафақаҳо, таъмини бехатарии аҳолӣ бо озуқаворӣ, пардохти стипендия, ҷубронпулиҳо, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликиятдорӣ ва идоравиашон, равона карда мешаванд.

Дар марҳилаи 30 соли соҳибистиқлолият бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии соҳаҳои

---

[1]Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019 13:02, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj/ru

мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, хусусан соҳаи иҷтимоӣ як зумра қонунҳо қабул карда шуд. Дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ миёни қонунҳои қабулшуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки 1 августи соли 2003 қабул шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» манбаи асосии соҳаи шуғлмандӣ маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

Бо мақсади зиёд намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бо ин васила баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ»-ро, тибқи сархати бистуми банди 6 Низомнома ва банди 13 Нақшаи кории шуъбаи қонунгзорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020, ки сухан да бораи таҳия ва интишори тафсири илмию амалии кодексҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин маводҳои ҳуқуқӣ, итилоотию таҳлилӣ меравад, роҳандозӣ шудааст.

Дар тафсири меъёрҳои Қонунро муаллиф кӯшиш ба харҷ дода, шарҳи ҳар як моддаи Қонун ба таври оммафаҳм, васеъ ва бо соддабаёнӣ ба риштаи таҳрир кашидааст.

***Саидзода Иззатулло Ҳабибулло***

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467; с. 2005, №12, мод. 650; с. 2007, №7, мод. 687; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, № 6, мод. 437)

(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137, аз 30.07.2007, №325, аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011 № 724, аз 17.05.2018, №1526)

**Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.**

Дар муқаддимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (минбаъд Қонун ё Қонуни тафсиршаванда) паҳлӯҳои гуногуни ин падидаи ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд, ки ҳадафу вазифаҳои муқаррароти он дар истифодаи амалии Қонун ва меъёрҳои он ба эътибор гирифта шудаанд.

Муқаддимаи мазкур ҳарчанд, ки қисми таркибии Қонуни тафсиршаванда маҳсуб ёбад ҳам, меъёри танзимкунанда буда наметавонад. Зеро ки муқаддимаи мазкур ҳадаф, ангеза ва вазифаҳои Қонунро фарогир мебошад.

Аз ин лиҳоз дар муқаддама паҳлӯҳои гуногуни Қонун муайян карда шудаанд, ки ҳадафу вазифаҳои муқаррароти он дар истифодаи амалии Қонуни тафсиршаванда ва меъёрҳои он ба эътибор гирифта шудааст ва ба таври возеҳ дар сарсухан сабт шуда, тафсири худро дар моддаҳои дахлдори Қонун тавзеҳ ёфтаанд.

**БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

**Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:**

**- бекорӣ - падидаи иҷтимоию иқтисодиест, ки ба қисми муайяни қувваи корӣ мавҷуд набудани талабот дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад;**

**- шаҳрвандони бекор - шаҳрвандони синну соли қобили меҳнате, ки дар давраи баррасишаванда кор, музди меҳнат ва шуғли даромаднок надоранд, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё хадамоти дигари шуғли аҳолӣ тавассути истифода ва ҷойгир намудани эълонҳо дар матбуот, муроҷиати бевосита ба корфармоён, истифодаи усулҳои дигар, аз ҷумла ташкили кори инфиродӣ ба ҷустуҷӯи кор машғул буданд, метавонанд ва тайёр ҳастанд ба кор шурӯъ намоянд *(Қонуни ҶТ аз 30.07.2007, №325, 28.06.2011 №724)*;**

**- дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор - хизматрасонӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ; пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва стипендия ҳангоми тарбия ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бекор; расонидани ёрии моддӣ ба аъзои оилаи синнашон то 15 - солаи шахси бекор, ки дар таъминоти ӯ мебошанд; расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор, ки хоҳиши бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137, аз 31.12.2008, №472)*;**

**- кӯмакпулӣ барои бекорӣ - ёрии моддии муваққатии аз тарафи давлат кафолатдодашудае, ки ба шаҳрвандони бекори расман ба қайдгирифташудаи барои гирифтани он ҳуқуқдошта пардохта мешавад;**

**- шуғл - ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва**

**ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меоварад;**

**- шуғли (кори) муваққатӣ - кори муздноки муваққатие, ки дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар давраи маҳдуди вақт иҷро карда мешавад;**

**- кори мувофиқ - коре, ки онро шаҳрванд иҷро карда метавонад, ба ҷинс, маълумот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ шароитҳои ҷои кори охирин (ба истисмои корҳои ҷамъиятии муздноқ), вазъи саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳали зисташ начандон дур ҷойгир (на зиёда аз як соат дар роҳ) бошад ва музди меҳнаташро дар сатҳи на пасттар аз ҳадди ақали музди меҳнати расман муқарраршуда кафолат диҳад;**

**- бозори меҳнат - соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ;**

**- корҳои ҷамъиятӣ - намудҳои фаъолияти меҳнатии дастраси умум, ки чун қоида, тарбияи пешакии касбии кормандонро, ки самти иҷтимоии фоиданок дошта, ҳамчун дастгирии иловагии иҷтимоӣ ва шуғли муваққатии шахсони корҷӯянда ташкил карда мешаванд, талаб намекунанд. Ба корҳои ҷамъиятӣ фаъолияте, ки бо зарурияти таъҷилан бартараф намудани оқибати садамаҳо, офатҳои табиӣ, фалокатҳо, дигар ҳолатҳои фавқулодда вобаста аст ва омодагии махсуси кормандон, инчунин амалҳои маҳоратнок ва масъулиятноки онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин талаб мекунад, дахл надорад;**

**- миёнаравии меҳнатӣ - мусоидат намудан ба аҳолӣ ҳангоми бо кор таъмин кардан аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар ташкилотҳо *(Қонуни ҶТ аз 30.07.2007, №325, 28.06.2011, №724)*;**

**- мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ - мақомоти давлатии идора ва танзими шуғли аҳолии қобили меҳнат буда, сиёсати**

**мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ба шаҳрвандон таъмин намудани кафолатҳои дахлдорро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;**

**- хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724);***

**- вакансия - ҷои кории холӣ дар ташкилотҳо;**

**- аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) - қисми аҳолие, ки пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ таъмин менамояд. Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, бекорон ва шахсони машғули кор бударо дарбар мегирад;**

**- аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол - қисми аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки ба ҳайати аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) дохил намешавад.**

Дар моддаи мазкур истилоҳоти асосие, ки дар меъёрҳои Қонуни тафсиршаванда мавриди истифода қарор гирифтаанд, ҷой дода шудаанд. Бо сабабе, ки истилоҳоти овардашуда дар худи моддаи 1 ва дигар моддаҳои дахлдори Қонуни тафсиршаванда тафсир ва тавзеҳи худро ёфтаанд, тафсир намудани меъёрҳои моддаи 1-ро ба таври мухтасар лозим донистем.

Сархати якуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми бекориро** падидаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба қисми муайяни қувваи корӣ мавҷуд набудани талабот дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад, тариф додааст.

Бекорӣ яке аз ҳодисаҳои объективӣ маҳсуб ёфта, дар ҳама самтҳои иқтисодиёт ҷой доштанаш мумкин аст.

Бекорӣ ҳамчун ҳодисаи объективӣ дар ду ҳолат ба миён омаданаш мумкин аст. Якум, бинобар сабаби кӯчидан ба маҳалли дигар, яъне шахс ҳамеша аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар, ё аз як ҷойи кор ба ҷойи кори дигар дар ҳаракат қарор дорад, ва ба кори доимӣ шуғл варзиданро надорад. Дуюм, тағйироти

технологӣ дар истеҳсолот, ки боиси дигаргун шудани муносибатҳои меҳнатӣ ба қувваи корӣ мегардад.

Вобаста ба ин сабабҳои пайдоиши бекориро дар якчанд шакл ҷудо намудан мумкин аст. Якум, дар шакли бекории фриксионӣ - бекорие, ки дар натиҷаи ҳаракати қувваи корӣ ба вуҷуд омадааст. Ба чунин гурӯҳи бекорон онҳое дохил мешаванд, ки бо сабаби паст будани музди меҳнат муваққатан бекоранд, ё онҳое, ки бо иллати иваз кардани ҷои зист муваққатан ҷои кор надоранд ва ғайра. Ин шакли бекории фриксиониро бекории ихтиёрӣ низ меноманд. Дуюм, бекории таркибӣ, яъне бекорие, ки дар натиҷаи дигаргуншавии сохтори идоракунии истеҳсолот ё ин ки дар натиҷаи тағйироти технологӣ дар истеҳсолот ба вуҷуд омадааст. Ба ин шакли бекорон онҳое дохил мешаванд, ки ихтисосашон ба тағйироти технологӣ ё идоракунии истеҳсолот мувофиқат накардааст ва муваққатан маҷбур шудаанд, корро тарк кунанд. Сеюм, бекории даврӣ бекорие, ки дар натиҷаи пастшавии сатҳи истеҳсолот ба вуҷуд омадааст. Ба ин шакли бекорӣ бекороне дохил мешаванд, ки дар натиҷаи муфлисшавии корхонаҳо ё паст шудани сатҳи истеҳсолот муваққатан бекор мондаанд.

Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми шаҳрвандони бекорро** пешниҳод намудааст. Шаҳрвандони бекор гуфта, шахсоне, ки синну соли қобили меҳнатии онҳо ба ҳайати аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) шомил ҳастанду дар давраи баррасишаванда кор, музди меҳнат ва шуғли даромаднок надоранд, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё хадамоти дигари шуғли аҳолӣ тавассути истифода ва ҷойгир намудани эълонҳо дар матбуот, муроҷиати бевосита ба корфармоён, истифодаи усулҳои дигар, аз ҷумла ташкили кори инфиродӣ ба ҷустуҷӯи кор машғул буданд,

метавонанд ва тайёр ҳастанд ба кор шурӯъ намоянд, фаҳмида мешавад.

Дар сархати сеюми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор** дода шудааст, ки мазмуну муҳтавои он дар Боби IV Қонуни тафсиршаванда, ки сухан дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекор мондан ва моддаи 24 он, ки сухан дар бораи кафолатҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор меравад ба таври возеҳ тафсири худро ёфтааст (нигаред ба моддаи 24 Қонун ва тафсири он).

Сархати чоруми моддаи тафсиршаванда мафҳуми кӯмакпулӣ барои бекориро, ки дар мазмуни зайл, ёрии моддии муваққатии аз тарафи давлат кафолатдодашудае, ки ба шаҳрвандони бекори расман ба қайдгирифташудаи барои гирифтани он ҳуқуқдошта пардохта мешавад, пешбинӣ намудааст.

Мазмуну муҳтавои онро дар Боби IV Қонуни тафсиршаванда, ки сухан дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекор мондан ва дар меъёрҳои он, аз ҷумла, шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи25); тартиби тамдиди муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд (моддаи 26); тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 27); боздоштан ва қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 28), ба таври возеҳ тафсири худро ёфтааст (нигаред ба моддаҳои зикргардида ва тафсири онҳо).

Дар сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми шуғл** пешбинӣ шудааст. Ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меоварад. Қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ

ва ҷамъиятии шахсонро дар шуғли пурра иникос намудан мумкин аст.

Шуғли пурра гуфта, чунин ҳолатеро дар бозори қувваи корӣ меноманд, ки дар он бекории даврӣ вуҷуд надорад. Аз ҳамин ҷиҳат мафҳуми шуғли пурра 100% ҷои кор доштани аҳолии қобили меҳнат, ё ин ки умуман, вуҷуд надоштани бекориро ифода намекунад.

Бояд ҳаминро хотирнишон намуд, ки **мафҳуми шуғл** дар сархати 76 қисми 1 Кодекси меҳнати феълан амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст низ дода шудааст[1].

Сархати шашуми моддаи тафсиршаванда мафҳуми шуғли (кори) муваққатиро чунин шарҳ додааст, кори муздноки муваққатие, ки дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар давраи маҳдуди вақт иҷро карда мешавад.

Дар асоси шартномаи меҳнатӣ муҳлати давраи маҳдуди иҷро кардани кори муздноки муваққатиро тавассути меъёрҳои дар моддаи 25 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда муайян намудан мумкин аст, аз ҷумла, барои иҷрои уҳдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки мутобиқи Кодекси меҳнат ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад, ба муҳлати иҷрои кори муайян, барои иҷрои корҳои мавсимӣ, ба муҳлати муайян ва ғайра.

Тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи 25 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати муайян дар ҳолатҳое баста мешавад, ки агар бо назардошти хусусияти кор ва ё шароити иҷрои он ва ё манфиати корманд, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва

---

[1] Ниг.: Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. –С. 18.

дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани шартнома барои муҳлати номуайян имконнопазир бошад.

Дар сархати ҳафтуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми кори мувофиқ** дар чунин мазмун пешбинӣ шудааст, коре, ки онро шаҳрванд иҷро карда метавонад, ба ҷинс, маълумот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ шароитҳои ҷои кори охирин (ба истиснои корҳои ҷамъиятии музднок), вазъи саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳали зисташ начандон дур ҷойгир (на зиёда аз як соат дар роҳ) бошад ва музди меҳнаташро дар сатҳи на пасттар аз ҳадди ақали музди меҳнати расман муқарраршуда кафолат диҳад.

Дар сархати 28 қисми 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мафҳуми **кори мувофиқ** дар мазмуни зайл дода шудааст- коре, ки онро шахс иҷро карда метавонад, ба ҷинс, маълумот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ, шароитҳои ҷойи кори охирин (ба истисноИ корҳои ҷамъиятии музднок), вазъи саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳалли зисти шахс начандон дур (на зиёда аз як соат дар роҳ) ҷойгир шудааст ва музди меҳнат барои он дар сатҳи на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақали расман муқарраршуда кафолат дода мешавад.

Сархати ҳаштуми моддаи тафсиршаванда **бозори меҳнатро** соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ маҳсуб донистааст, ки мафҳуми мазкур айнан дар сархати ҳаштуми қисми якуми моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабт шудааст. (дар ин хусус нигаред ба тафсири сархати даҳуми моддаи тафсиршаванда).

Сархати нуҳуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми корҳои ҷамъиятро** дар мазмуни зайл пешбинӣ намудааст. Корҳои ҷамъиятӣ - намудҳои фаъолияти меҳнатии дастраси умум, ки чун қоида, тарбияи пешакии касбии кормандонро, ки самти иҷтимоии фоиданок дошта, ҳамчун дастгирии иловагии

иҷтимоӣ ва шуғли муваққатии шахсони корҷӯянда ташкил карда мешаванд, талаб намекунанд. Ба корҳои ҷамъиятӣ фаъолияте, ки бо зарурияти таъҷилан бартараф намудани оқибати садамаҳо, офатҳои табиӣ, фалокатҳо, дигар ҳолатҳои фавқулодда вобаста аст ва омодагии махсуси кормандон, инчунин амалҳои маҳоратнок ва масъулиятноки онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин талаб мекунад, дахл надорад (барои маълумоти васеътар гирифтан дар хусуси корҳои ҷамъиятӣ, нигаред ба тафсири моддаи 22).

Сархати даҳуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми миёнаравии меҳнатиро** дар мазмуни зайл таъриф додааст-мусоидат намудан ба аҳолӣ ҳангоми бо кор таъмин кардан аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар ташкилотҳо.

Вобаста ба ин, ба сифати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнаравӣ иҷро менамояд.

Инчунин, дар баробари Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнаравӣ тавассути Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷро мешаванд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Биржаҳои меҳнат барои кироякорон ба фаъолият оғоз намудааст, ба монанди, КВД "Биржаи меҳнатии ҷавонон"-и назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Биржаи меҳнат»-и шаҳри Хуҷанд ва ғайра, ки метавонанд ба сифати мёнарав баромад намоянд.

Сархати ёздаҳуми моддаи тафсиршаванда мафҳуми **мақомоти давлатии шуғли аҳолиро** пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти он мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, мақомоти давлатии идора ва танзими шуғли аҳолии қобили меҳнат буда, сиёсати мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ба шаҳрвандон таъмин намудани кафолатҳои дахлдорро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, фаҳмида мешавад. (ба таври муфассал нигаред ба тафсири моддаи 15 Қонун).

Сархати сездаҳуми моддаи тафсиршаванда **истилоҳи вакансия**ро дар чунин мазмун пешбинӣ намудааст-ҷои кории холӣ дар ташкилотҳо.

Вобаста ба ин, чунин маънидод намуд, вакансия мавҷудияти ҷойи кории ишғолкарданашудае, ки барои он корманди нав қабул карда мешавад. Яъне, ҷойи коре, ки корфармо нияти пайдо кардани довталаби қобили қабулро дорад.

Сархати чордаҳуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ)** –ро додааст. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) қисми аҳолие, ки пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ таъмин менамояд. Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, бекорон ва шахсони машғули кор бударо дарбар мегирад.

Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мувофиқи нишондодҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат ин як қисми аҳолии аз 15 то 72- сола мебошад, ки меҳнати худро барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ пешниҳод мекунад[1].

[1] Ниг.:https://ru.wikipedia.org/wiki/Экономически_активное_население.

***Эзоҳ:*** Иқтибос: **Экономически активное население** — население страны, которое имеет или желает и потенциально сможет иметь самостоятельный источник средств существования. По методологии Международной организации труда в эту категорию включают людей в возрасте от 15 до 72 лет.

Сархати понздаҳуми моддаи тафсиршаванда **мафҳуми аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъолро** пешбинӣ намудааст. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол қисми аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки ба ҳайати аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) дохил намешавад.

Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол мувофиқи нишондодҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат ин як қисми аҳолии аз 15 то 72- сола мебошад, ки ба фаъолияти иқтисодӣ машғул нестанд ё дар давраи баррасишаванда бекоранд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137)*

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад** (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137, аз 17.05.2018, №1526)*.

Моддаи тафсиршаванда ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бахшида шудааст, ки он аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат аст.

Қонунгузории ҶТ дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд.

Тамоми дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асос ва дар мутобиқат бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд ва дар сурати хилофи он буданашон, эътибори ҳуқуқӣ надошта, меъёру муқарраароти онҳо татбиқ намешаванд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд муқаррар шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагуна маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳоро аз рӯи аломати мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, ҷинсӣ, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ ва дигар аломатҳо манъ намудааст.

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Дар моддаи 37 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрванд ба истироҳат муайян шудааст, ки он бо роҳи муқаррар намудани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат таъмин карда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 28) ҳуқуқи шаҳрвандонро ба муттаҳид шудан, аз ҷумла ба таъсис додани иттифоқҳои касаба бо мақсади ҳифз аз ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон, муқаррар намудааст.

Дар моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан дар бораи таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон дар

пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти корӣ ва дигар мавридҳое, ки қонун муайян намудааст, меравад.

Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бахшида шудааст, мавқеи марказиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», ки 1 августи соли 2003 қабул шудааст, ишғол менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» манбаи асосии шуғл маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

Қонуни мазкур аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун хело васеъ буда, 5 боб ва 34 моддаро дар бар мегирад.

Боби якуми Қонун муқаррароти умумиро дар бар гирифта, мафҳумҳои асосӣ (моддаи 1); қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 2); шуғли аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда (моддаи 3); шаҳрвандони бекор (моддаи 4); кори мувофиқ (моддаи 5); принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 6); кафолатҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 7); ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба таъмини шуғл (моддаи 8); кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро (пешбинӣ намудааст моддаи 9).

Боби II Қонун ба ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бахшида шуда, муносибатҳои ҳамкории

сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 10) ва вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро муқаррар намудааст (моддаи 11).

Дар боби III Қонуни тафсиршаванда сухан дар бораи танзими давлатӣ ва ташкили чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ меравад, ки ба танзими шуғл (моддаи 12); барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 13); муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои оилаи онҳо (моддаи 14); мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ (моддаи 15); маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи16); ҳисоботи оморӣ ва маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ (моддаи 17); додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оиди мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 18); мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ(моддаи 19); иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғли аҳолӣ (моддаи 20); тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор (моддаи 21); ташкили корҳои ҷамъиятӣ (моддаи 22) ва тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд, бахшида шудааст (моддаи 23).

Боби IV Қонун кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекор монданро пешбинӣ намудааст, ки сухан дар бораи кафолатҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор (моддаи 24); шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 25); тартиби тамдиди муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд (моддаи 26); тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 27); боздоштан ва қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 28) ва андозаи стипендияе, ки ба

шаҳрвандони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад, меравад (моддаи 29).

Боби V Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» муқаррароти хотимавӣ номгузорӣ шуда, муқаррарот оид ба муносибатҳои назорати давлатӣ ва амалӣ намудани онҳо (моддаи 31); оид ба баррасии ҳалли баҳсҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонун (моддаи 32); дар бораи беэътибор донистани Қонуни қаблӣ (моддаи 33) ва тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст (моддаи 34).

Пас аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҳалқаи навбатиро дар силсилаи қонунгузорӣ дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки баҳри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси мусоидат ба шуғлмандиро пешбинӣ намудаанд.

Дар қатори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи дигарро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ), ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

КМ ҶТ манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамояд ва баҳри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун хело васеъ буда, 6 фасл, 41 боб ва 366 моддаро дар бар мегирад.

Фасли I «Муқаррароти умумӣ» ном гирифта, аз 14 модда, ки дар боби 1 гирд оварда шудаанд, иборат аст.

Фасли II «Муносибатҳои меҳнатӣ» номгузорӣ гардида, бобҳои 2 – 14-ро, ки аз моддаҳои 15 – 206 иборатанд, дар бар мегирад.

Фасли III «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон», аз бобҳои 15-28 иборат мебошанд, ки моддаҳои 207 – 288-ро дар бар мегиранд.

Фасли IV «Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат» ном гирифта, бобҳои 29 - 33 (моддаҳои 289 – 326)-ро дар бар мегирад.

Фасли V «Бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат» номгузорӣ шуда, бобҳои 34 - 38 (моддаҳои 327 – 358) - ро фаро мегирад.

Фасли VI «Муқаррароти хотимавӣ» ном дошта, аз бобҳои 39 - 41 (моддаҳои 359 – 366) иборат аст[1].

Ҳамчун намунаи қонунҳои мазкур, ки феълан мавриди амал қарор доранд, қонунҳои зеринро овардан мумкин аст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи иттифоқҳои касаба»; «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018, №1544 ва ғайра.

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста натанҳо тавассути қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зериқонунӣ сурат мегирад.

Санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии

[1] Ниг.: Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. –С. 20-21.

Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ аз зумраи санадҳои зериқонунӣ мебошанд.

Ба сифати намунаи санади зериқонунӣ, Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2018, № 535, оиди ҷонибдорӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2018, № 1011 оиди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ»-ро овардан мумкин аст.

Тибқи моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар доираи салоҳият баровардани фармонҳо дода шудааст.

Дар баробари чунин фармонҳо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое низ мебарорад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, манбаи ҳуқуқ, аз ҷумла соҳаи шуғлмандӣ маҳсуб меёбанд (масалан, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2018, №998; аз 6 марти соли 2019, №1231 дар бораи «Квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» ва «Квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ» ва ғайра.

Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қабили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ин Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷорӣ ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доранд.

Тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлӯҳои гуногуни меҳнати кормандон ҳаллу фасл мешаванд,

чунончӣ: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор» аз 1 августи соли 2008, №373, (бо тағйиру иловаҳо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.11.2014, №707); «Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор» аз 30 апрели соли 2004, №170 (бо тағйиру иловаҳо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2007, №363, аз 2.07.2009, №404, аз 5.11.2014, №707) ва ғайра.

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои шуғлмандӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста, нақши муайянро санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебозанд, ки одатан ба намудҳои гуногуни иловапулиҳои шаҳрвандони минтақаҳои дахлдор, вақти оғоз ва анҷоми кори ташкилот ва муассисаҳои соҳаи савдо, нақлиёт, хизматрасонӣ дахл доранд.

Дар радифи манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои шуғлмандӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) мавриди амал қарор мегиранд.

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948, Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, аз зумраи санадҳои байналмилалии умдае мебошанд, ки ҳамчун манбаъҳои муҳими танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои

одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш ва моддаи 24 Эъломия бошад, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба истироҳат ва фароғат эълон доштааст.

Дар Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд.

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста мавқеъ ва нақши Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои Созмони байналмилалии меҳнат (Минбаъд СБМ) бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои СБМ эътироф намудааст, аз ҷумла, Конвенсияи №29 «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 иштирокчии Конвенсияи №29-и СБМ «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ» мебошад. Конвенсияи мазкур ба рӯйхати ҳашт Конвенсияи бунёдии СБМ шомил аст ва протоколи болозикр ҳамчун қисми ҷудонопазири пурракунандаи он ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи Эъломияи СБМ «Дар бораи принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат» аз соли 1998, мамлакатҳо — иштирокчиёни СБМ уҳдадоранд ҳуқуқҳои асосиро, ки дар Конвенсияи бунёдии №29 инъикос гардидаанд, риоя намоянд. Ба ҳамин монанд, Конвенсияи №111 оид ба маҳдудсозии ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат ва касб; Конвенсияи №122 соли 1964 оид ба

сиёсат дар соҳаи шуғлмандӣ; Конвенсияи №90 соли 1948 оид ба меҳнати шабонаи наврасон дар саноат; Конвенсияи №138 оид ба синну соли ақал барои қабул ба кор; Конвенсияи №105 оид ба бекор кардани меҳнати маҷбурӣ; Конвенсияи №111 дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат; Конвенсияи №142 оид ба роҳнамоии касбӣ ва таълим дар соҳаи рушди захираҳои инсонӣ; Конвенсияи №159 оид ба барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон; Конвенсияи №149 оид ба шуғл ва шароити корӣ маъдан ва ҳаёти кормандони пиронсолон; Конвенсияи №179 дар бораи ба кор қабул кардан; Конвенсияи №52 соли 1936 оид ба рухсатиҳои ҳарсолаи боподош; Конвенсияи соли 1935 оид ба кӯтоҳ намудани вақти корӣ то чил соат дар як ҳафта; Конвенсияи №47 соли 1949 оид ба ҳифзи музди меҳнат; Конвенсияи №87 оид ба озодии иттиҳодияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба ташкилот ва ғайра[1].

**Моддаи 3. Шуғли аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда**

**Шаҳрвандон ҳуқуқи истисноии ихтиёрдорӣ намудани қобилияти худро ба меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ дошта, метавонанд ҳар гуна фаъолияти аз ҷониби қонунгузорӣ манънашударо иҷро намоянд. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст** *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137).*

**Давлат амалӣ гардонидани сиёсати мусоидат ба шуғли пурраю самаранок ва озодона интихобшударо, ки ба фароҳам овардани шароит бахри амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат нигаронида шудааст, кафолат медиҳад.**

---

[1]Ниг.: Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. –С. 24-25.

**Бешуғл будани шаҳрвандон барои ба ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноӣ ва дигар намуди ҷавобгарӣ кашидани онҳо асос шуда наметавонад.**

**Ба аҳолии шуғлнок (ё ба он баробар кардашуда) шаҳрвандони синнашон 15-сола ва аз он калонсоле мансубанд, ки дар давраи баррасишаванда:**

**- кори кирояро бо подош аз рӯи шарти вақти кории пурра ё нопурра иҷро менамоянд, инчунин соҳиби дигар намуди кори (хизмати) даромаднок мебошанд;**

**- мустақилона худро бо кор таъмин менамоянд, аз ҷумла шахсони ба соҳибкории хурд ва миёна, шахсони ба фаъолияти соҳибкории инфиродии меҳнатӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ машғулбуда, аъзои кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва аъзои оилаҳои онҳо, ки қитъаҳои замин гирифтаанд, хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд ва маҳсулоташонро дар асоси шартномаи тибқи қонунгузорӣ басташуда ба фурӯш мебароранд, дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ иштирок менамоянд, инчунин аъзои оилаи ба онҳо ёрирасонро бо кор таъмин менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 №472)*;

**- дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшунҳои воҳидҳои низомӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои байналмилалӣ хизмати ҳарбиро адо менамоянд;**

**- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар бахши рӯзона таҳсил ва ҳамзамон кори кирояро иҷро менамоянд, аз ҷумла бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таълим мегиранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137, аз 28.06.2011, №724)*;

**- дар ташкилотҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ ва муассисаҳои динӣе, ки фаъолияташон ба қонунугзории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошад, машғули коранд;**

**- соҳиби кор мебошанд, лекин дар ҷои кор бо сабаби корношоямӣ, рухсатӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, бозистодани истеҳсолот, аз он ҷумла бо сабаби корпартоӣ бавуҷудомада, даъват ба ҷамъомади ҳарбӣ ё дигар сабабҳо муваққатан ҳозир нестанд;**

**- ба вазифаи музднок дар мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ интихоб, таъин ва тасдиқ шудаанд;**

**- муассиси (иштирокчии) ташкилот мебошанд, ба истиснои муассисони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва ғайра, ҷамъиятҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо), ки нисбати ин ташкилотҳо ҳуқуқи молӣ надоранд;**

**- шаҳрвандони хориҷӣ, ки муваққатан дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба кор машғул буда, вазифаҳои новобаста ба таъмини фаъолияти сафоратхонаҳо, намояндаҳои дипломатӣ ва консулгариҳоро иҷро менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005 №137, аз 17.05.2018, №1526)*;

**- дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ адои ҷазо мекунанд;**

**- ба дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул мебошанд.**

**Шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғуланд, бо ҳамаи кафолатҳои ҳимояи иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд, ба шарте ки ҳатман аз даромади бадастовардашуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маблағи суғуртавиро пардохт намоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*.

**Тартиби баҳисобгирии собиқаи кор ва додани дафтарчаҳои меҳнатиро ба ин шаҳрвандон ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.**

Дар моддаи 3 Қонуни тафсиршаванда сухан дар бораи шуғли аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда меравад.

Шуғли аҳолӣ, ҳама гуна корҳои музднок ва фаъолияти меҳнатии фоидаовари ҷамъиятии шахсони қобили меҳнат, ки тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд ва баҳри қонеъ намудани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо фоида меоварад, фаҳмидан мумкин аст.

Ҳар як шахс ҳуқуқи истисноии ихтиёрдорӣ намудани қобилияти худро ба меҳнати фоидаовари ҷамъиятӣ чи дар намуди истеҳсолӣ ва чи дар намуди эҷодиро доро мебошад. Ӯ метавонанд ҳар гуна фаъолияти аз ҷониби қонунгузорӣ манънашуда ва иҷозатдодашударо иҷро намоянд.

Вобаста ба ин, шахс танҳо бо расидан ба синни балоғати меҳнатӣ қобилиҳуқуқии меҳнатиро доро мегардад. Аз лаҳзаи ба синни балоғати меҳнатӣ расидани шахси воқеӣ, инчунин қобиламалии меҳнатии ӯ низ ба миён меояд.

Чунин ҳолатро хусусияти шахсӣ доштани меҳнат сабаб мегардад. Танҳо шахси воқеӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ ва субъекти ҳуқуқи меҳнат, метавонад мустақилона ва мустақиман аз қобилияти меҳнатии хеш ихтиёрдорӣ намуда, онро амалӣ гардонад. Аз ин лиҳоз, истифода аз ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ тавассути намоянда номумкин аст.

Қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ (қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатӣ), ба қобилияти субъектҳуқуқии умумӣ, пурра, маҳдуд ва махсус тақсим мешавад. Қобилияти субъектҳуқуқии умумии меҳнатӣ бо расидани шахси воқеӣ ба синни понздаҳ, қобилияти пурраи субъектҳуқуқии меҳнатӣ бошад, бо расидан ба синни ҳаждаҳ фаро мерасад. Дар ҳолатҳои истисноӣ баҳри омодасозӣ ба меҳнати истеҳсолӣ ва

бо дарназардошти ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии талабагони макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро, ки ба синни чордаҳсола расидаанд, ба кор қабул намудан мумкин аст, бо шарте, ки якум, кори аз ҷониби чунин шахс иҷрошаванда ба гурӯҳи корҳои сабук мутааллиқ бошад, дуюм, кори иҷрошаванда ба саломатии ӯ зарар нарасонад, сеюм, иҷрои чунин кор раванди муътадили таълими (таҳсили) хонандаро халалдор насозад, чорум, барои иҷрои чунин кор розигии яке аз волидон ё шахсони ивазкунандаи онҳо гирифта шуда бошад. Ҳамин тавр, қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди шахси воқеӣ аз синни чордаҳсолагӣ ба вуҷуд омада, то расидан ба синни понздаҳсолагӣ идома меёбад.

Давлат амалӣ гардонидани сиёсати мусоидат ба шуғли пурраю самаранок ва озодона интихобшударо, ки ба фароҳам овардани шароит баҳри амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат нигаронида шудааст, кафолат медиҳад.

Озодии меҳнат яке аз унсурҳои муҳимтарини озодии инсон маҳсуб мешавад. Интихоби озодонаи навъи фаъолият ва касб, ихтиёрдории озодона аз қобилияти меҳнатӣ, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва манъи меҳнати маҷбурӣ, ҳифзи меҳнат, ҳуқуқ ба шароитҳои одилонаю мусоиди меҳнатӣ ва музди баробар барои иҷрои кори баробарқиммат, таҷассумгари озодии меҳнат мебошанд.

Зиёда аз он, озодии меҳнат ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат бояд барои шаҳрвандон кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ҷодаи меҳнат, эҷоди шароитҳои барои ҳаёт сазовор, камолоти касбӣ ва шахсият таъмин намояд.

Озодии меҳнат дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Шаҳрванд метавонад бо ин ё он корфармо ба муносибатҳои меҳнатӣ дохил шавад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бошад, дар асоси ин ё он намуди шартномаи гражданӣ корро иҷро кунад ё умуман кор накунад. Ҳуқуқи кор кардан, ҳуқуқи мустасноии шахс буда, танҳо ба ӯ тааллуқ дорад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Манъ будани меҳнати маҷбуриро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон доштааст (қисми сеюми моддаи 35). Қисми якуми моддаи 8 КМ ҶТ бошад, ин қоидаро айнан такрор намуда, аммо мафҳуми меҳнати маҷбур ва шаклҳои онҳоро муайян накардааст. Онҳо дар моддаи 1 Конвенсияи СБМ «Дар бораи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ» (№ 105, санаи қабул 25 июни соли 1957; санаи амал 17 январи соли 1959), номбар шудаанд. Мутобиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур, ҳар як давлати узви СБМ уҳдадор аст, ки меҳнати маҷбуриро барҳам диҳад ва кӯшиши дар ягон шакл истифода намудани онро накунад, масалан, аз он ба сифати василаи таъсиррасонӣ ё тарбия, муҷозот барои доро будан ба ақидаи сиёсӣ ё эътиқоди ғоявии хилофи низоми мавҷудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ, усули сафарбарӣ ва истифода намудани қувваи корӣ баҳри рушди иқтисодиёт, усули пуштибонӣ аз интизоми меҳнат ва таҳкими он, муҷозот барои иштирок дар корпартоии қонунӣ, чораи маҳдудкунӣ аз рӯи мансубияти нажодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ва ғайра, истифода набарад.

Бешуғл будани шахс барои татбиқ намудани ҷавобгарӣ, кадом намуди ҷавобгарие бошад онҳо асос шуда наметавонад.

Чи тавре дар боло зикр гардид, қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди шахси воқеӣ аз синни чордаҳсолагӣ ба вуҷуд омада, то расидан ба синни понздаҳсолагӣ идома меёбад.

Аз ин лиҳоз, ба аҳолии шуғлнок (ё ба он баробар кардашуда) шахсони синнашон понздаҳсола ва аз он калонсоле маҳсуб меёбанд, ки дар раванди он:

- кори кирояро музднок аз рӯи шарти вақти кории пурра ё нопурра иҷро менамоянд, инчунин соҳиби дигар намуди кори (хизмати) даромаднок мебошанд;

- мустақилона худро бо кор таъмин менамоянд, аз ҷумла шахсони ба соҳибкории хурд ва миёна, шахсони ба фаъолияти соҳибкории инфиродии меҳнатӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ машғулбуда, аъзои кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва аъзои оилаҳои онҳо, ки қитъаҳои замин гирифтаанд, хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд ва маҳсулоташонро дар асоси шартномаи тибқи қонунгузорӣ басташуда ба фурӯш мебароранд, дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ иштирок менамоянд, инчунин аъзои оилаи ба онҳо ёрирасонро бо кор таъмин менамоянд;

- дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшунҳои воҳидҳои низомӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои байналмилалӣ хизмати ҳарбиро адо менамоянд;

- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар бахши рӯзона таҳсил ва ҳамзамон кори кирояро иҷро менамоянд, аз ҷумла бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таълим мегиранд;

- дар ташкилотҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ ва муассисаҳои диние, ки фаъолияташон ба қонунугзории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошад, машғули коранд;

- соҳиби кор мебошанд, лекин дар ҷои кор бо сабаби корношоямӣ, рухсатӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос,

бозистодани истеҳсолот, аз он ҷумла бо сабаби корпартоӣ бавуҷудомада, даъват ба ҷамъомади ҳарбӣ ё дигар сабабҳо муваққатан ҳозир нестанд;

- ба вазифаи музднок дар мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ интихоб, таъин ва тасдиқ шудаанд;
- муассиси (иштирокчии) ташкилот мебошанд, ба истиснои муассисони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва ғайра, ҷамъиятҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо), ки нисбати ин ташкилотҳо ҳуқуқи молу мулкӣ надоранд;
- шаҳрвандони хориҷӣ, ки муваққатан дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба кор машғул буда, вазифаҳои новобаста ба таъмини фаъолияти сафоратхонаҳо, намояндаҳои дипломатӣ ва консулгариҳоро иҷро менамоянд;
- дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ адои ҷазо мекунанд;
- ба дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул мебошанд.

Шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғуланд, бо ҳамаи кафолатҳои ҳимояи иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд, ба шарте ки ҳатман аз даромади бадастовардашуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маблағи суғуртавиро пардохт намоянд.

Тартиби баҳисобгирии собиқаи кор ва додани дафтарчаҳои меҳнатиро ба ин шаҳрвандон ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад[1].

---

[1] Ниг. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.04, №368, бо тағйиру иловаҳо аз 2.11.2011 № 566 «Дар бораи тасдиқи Тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон».

**Моддаи 4. Шаҳрвандони бекор**

**Бақайдгирии шаҳрвандоне, ки дар ҷои истиқомати доимиашон ҳамчун шахсони бекор ва корҷӯянда ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат менамоянд, ҳангоми муроҷиати бевоситаашон бо пешниҳод кардани шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ ё ҳуҷҷатҳое, ки онҳоро иваз мекунанд, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси касбӣ, маълумот дар бораи музди меҳнати миёна дар ду моҳи охир аз ҷои кори охирин, анҷом дода мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Шаҳрвандоне бекор дониста намешаванд, ки:**

**- ба синни 15-солагӣ нарасида бошанд;**

**- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нафақа ба синни нафақа расидаанд, ғайр аз шаҳрвандоне, ки аз рӯи маъюбӣ нафақа мегиранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*;

**- аз иҷора додани моликият, қитъаи замин, воситаҳои нақлиёт ва амволи ғайриманқул дар ҳаҷми на камтар аз 12 маоши ҳадди ақал дар як сол даромад доранд;**

**- дар муддати 10 рӯзи баъди ба қайд гирифтани онҳо дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ду намуди ҷои кори мувофиқро рад кардаанд, шахсоне, ки бори аввал кор меҷӯянду касб (ихтисос) надоранд, дар сурати ду маротиба рад намудани гирифтани тайёрии касбӣ ё таклиф ба кори музднок, аз ҷумла коре, ки хусусияти муваққатӣ дорад. Шаҳрванди корҷӯянда ду бор ба ҳамон як ҷои кор (ё як ҷои таълим) пешниҳод карда намешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- дар давоми 10 рӯзи баъди ба қайд гирифтан барои ёфтани кори мувофиқ, бе сабабҳои узрнок, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои ба онҳо пешниҳод намудани кори мувофиқ наомадаанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- ҳуҷҷатҳои маълумоти ошкоро дурӯғ доштаро дар бораи набудани кор, музд ва машғулияти даромаднок, инчунин дигар**

**маълумоти нодурустро барои бекор донистани онҳо пешниҳод намудаанд.**

**Ёрдампулии ҳангоми аз кор озодшавӣ пардохташаванда ва музди миёнаи меҳнати нигоҳдошташавандаи шаҳрвандони аз ташкилотҳо, аз кор (аз хизмати ҳарбӣ) бинобар барҳамдиҳӣ, ихтисори шумора ё воҳиди корӣ озодшуда ҳамчун музд ба ҳисоб гирифта намешавад** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526)*.

**Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекорро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Дар моддаи 4 Қонуни тафсиршаванда сухан дар бораи шаҳрвандони бекор меравад.

Зери мафҳуми шаҳрвандони бекор, шаҳрвандони синну соли қобили меҳнате, ки дар давраи баррасишаванда кор, музди меҳнат ва шуғли даромаднок надоранд, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё хадамоти дигари шуғли аҳолӣ тавассути истифода ва ҷойгир намудани эълонҳо дар матбуот, муроҷиати бевосита ба корфармоён, истифодаи усулҳои дигар, аз ҷумла ташкили кори инфиродӣ ба ҷустуҷӯи кор машғул буданд, метавонанд ва тайёр ҳастанд ба кор шурӯъ намоянд, фаҳмида мешавад.

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда бақайдгирии шаҳрвандоне, ки дар ҷои истиқомати доимиашон ҳамчун шахсони бекор ва корҷӯянда ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат менамоянд, ҳангоми муроҷиати бевоситаашон бо пешниҳод кардани шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки онҳоро иваз мекунанд, инчунин, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тахассуси касбӣ, маълумот дар бораи музди меҳнати миёна дар ду моҳи охир аз ҷои кори охирин, анҷом дода мешавад.

Мутобиқи муқаррароти сархати якуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шаҳрванде бекор дониста намешаванд, ки ба синни 15-солагӣ нарасида бошанд.

Вобаста ба ин, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки тибқи муқаррароти моддаи 21 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи тарафҳои шартномаи меҳнатӣ меравад, шаҳрванди ба синни понздаҳ расида, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад (қ.2 м.21 КМ ҶТ).

Яъне, шаҳрванде, ки ба синни понздаҳ расидааст, дорои танҳо қобилияти субъектҳуқуқии умумии меҳнатӣ мегардад. Чунки қобилияти субъектҳуқуқии умумии меҳнатӣ бо расидани шахси воқеӣ ба синни понздаҳ, қобилияти пурраи субъектҳуқуқии меҳнатӣ бошад, бо расидан ба синни ҳаждаҳ фаро мерасад. Дар ҳолатҳои истисноӣ баҳри омодасозӣ ба меҳнати истеҳсолӣ ва бо дарназардошти ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии талабагони макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро, ки ба синни чордаҳсола расидаанд, ба кор қабул намудан мумкин аст, бо шарте, ки якум, кори аз ҷониби чунин шахс иҷрошаванда ба гурӯҳи корҳои сабук мутааллиқ бошад, дуюм, кори иҷрошаванда ба саломатии ӯ зарар нарасонад, сеюм, иҷрои чунин кор раванди муътадили таълими (таҳсили) хонандаро халалдор насозад, чорум, барои иҷрои чунин кор розигии яке аз волидон ё шахсони ивазкунандаи онҳо гирифта шуда бошад. Ҳамин тавр, қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди шахси воқеӣ аз синни чордаҳсолагӣ ба вуҷуд омада, то расидан ба синни понздаҳсолагӣ идома меёбад.

Мутобиқи муқаррароти сархати дуюми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, шаҳрванде бекор дониста намешаванд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар бораи нафақа ба синни нафақа расидаанд, ғайр аз шаҳрвандоне, ки аз рӯи маъюбӣ нафақа мегиранд.

Бояд тазаккур дод, ки қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ ба инсон дар тӯли тамоми ҳаёти ӯ тааллуқ дорад. Бо вуҷуди он, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон», барои ба нафақаи пиронсолӣ баромадани мардҳо синни 63 ва доштани 25 сол собиқаи корӣ, занҳо бошад, расидан ба синни 58- солагӣ ва доштани 20 сол собиқаи кориро муқаррар намудааст, ки он хусусияти умумӣ дошта, корманд, метавонад баъд аз нафақа баромадан, дар доираи қарордоди меҳнатӣ ва бо созиши ҷонибҳо, фаъолияти меҳнатиро давом диҳад.

Инчунин, қонунгузор дар мавриди ишғоли баъзе мансабу вазифаҳо синни ниҳоиро муқаррар намудааст (масалан, барои ишғоли мансаби хизматчии давлатӣ 58 барои занон, 63 барои мардон (моддаи 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ»), барои ишғоли вазифаи судя 58 барои занон, 63 барои мардон (моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяҳо»). Аммо баъди мутаносибан расидан ба синни 58 ва 63, чунин шахсон метавонанд дар дигар мансабу вазифаҳое, ки барои ишғолашон синну соли ниҳоӣ муқаррар нашудааст, кору фаъолият намоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ки сухан дар бораи шартҳои таъини нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол меравад, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол барои мардҳо ҳангоми расидан ба синни 63 ва барои занҳо ҳангоми расидан ба синни 58 аз рӯи шартҳои зерин таъин карда мешавад:

- иҷрои уҳдадориҳо оид ба пардохти саҳмҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандаҳо (корфармоён), бевосита аз ҷониби худи шахсони суғурташаванда ё ба ҷойи онҳо;

- мавҷуд будани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ барои мардҳо ва на камтар аз 240 моҳ барои занҳо.

Ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд ва доимӣ истиқомат мекунанд, нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол таъин карда мешаванд:

- ба мардҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

- ба занҳо - пас аз расидан ба синни 48 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ.

Инчунин, ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо шахсони зерин ҳуқуқ доранд:

Шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 58 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ, ва на камтар аз 120 моҳи он дар ноҳияи Мурғоб;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ ва на камтар аз 96 моҳи он дар ноҳияи Мурғоб;

Шахсони гирифтори касалиҳои нанизми гипофизарӣ (лилипутҳо) ва паканаҳои номутаносиб:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 48 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 43 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ;

Маъюбони гурӯҳи I аз рӯи биноӣ:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 43 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 120 моҳ;

Иштирокчиёни рафъи оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил:

- мардҳо - пас аз расидан ба синни 58 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ;

- занҳо - пас аз расидан ба синни 53 ва дар сурати доштани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ;

Занҳое, ки 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб доранд ва ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд, дар сурати собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ доштан ҳуқуқи ба нафақа баромаданро пас аз расидан ба синни 53 доранд;

Занҳое, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор ва доимӣ истиқомат карда, 5 ва зиёда аз он кӯдак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 тарбия намудаанд ё кӯдаки маъюб дошта, ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд, дар сурати собиқаи суғуртавии на камтар аз 180 моҳ доштан ҳуқуқи ба нафақа баромаданро пас аз расидан ба синни 43 доранд.

Тибқи муқаррароти сархати сеюми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шахсоне, ки тибқи қонунгузории амалкунанда молу мулки худро дар кадом шакле набошад (амволи манқул ё ғайриманқул) ба иҷора додаасту дар ҳаҷми на камтар аз 12 маоши ҳадди ақал дар як сол даромад ба даст меоранд шаҳрвандони бекор дониста намешаванд.

Ҳадди ақали музди меҳнат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи сархати чоруми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шахсоне, ки дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанду ва дар муддати 10 рӯзи баъди ба қайд гирифтани онҳо ду намуди ҷойи кори мувофиқ пешниҳод шудааст, аммо онро рад кардаанд, инчунин, шахсоне, ки маротиби аввал кор меҷӯянду касб (ихтисос)

надоранд, дар сурати ду маротиба рад намудани гирифтани тайёрии касбӣ ё таклиф ба кори музднок, аз ҷумла коре, ки хусусияти муваққатӣ дорад, шаҳрванди бекор дониста намешаванд.

Ба шахси корҷӯянда ду маротиба ба ҳамон як ҷойи кор (ё як ҷойи таълим) пешниҳод карда намешавад.

Сархати панҷуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда бекор дониста нашудани шахсро чунин пешбинӣ намудааст, шахсе, ки дар давоми 10 рӯзи баъди ба қайд гирифтан барои ёфтани кори мувофиқ, бе сабабҳои узрнок, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои ба онҳо пешниҳод намудани кори мувофиқ наомадаанд.

Сархати шашуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шахсонеро, ки ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳуҷҷатҳои маълумоти ошкоро дурӯғ доштаро дар бораи набудани кор, музд ва машғулияти даромаднок, инчунин дигар маълумоти нодурустро барои бекор донистани онҳо пешниҳод намудаанд, яъне, бо роҳи фиреб додан, шахси бекор дониста намешавад.

Фиреб маънои онро дорад, ки шахс бадқасдона мақомоти давлатии шуғли аҳолиро ба иштибоҳ меандозад, ки он боиси ба вуҷуд омадани тасаввуроти нодурусти тарафҳо дар бораи мазмуну муҳтавои шартнома мегардад.

Фиреб бо роҳи дурӯғ гуфтан, зикр накардан ва (ё) пинҳон доштани чизе сурат мегирад, яъне дар фаъолона содир намудани амалӣ он (масалан, аз тарафи шахс зимни бастани шартнома пешниҳод намудани асноду ҳуҷҷатҳои қалбакӣ.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда ёрдампулии ҳангоми аз кор озодшавӣ пардохташаванда ва музди миёнаи меҳнати нигоҳдошташавандаи шаҳрвандони аз ташкилотҳо, аз кор (аз хизмати ҳарбӣ) бинобар барҳамдиҳӣ, ихтисори

шумора ё воҳиди корӣ озодшуда ҳамчун музд ба ҳисоб гирифта намешавад.

Дар сархати 1 қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ якчанд асоси бекор намудани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст: барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо-шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон.

Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ (ташкилот) баъди дар ин хусус ворид намудани сабт ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ баитмомрасида ва шахси ҳуқуқӣ бошад, барҳамдодашуда эътироф карда мешавад (қисми 8 моддаи 64 КГ ҶТ).

Ҳангоми бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо-шахси воқеӣ, бояд талаботҳои моддаи 44 ва сархати 1 қисми 1 моддаи 45 КМ ҶТ риоя шаванд.

Қисми 1 моддаи 45 КМ ҶТ корфарморо ухдададор месозад, ки дар муҳлатҳои кормандро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, ки дар муҳлатҳои дар сархатҳои 1 ва 2 он муқарраршуда кормандро дар хусуси бо ӯ бекор намудани шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташуда, ба таври хаттӣ огоҳ намояд.

Корманд бо гузоштани имзо ба огоҳнома, бо мазмуни муҳтавои он шинос шуданашро тасдиқ мекунад.

Ҳадаф аз пешакӣ огоҳ намудан корманд дар хусуси бо ӯ қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ, аз он иборат аст, ки корманд имконият дошта бошад, дар муҳлатҳои муқарраркардаи моддаи 45 КМ ҶТ дигар кори муносибро пайдо намояд. Ҷиҳати пайдо намудани дигар ҷойи кор, корманд ҳуқуқ дорад дар давраи огоҳонӣ ҳафтае на камтар аз як рӯз ба кор набарояд. Рӯзҳо барои ҷустуҷӯи дигар кори муносиб дар мувофиқа бо корфармо, зиёд шуданашон

мумкин аст. Дар рӯзҳои паи ҷустуҷӯи кор будани корманд, музди кори ӯ нигоҳ дошта мешавад.

Шартномаи меҳнатӣ мумкин аст то ба охир расидани муҳлати огоҳонӣ қатъ карда шавад, ба шарте, ки дар ин бора байни тарафҳои шартнома мувофиқа ҳосил шуда бошад. Дар сурати мавриди пеш аз ба охир расидани муҳлати огоҳонӣ қатъ ё бекор намудани шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташуда, барои ҳар рӯзи боқимондаи то ба охир расидани муҳлатҳои мазкур ба корманд дар ҳаҷми на камтар аз музди миёнаи рӯзи корӣ ҷубронпулӣ дода мешавад.

Қисми 4 моддаи 45 КМ ҶТ корфарморо уҳдадор намудааст, ки дар муҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз кор озодшавии дарпешистодаи кормандон бо нишон додани ихтисос, дараҷаи касбӣ ва ҳаҷми музди меҳнати онҳо ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ маълумот диҳад. Мутобиқи талаботи қисми дуюми моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», корфармоён вазифадоранд на дертар аз ду моҳ ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти хадамоти шуғл ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии кормандон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисори шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос ва андозаи музди меҳнати кормандони аз кор озодшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

Дигар асоси бо ташаббуси корфармо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон маҳсуб меёбад. Бо ташабуси корфармо бо

корманд бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори воҳиди корӣ ё шумораи кормандон дар сурате асоснок ва қонунӣ эътироф мегардад, ки агар шартҳои муайян риоя шуда бошанд. Якум, ихтисори воқеии шумора ё воҳиди кории кормандон ҷой дошта бошад. Воқеан ҷой доштан ё надоштани ихтисори шумора ё воҳиди кории кормандон бо ҷадвали воҳидҳои кории ташкилот, ки бо тартиби муқарраргардида тасдиқ шудааст, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, ки дар бораи шумораи кормандон ё воҳиди кории кормандро шаҳодат медиҳанд, собит мешавад. Дуюм, ба корманд дар ҳамон ташкилот дигар кор пешниҳод шуда бошад. Сеюм, муқаррароти моддаи 43 КМ ҶТ риоя шуда бошад (нигаред ба моддаи мазкур ва тафсири он). Чорум, дар хусуси бо ин асосҳо бо корманд бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, корманд бо гузоштани имзо ду моҳ қабл дар хусуси аз кор озод намудани ӯ огоҳонида шуда бошад. Панҷум, корфармо бо сабаби ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон бекор намудани шартномаи меҳнатиро бо Кумитаи иттифоқи касаба ё дигар намояндаи кормандон мувофиқа карда бошад (м. 44 КМ ҶТ).

Агар, корфармо ҳангоми бо ин асосҳо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ҳатто яке аз ин шартҳои пешбинишударо риоя накунад, бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ғайриқонунӣ дониста шуда, суд аризаи даъвогии корманд дар хусуси ба кор барқарор намудани ӯро қонеъ мегардонад.

Қисми чоруми моддаи 4 Қонуни тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, муайян намудани тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекорро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола дода истодааст.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, №170 Дар бораи «Тартиби бақайдгирии

шаҳрвандони бекор»[1], ки он аз шаш боб иборат буда, мутобиқи моддаи тафсиршаванда таҳия шуда, пайдарҳамии бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯйро, ки бо мақсади бо кор таъмин шудан ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намудаанд, муқаррар менамояд.

Бақайдгирии шаҳрвандони бекор аз тарафи мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ тартиби зайл анҷом дода мешавад:

- бақайдгирии ибтидоии шаҳрвандони корҷӯй;
- бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ;
- бақайдгирии шаҳрвандон ба сифати бекор;
- азнавбақайдгирии шаҳрвандони бекор.

Мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳар як марҳилаи бақайдгирӣ ҳисоби алоҳидаи бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯйро ба роҳ мемонад. Шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоби бақайдгирии шаҳрвандони бекорро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Дар боби дуюми Қарор сухан дар бораи бақайдгирии ибтидоии шаҳрвандони корҷӯй меравад.

Бақайдгирии ибтидоии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади баҳисобгирии шумораи умумии шаҳрвандони корҷӯй амалӣ мегардад, зимнан дар ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ маълумоти зерин зикр карда мешаванд: ному насаби шаҳрванди муроҷиаткунанда, нишонӣ, синну сол, ҷинсият, маълумот, ихтисос (касб), муносибат ба шуғл, сабаби муроҷиат ва мазмуни мухтасари маълумот (хизматрасонӣ) оид ба масъалаҳои ба шаҳрванд дахлдошта.

---

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, №170, бо тағйиру иловаҳо аз 30.06.2007, №363, аз 2.07.2009, №404, аз 5.11.2014, №707.

Ҳангоми бақайдгирӣ ба шаҳрвандони корҷӯй маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад:

- дар бораи ҳолати бозори меҳнат дар минтақаи дахлдор;
- дар бораи мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ (вазифаҳо), хаҷми маош ва шароити дигари меҳнат бо мақсади интихоби кор;
- дар бораи имкониятҳо оид ба тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
- дар бораи тартиб ва шартҳои бақайдгирӣ бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кори мувофиқ, бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирӣ;
- дар бораи ҳуқуқу масъулиятҳо дар соҳаи шуғли аҳолӣ ва ҳимоя аз бекорӣ.

Боби сеюми Қарор бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқро пешбинӣ намудааст.

Барои бақайдгирӣ бо мақсади ҷӯстуҷӯи кори мувофиқ шаҳрвандони корҷӯй ба мақомоти хадамоти шуғли аҳолии ҷойи истиқомат маълумот дар бораи музди меҳнати миёнаи ду моҳи охир дар ҷойи кори охирин, ки тибқи тартиби муқарраргардида дода шудааст, шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият, дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассусро пешниҳод менамоянд.

Шахсони бори аввал корҷӯяндае, ки касб ё ихтисос надоранд, шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар бораи маълумотро пешниҳод менамоянд.

Маъюбон илова ба ҳуҷҷатҳои зикршуда тавсияи меҳнатӣ, хулосаи хусусияти тавсиявидошта ва шароити меҳнатро пешниҳод менамоянд, ё барномаи инфиродии барқарорсозии ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй ҳангоми муроҷиати шахсии онҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда, анҷом дода мешавад.

Нусхаҳои ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда бояд ҳатман дар парвандаҳои шахсии шаҳрвандони бекор нигоҳ дошта шаванд.

Мавҷуд набудани яке аз ин ҳуҷҷатҳо барои ба қайд нагирифтани шаҳрванд ҳамчун шахси бекор, асос шуда метавонад.

Мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳуқуқи талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагиро надоранд.

Шаҳрвандоне, ки аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё аз дигар сохторҳои низомӣ ҷавоб шудаанд, билети ҳарбӣ ва шаҳрвандоне, ки бо қарори суд аз муассисаҳои ислоҳотию меҳнатӣ тибқи Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод шудаанд, маълумотномаи озодшавӣ пешниҳод менамоянд.

Шаҳрвандоне, ки пештар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, оид ба ҳиссагузаронӣ бояд ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқаи суғуртавӣ) ва дар хусуси даромад аз мақомоти дахлдори андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз рӯзи бақайдгирии шаҳрванд дар муддати 10 рӯз бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ ба ӯ аз рӯи имкониятҳои мавҷуда намудҳои кори мувофиқ, аз ҷумла корҳои хусусияти муваққатӣ доштаи шаҳрвандони ихтисос ва касб надошта бошанд, намудҳои касбу ихтисосҳое, ки мавриди талаботи бозори меҳнат мебошанд, роҳҳои ба даст овардани бозомӯзии касбиро бояд пешниҳод намояд. Бо мақсади мусоидат дар таъминкунии шаҳрванд бо кор нақшаи ҷустуҷӯи мустақилонаи кор метавонад пешниҳод гардад.

Расонидани ёрӣ ба шаҳрвандони бекор, барои ҷустуҷӯи кори мувофиқ дар асоси мавҷудияти ҷойҳои холии корӣ

(вазифаҳо) дар маҳзани маълумоти мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ амалӣ гардонида мешавад.

Роҳ дода намешаванд:

- бо мақсади ба кор таъминшавӣ фиристонидани шаҳрвандони корҷӯй ба ташкилотҳо бе тасдиқи мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ (вазифаҳо) дар онҳо;

- даъват намудани шаҳрвандон ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бештар аз як маротиба дар як моҳ, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин даъват бо пешниҳоди кори мувофиқ ё пешниҳод дар бораи иштирок дар барномаҳои махсуси мусоидат ба шуғл вобаста бошад.

Барои ҳар як нафар шаҳрванди бекор, ки бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ ба қайд гирифта шудааст, парвандаи шахсӣ тартиб дода мешавад. Дар парвандаи шахсӣ дар бораи ҳамаи таклифҳои мақомот оид ба масъалаҳои шуғл, аз ҷумла, пешниҳоди кори мувофиқ, фиристонидан ба назди корфармо, омӯзиши касб, даъвати шаҳрванд ба мақомот оид ба масъалаҳои шуғл ва дигар амалҳои ба ҷустуҷӯи кори мувофиқ вобаста, инчунин розигии (радкунӣ) шаҳрванд аз пешниҳодоти мақомот оид ба масъалаҳои шуғл қайдҳо сабт карда мешавад.

Шартҳои парвандаи шахсӣ, тартиби пешбурд ва нигоҳдории онро Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Боби чоруми он сухан дар бораи амалӣ намудани бақайдгирии шаҳрвандон ба сифати шахсони бекор меравад.

Бақайдгирии шаҳрванд ба сифати шахси бекор дар асоси қарори мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар бораи эътирофи шаҳрванд ҳамчун шахси бекор на дертар аз рӯзи 11-уми тақвимӣ аз лаҳзаи бақайдгирии он бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ анҷом дода мешавад.

Ҳамчун бекор эътироф кардани шаҳрванд аз тарафи мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мутобиқи моддаҳои 1 ва 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" анҷом дода мешавад. Дар ҳолати зарурӣ шаҳрванд нусхаи эъломия доир ба пардохти андоз аз даромадро, аз мақомоти дахлдори андоз ва маълумотнома оид ба нафақахӯр набудани вай аз раёсати (шӯъбаи) Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли зист пешниҳод менамояд.

Санаи бақайдгирии шаҳрванд ба сифати шахси бекор рӯзи қабули қарори мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар бораи чун шахси бекор эътироф намудани шаҳрванд ҳисобида мешавад.

Шаҳрвандоне, ки тибқи тартиби муқарраршуда бақайдгириашон ба сифати бекор рад гардидааст, ҳуқуқ доранд, такроран баъд аз як моҳ ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои ҳалли масъалаи бақайдгирии онҳо ҳамчун шахсони бекор муроҷиат намоянд.

Дар ҳолати рад намудани бақайдгирии шаҳрванд ҳамчун шахси бекор, мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ бо ҳатман сабт намудани қайдҳо дар парвандаи шахсӣ, дар бораи қарори қабулшуда ва сабабҳои радкунӣ ӯро огоҳ менамоянд.

Боби панҷуми он сухан дар бораи амалӣ намудани аз нав бақайдгирии шаҳрвандон ба сифати шахсони бекор меравад.

Шаҳрвандоне, ки ба сифати шахсони бекор эътироф шудаанд, вазифадоранд, ки дар як моҳ на камтар аз як маротиба аз қайд гузаранд.

Ҳангоми азнавбақайдгирӣ шаҳрвандони бекор вазифадоранд, ки шиноснома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод намоянд.

Ҳангоми дар холати мастӣ, аз истеъмоли машрубот, маводи мухаддир ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда барои азнавбақайдгирӣ омадани шаҳрванди бекор, далели мастии ӯро кормандони мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ муайян намуда, санад (бо нишон додани таърихи рӯз, ҷой ва вақти тартибдиҳӣ) тартиб медиҳанд. Ҳангоми зарурат далели мастиро метавон бо роҳи гузаронидани ташхиси тиббӣ бо хулосаи дахлдори тасдиқшуда муайян кард.

Боби шашуми Қарор сухан дар бораи тартиби амалӣ намудани азқайдбарории шаҳрвандони бекор меравад.

Азқайдбарории шаҳрвандони бекор аз тарафи мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- эътироф гардидани шуғл доштани шаҳрвандон мутобиқи Қонуни мазкур;
- дар муддати 10 рӯз аз рӯзи бақайдгирии онҳо бе сабаби узрнок ҳозир нашудан барои пешниҳоди кори мувофиқ ба мақомоти хадамоти шуғл, инчунин ҳозир нашудан дар муҳлати муқаррарнамудаи мақомоти хадамоти шуғл барои бақайдгирӣ ҳамчун шахсони бекор;
- муддати тӯлонӣ (зиёда аз ду моҳ) бе сабабҳои узрнок оид ба масъалаҳои шуғл ба мақомот ҳозир нашудан;
- кӯчидани шаҳрванди бекор ба маҳали дигар;
- муқаррар намудани сӯистеъмолкунии шаҳрвандон, (пинҳон) намудани маълумот оид ба музди меҳнат (даромад), пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти бардурӯғ, инчунин дигар маълумоти нодуруст барои ҳамчун бекор эътироф намудани онҳо ва ғайра);
- маҳкум намудан ба ҷазо дар шакли маҳрумият аз озодӣ;
- таъин намудани нафақа мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нафақа.

Шаҳрвандони бекор дар асоси қарори мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз қайд бароварда мешаванд.

Масъулиятро барои ташкили кор оид ба бақайдгирии шаҳрвандони бекор, роҳбари мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба зимма дорад.

Шахсоне, ки тартиби муқарраргардидаи бақайдгирии шаҳрвандони бекорро вайрон мекунанд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 5. Кори мувофиқ**

**Дар сурати ғайриимкон будани пешниҳоди кор ба шаҳрванд аз рӯи ихтисос, коре, ки иваз намудани ихтисосро бо назардошти қобилияти шаҳрванд, таҷрибаи пешина ва барои ӯ дастрас будани воситаҳои таълимиро талаб менамояд, мувофиқ диниста мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472).*

**Кори музднок, аз он ҷумла кори хусусияти муваққатӣ дошта ва корҳои ҷамъиятӣ, ки тайёрии пешакиро талаб мекунад ё намекунад (бо дарназардошти хусусиятҳои синну сол ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон) ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ҷавобгӯ мебошад, барои шаҳрвандони зерине мувофиқ дониста мешавад, ки:**

**- бори аввал кор меҷӯянд (пештар кор намекарданд, ихтисос надоранд, дар давоми як соли пеш аз саршавии бекорӣ зиёда аз як бор барои вайрон намудани интизоми меҳнатӣ ва дигар амалҳои гунаҳкорона, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, аз кор озод карда шудаанд, пештар бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, баъди танаффуси тӯлонӣ (зиёда аз як сол) кӯшиши барқарор намудани фаъолияти меҳнатиро доранд, инчунин бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба таҳсил**

**фиристода, барои амали гунаҳкорона хориҷ карда шудаанд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724)*;

**- баланд бардоштани (барқарор намудани) дараҷаи ихтисос аз рӯи касби (ихтисоси) мавҷуда, гирифтани ихтисоси ба ҳам наздик ё аз бозомӯзӣ гузаштанро рад кардаанд;**

**- дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ зиёда аз 12 моҳ буда, инчунин зиёда аз ду сол кор накардаанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ баъди ба анҷом расидани корҳои мавсимӣ муроҷиат намудаанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Кор мувофиқ дониста намешавад, агар:**

**- он бо иваз намудани ҷои истиқомат бе розигии шаҳрванд вобаста бошад;**

**- он дар маҳале дода шавад, ки дар он ҷо шароити манзилӣ ва дигар шароити зист назар ба оне, ки корманд то муроҷиат кардан ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дошт, номусоидтар бошад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- шароити меҳнат ба қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат мувофиқат накунад;**

**- рад кардани ин кор бо сабабҳои узрнок, вазъияти шахсӣ ё оилавӣ асоснок шуда бошад.**

**Бо қарори маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дигар дараҷаҳои кори мувофиқ муқаррар шуданаш мумкин аст, ки ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандонро пурзӯр менамояд.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи кори мувофиқ меравад, ки мафҳуми онро дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дидан мумкин аст.

Зери мафҳуми кори мувофиқ, кореро, ки онро шахс иҷро карда метавонад, ба ҷинс, маълумот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ, шароитҳои ҷойи кори охирин (ба истиснои корҳои ҷамъиятии музднок), вазъи

саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳалли зисти шахс начандон дур (на зиёда аз як соат дар роҳ) ҷойгир шудааст ва музди меҳнат барои он дар сатҳи на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақали расман муқарраршуда кафолат дода мешавад, фаҳмида мешавад.

Мутобиқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда дар сурати ғайриимкон будани пешниҳоди кор ба шаҳрванд аз рӯи ихтисос, коре, ки иваз намудани ихтисосро бо назардошти қобилияти шаҳрванд, таҷрибаи пешина ва барои ӯ дастрас будани воситаҳои таълимиро талаб менамояд, мувофиқ дониста мешавад.

Қисми 1 моддаи 36 КМ ҶТ имконият ва зарурати бо ташаббуси корманд муваққатан ба кори дигар гузарониданро бо ҷой доштани сабабҳои узрнок ва дар ташкилот мавҷуд будани кори мувофиқ, вобаста месозад.

Номгӯи сабабҳои узрноку зарурӣ барои муваққатан ба кори дигар гузаронидани корманд ва тартиби пардохти музди меҳнат ӯро моддаҳои дахлдори КМ ҶТ, шартномаи коллективӣ ва агар чунин шартнома баста нашуда бошад, созиши корфармо ва корманд, муайян мекунанд.

Сабабҳои узрнок барои бо ташаббуси корманд муваққатан ба дигар кор гузаронидани ӯ, аз ҷумла дар моддаи 221 ва қисми 1 моддаи 338 КМ ҶТ муайян шудаанд.

Кори музднок, аз он ҷумла кори хусусияти муваққатӣ дошта ва корҳои ҷамъиятӣ, ки тайёрии пешакиро талаб мекунад ё намекунад (бо дарназардошти хусусиятҳои синну сол ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон) ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ҷавобгӯ мебошад, масалан тибқи муқаррароти моддаи 142 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи таркиби музди меҳнат меравад, музди меҳнат аз ҳиссаҳои доимӣ ва тағйирёбанда иборат аст.

Ҳиссаи соатбайъ ва ё моҳонаи тарифӣ (маош), ҳиссаи доимии музди меҳнатро ташкил медиҳанд.

Ҳиссаи тағйирёбандаи музди меҳнат бошад, аз натиҷаи кори иҷрошуда вобаста буда, аз ҳисоби иловапулиҳои гуногун, ҷубронпулиҳо барои тахассус, собиқаи корӣ, дараҷа ва унвони илмӣ, мукофотпулиҳо барои сифати кор, барои аз миқдор зиёд истеҳсол намудани маҳсулот ва ғайра, ташаккул меёбад.

Ҳангоми ҷой доштани якчанд омилҳо, ҳар яке дар алоҳидагӣ ҳисоб карда шуда, ба ҳиссаи доимии музди меҳнати корманд ҷамъ ва дар якҷоягӣ бо он пардохта мешаванд.

Мувофиқ донистани кори музднок ба шахс якчанд хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Якум, бори аввал дар ҷустуҷӯйи кор мебошанд, қаблан дар ягон ҷой кор намекарданд, соҳиби ихтисос нестанд, дар давоми як соли қабл аз саршавии бекорӣ зиёда аз як бор барои вайрон намудани интизоми меҳнатӣ ва дигар амалҳои гунаҳкорона, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, аз кор озод карда шудаанд, пештар бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, баъди танаффуси тӯлонӣ (зиёда аз як сол) кӯшиши барқарор намудани фаъолияти меҳнатро доранд, инчунин бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба таҳсил фиристода, барои амали гунаҳкорона хориҷ карда шудаанд. Дуюм, дар сурати надоштани ихтисоси зарурии касбӣ, баҳри баланд бардоштани (барқарор намудани) дараҷаи ихтисос аз рӯи касби (ихтисоси) мавҷудбуда, гирифтани ихтисоси ба ҳам наздик ё аз бозомӯзӣ гузаштанро рад кардаанд. Сеюм, ҳатмӣ будани шахс дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ на камтар аз 12 моҳи тақвимӣ, инчунин зиёда аз ду сол дар ягон ҷой кор накардаанд. Чорум, баъд аз

ба анҷом расидани корҳои мавсимӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат намудани шахс.

Инчунин, қонунгузор якчанд ҳолатҳоро номбар намудааст, ки кори мувофиқ дониста намешавад. Якум, агар ҷойи кори қаблӣ бо иваз намудани ҷойи истиқомат бе розигии шаҳрванд вобастагӣ дошта бошад. Дуюм, ҷойи кор дар маҳале пешниҳод шавад, ки дар он ҷо шароити номусоиди манзилӣ ва дигар шароити зист нисбат ба то муроҷиат намудан ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ корманд дошт. Сеюм, шароити меҳнат ба қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат мувофиқат накунад, яъне, маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои таъмини ҳифзи кормандон дар раванди фаъолияти меҳнатӣ равона шуда, таъсири омилҳои хатарнок ва зараровари истеҳсолиро истисно мекунанд. Чорум, аз ҷониби шахс рад намудани кори мавҷуда бо сабабҳои узрнок, вазъияти шахсӣ ё оилавӣ асоснок шуда бошад.

Бахри пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар маҳалҳо бо қарори маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, дигар дараҷаҳои кори мувофиқ муқаррар шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 6. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Давлат сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғл пеш мебарад.**

**Сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба принсипҳои зайл асос меёбад:**

**- меҳнати ихтиёрӣ, ки мувофиқи он шуғл ба изҳори озодонаи иродаи шаҳрвандон асос меёбад;**

**- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ,**

**мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар интихоби озодонаи машғулият;**

**- фароҳам овардани шароите, ки ҳаёти сазовор ва инкишофи озодонаи инсонро таъмин менамояд;**

**- дастгирӣ намудани ташаббуси меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандон, мусоидат намудан ба инкишофи қобилияти онҳо нисбат ба меҳнати самаранок ва эҷодӣ, ки дар доираи қонуният амалӣ мегардад;**

**- тамоюли системаи маориф ба тайёр намудани кадрҳо мувофиқи талаботи бозори меҳнат;**

**- таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, гузаронидани чорабиниҳои махсус, ки барои ба машғулият фаро гирифтани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан муҳтоҷ ва дар ҷустуҷӯи кор душворикашанда мусоидат менамоянд;**

**- ҳатмӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бо мақсади амалӣ намудани суғуртаи иҷтимоии кормандони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*;

**- пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тӯлонӣ;**

**- ба бекорон додани кафолатҳо ва ҷубронҳои иҷтимоӣ;**

**- ҳамбастагии мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ бо мувофиқати фаъолияти онҳо ҳангоми татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ** *(Қонун аз 28.12.2005, №137)*;

**- муқаррар кардани имтиёзҳо ба корфармоёне, ки ҷойҳои кории амалкунандаро нигоҳ дошта, ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, аз он ҷумла барои шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи**

**иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷманданд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;**

**- ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;**

**- ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат;**

**- иштироки иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои корфармоён, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти идораи давлатӣ дар таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои таъмини шуғли аҳолӣ.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ дар соҳаи шуғл аз рӯи зарурияти таъмини инкишофи устуворонаи иқтисодиёти худ, оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар асоси риояи принсипҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ амал мекунад.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ меравад.

Бо дарназардошти миқёси вазифаҳое, ки дар назди давлат истодаанд ва маҳдудияти воқеии захираҳои рушд бояд чунин самтҳое афзалиятнок эътироф гарданд, ки метавонанд фароҳам овардани шароитро барои ба иҷтимоиёт ҷалб гардидани аҳолӣ ва худтатбиқкунии самарабахши онҳоро таъмин намояд, инчунин имконият диҳанд, ки шаҳрвандон проблемаҳои мавҷударо мустақилона ва судманд ҳал кунанд. Чунин муносибат ба беҳбудии сифати зиндагии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди давлат мусоидат хоҳад кард.

Яке аз вазифаҳои дар назди давлат истода сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғл маҳсуб меёбад, ки қисми якуми моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» пешбинӣ намудааст.

Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии меҳнаткашон хусусан дар қабули барномаҳои давлатӣ оид ба шуғли аҳолӣ, барномаҳо оид ба тақвияти афзоиши шуғл ва афзоиши ҷойҳои кор дар сектори давлатӣ, барномаҳо оид ба тайёр намудани қувваи коргарӣ ва барномаҳое, ки барои кирояи қувваи корӣ мусоидат мекунанд, амалӣ карда мешаванд.

Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳоеро қабул намудааст, ки дар танзими муносибатҳои мазкур аҳамияти басо бузург доранд, аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор» аз 30 апрели соли 2004, №170; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъияти» аз 4 марти соли 2005, №93; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» аз 31 январи соли 2006, №62; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор» аз 1 августи соли 2008, №373; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои замимагардидаи аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кори ишғолнагардида ба мақомоти давлатии

шуғли аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009, №205; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009, №181; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ аз 27 феврали соли 2009, №129 ва ғайра.

Вобаста ба ин ҳаминро қайд намудан бамаврид мешуморем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғлро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пеш мебарад.

Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, принсипҳое номбар шудаанд, ки сиёсати давлатро дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ амалӣ менамояд.

Сархати якум, принсипи меҳнати ихтиёрӣ, ки мувофиқи он шуғл ба изҳори озодонаи иродаи шаҳрвандон асос меёбад, пешбинӣ намудааст.

Дар принсипи меҳнати ихтиёрӣ, интихоби озодонаи навъи фаъолият ва касб, ихтиёрдории озодона аз қобилияти меҳнатӣ, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва манъи меҳнати маҷбурӣ, ҳифзи меҳнат, ҳуқуқ ба шароитҳои одилонаю мусоиди меҳнатӣ ва музди баробар барои иҷрои кори баробарқиммат, таҷассумгари озодии меҳнат мебошанд, инъикос меёбанд.

Зиёда аз он, озодии меҳнат ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат бояд барои шаҳрвандон кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ҷодаи меҳнат, эҷоди шароитҳои барои ҳаёт сазовор, камолоти касбӣ ва шахсият таъмин намояд.

Озодии меҳнат дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Шаҳрванд метавонад бо ин ё он корфармо ба муносибатҳои меҳнатӣ дохил шавад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бошад, дар асоси ин ё он намуди шартномаи гражданӣ корро иҷро кунад ё умуман кор накунад. Ҳуқуқи кор кардан, ҳуқуқи мустасноии шахс буда, танҳо ба ӯ тааллуқ дорад.

Сархати дуюми қисми 2 моддаи тафсиршаванда, таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар интихоби озодонаи машғулиятро пешбинӣ намудааст.

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 17) ҳуқуқи ҳар касро дар назди Қонун баробар эълон дошта, ҳама гуна зуҳуроти табъиз (фарқиятгузорӣ, роҳ надодан ба кор, бартарию афзалият додан зимни қабул намудан ба кор) вобаста ба миллат, нажот, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот, вазъи амволӣ ва дигар аломатҳо дар муносибатҳои меҳнатиро манъ намудааст. Талаботи ин меъёри конститутсионӣ дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва шуғл мушаххас гардонида шудааст.

Сархати сеюми қисми 2 моддаи тафсиршаванда, ба принсипи фароҳам овардани шароите, ки ҳаёти сазовор ва

инкишофи озодонаи инсонро таъмин менамояд, бахшида шудааст.

Агар муқаррар намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва озодии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат маҳсуб ёбанд, вазифаҳои асосии давлат аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои меҳнатии шахсон, инчунин танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, бокортаъминкунӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси онҳо, шарикии иҷтимоӣ, пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар муқаррар намудани шароитҳои меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра иборат аст.

Сархати чоруми қисми 2 моддаи тафсиршаванда, ҷиҳати дастгирӣ намудани ташаббуси меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандон, мусоидат намудан ба инкишофи қобилияти онҳо нисбат ба меҳнати самаранок ва эҷодӣ, ки дар доираи қонуният амалӣ мегардад равона шудааст.

Иқтисоди бозоргонӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, асоси рушди иқтисодӣ ва давлатдорӣ маҳсуб меёбад, ки танзими ҳуқуқии он тавассути қонунгузорӣ амалӣ гардонида мешавад.

Сиёсати пешгирифтаи иҷтимоии давлат асосан дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад, ки кафолати иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, уҳдадории давлат дар назди аъзоёнаш оид ба таъмини талаботи онҳо мебошад.

Дар ин самт Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» қабул шудааст, ки масъалаҳои тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ, қоидаҳои расонидани кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва корҳои ташкилиро дар бар мегирад (нигаред ба тафсири моддаи 23 Қонун).

Сархати панҷум - тамоюли системаи маориф ба тайёр намудани кадрҳо мувофиқи талаботи бозори меҳнат;

Вобаста ба сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат, давлат якчанд тадбирҳоро меандешад, ки яке аз самтҳои он қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад, аз ҷумла қабули қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ.

Дар ин хусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат" аз 1 августи соли 2012, №895 қабул карда шудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар низоми таҳсилоти касбӣ муайян намуда, муносибатҳои раванди ҳамкории низоми таҳсилоти касбиро дар тайѐр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат танзим менамояд.

Дар моддаи 4 Қонун сухан оид ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат меравад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат ба амалӣ намудани тадбирҳои зерини ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ равона гардидааст:

- вусъат додани низоми таҳсилоти касбӣ вобаста ба тағйироти нуфус (демографӣ) ва талаботи иҷтимоию иқтисодии давлат;

- рушди муносибатҳои мутақобилаи низоми таҳсилоти касбӣ ва корфармоён дар доираи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба тайёр намудани мутахассисон, таъмини назорати сатҳу сифати таҳсилоти касбӣ ва инкишофи арзёбии мустақили давлатии сатҳу сифати фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, барнома ва нақшаҳои таълимии онҳо;

- дар амалия ба таври доимӣ ҷорӣ намудани мониторинг ва пешгӯии эҳтиёҷот ба мутахассисон ва коргарон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва инъикоси ҳатмии он дар маълумотҳои оморӣ ва иттилоотонии мақомот ва шахсони манфиатдор дар ин хусус;

- таъсис додани низоми самарабахши иттилооти касбӣ ва машварати касбӣ барои ҷавонон бо мақсади ҳавасманд гардонидани онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат;

- пешгӯии талаботи бозори меҳнат ба тайёр намудани мутахассисон мутобиқи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар барномаҳои соҳавӣ.

Инчунин дар муқаррароти моддаи 3 Қонун мақсадҳои он пешбинӣ шудаанд, ки аз инҳо иборат мебошаанд:

- мусоидат ба ҳамоҳанг намудани фаъолияти субъектони низоми таҳсилоти касбӣ барои омӯзиши ҳолати воқеии бозори меҳнат, пеш бурдани мониторинги бозори меҳнат, муайян ва ошкор кардани талаботи имрӯза ва ояндаи бозори меҳнат ба мутахасисон мутобиқи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат ба таҳия ва амалишавии механизми доимоамалкунандаи танзими низоми тайёр кардани мутахассисон ва кормандон;

- ба шакли муайян даровардани пешниҳодҳо оид ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи тайёр намудан, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси мутахассисон ва кормандон бо назардошти талаботи иқтисодиёти инноватсионӣ;

- таъмини иштироки корфармоён дар муайян намудани талабот ба захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ, нав кардани мазмуни он бо назардошти пешгӯии талаботи бозори меҳнат ва дар ин асос ташкил кардани фаъолияти таълимӣ, истеҳсолӣ ва илмӣ;

- таҳким ва инкишофи таъмини молиявӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ.

Дар ин самт силсилаи санадҳои зерқонунӣ низ қабул карда шудаанд, аз ҷумла, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Тартиби тақсимот ва бо ҷои кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» аз 27 майи соли 2017, № 262, «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз 29 ноябри соли 2017, №549 ва ғайра.

Сархати шашуми моддаи тафсиршаванда ба принсипи таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, гузаронидани чорабиниҳои махсус, ки барои ба машғулият фаро гирифтани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан муҳтоҷ ва дар ҷустуҷӯи кор душворикашанда мусоидат менамоянд бахшида шудааст.

Баҳри амалӣ намудани принсипи мазкур, аз ҷониби давлат якчанд чорабиниҳои махсус гузаронида мешавад, ки барои ба машғулият фаро гирифтани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан муҳтоҷ ва дар ҷустуҷӯи

кор душворикашанда мусоидат менамоянд, аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009, №181, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» аз 2 июни соли 2011, №277 ва ғайра.

Стратегияи қабулгардидаи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ҳуҷҷати банақшагирии сиёсат буда, он амалҳоеро инъикос менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмуҳлат анҷом медиҳад, то ки рушди иқтисодӣ таъмин ва ба баланд бардоштани сатҳи шуғл мусоидат карда шавад.

Инчунин, бо роҳбарии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи нақшаҳои тасдиқгардида, ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида мешавад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ» ба корҷӯён пурсиши сотсиологӣ ва машварати касбӣ гузаронида мешавад, ки яке аз чорабиниҳои махсус маҳсуб меёбад.

Барои ташаккул додани сиёсати самараноки рушди бозори меҳнат дар ихтиёр доштани маълумоти боэътимод ва таҳия карда тавонистани дурнамоҳо барои муҳлатҳои мухталиф зарур мебошад. Барои ин, давлат дар амалия дар таҳия намудани дурнамоҳои боэътимод ва андешидани тадбирҳо оид ба татбиқи самараноки сиёсати пешгирифта нақши калон мебозад. Тамоми сиёсат дар бозори меҳнат дар асоси вазъи воқеӣ сохта мешавад, ки метавонад таҳти таъсири

омилҳои гуногун хеле зуд тағйир ёбад. Дурнамои вазъро пешбинӣ карда натавонистан боиси он мешавад, ки сиёсати давлатии бозори меҳнат заиф ва ғайри фасеҳ мегардад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Биржаҳои меҳнат барои кироякорон ба фаъолият оғоз намудааст, ба монанди, КВД "Биржаи меҳнатии ҷавонон"-и назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Биржаи меҳнат»-и шаҳри Хуҷанд ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки баҳри амалӣ намудани принсипи мазкур ташкил намудани Биржаи электронии меҳнат, аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебуд, чунки шаҳрвандон барои ҷустуҷӯйи кор имконияти нав пайдо менамуданд.

Биржаи электронии меҳнат ба корфармоён ва шахсони корҷӯй имконият медиҳад, ки дар ин биржа ҷойҳои кории холиро ҷойгир намоянд ва бо кормандон шартнома ё қарордодҳои меҳнатӣ банданд.

Сархати ҳафтуми моддаи тафсиршаванда, ҳатмӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бо мақсади амалӣ намудани суғуртаи иҷтимоии кормандони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва фаъолияти хоҷагидориро пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997 суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти

хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти мехнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи Қонуни мазкур бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоиро нисбати шахсони зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Бо мақсади амалӣ намудани суғуртаи иҷтимоии кормандони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳатмӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа мебошад, ки он аз ҷониби субъектон амалӣ мешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» суғуртакунанда - шаҳрвандон, ашхоси ҳуқуқи (корхона, муассиса, ташкилот ва дигар субъекти хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва навъи фаъолият) ва ашхоси воқеӣ, ки шаҳрвандонро тибқи шартнома (қарордод) ба кироякорӣ ҷалб мекунанд, аз ҷумла ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро анҷом медиҳанд, ба ҳисоб мераванд, ки ухдадоранд мутобиқи қонунҳои ҷорӣ ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ саҳм ворид кунанд. Шахси

суғурташуда бошад - шахси воқеӣ, ки ба манфиати ӯ суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад.[1]

Тибқи муқаррароти сархати 5 қисми 2 моддаи 6 Кодекси андози ҶТ, андози иҷтимоӣ маблағсупории ҳатмӣ мебошад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби супорандагони андози иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс вобаста аз маблағи музди меҳнат ё дигар манбаи андоз пардохта мешавад.

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 216 Кодекси андози ҶТ, барои суғуртакунандагон меъёри 25 фоиз, ба суғурташудагон 1 фоиз баробар аст. Анҷом додани чунин намуди пардохти иҷтимоиро меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» муайян менамояд[2].

Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 216 Кодекси андози ҶТ, барои шахсони воқеии фаъолияти соҳибкории инфиродиро тибқи патент анҷомдиҳанда, аз ҷумла, аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, андозаи ҳадди ақали андози иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда, меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати шахсони суғурташуда ба 1,0 фоизи манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди баландтарини (бо дарназардошти коэффисиенти минтақавии) андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқарраршуда, новобаста ба андозаи даромади гирифташуда, баробар мебошад.

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23-24, мод. 350; соли 2003, № 8, мод. 458; соли 2006, №4, мод. 200; соли 2007, №3, мод. 177; №7, мод. 694; соли 2008, №10, мод.821; Қонуни ҶТ аз 16.04.2012с., №824; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с, №893, ҚҶТ аз 28.12.2013с. №1059.

[2] Ниг.: Ахбори МО ҶТ, соли 1997, №23 – 24, моддаи 350; с.2003, №8 моддаи 458-ҚҶТ аз 28.12.2013с.№1059.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 216 Кодекси андози ҶТ, барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ, аз ҷумла таъмини нафақаи соҳибкорони инфиродӣ, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахсони ҳуқуқӣ нестанд ва шахсони дар қисми 2 моддаи 216 Кодекси андози ҶТ пешбинигардида, маблағи умумии андози иҷтимоии мутобиқи муқаррароти боби 33 КА ҶТ пардохтшуда, 20 фоизи даромадеро ташкил медиҳад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби шахсони воқеии дар КА ҶТ нишондодашуда гирифта шудааст (эъломия шудааст). Дар ҳолати нокифоя будани собиқаи суғурта, маблағи умумии андози иҷтимоии барои тамоми давраи суғуртаи воқеии иҷтимоӣ пардохтшуда барои даврае амалигашта маҳсуб мешавад, ки он на камтар аз собиқаи ҳадди ақали суғуртавии барои таъйин намудани нафақаҳо ва шаклҳои дигари таъминоти иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ муқарраршуда мебошад.

Дар мазмуни сархати ҳаштуми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тӯлонӣ меравад.

Зери мафҳуми бекории оммавӣ, чунин як вазъияти номатлуби соҳаи шуғли аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он ғайритаъмин будани як қисми аҳолии шуғлманд, инчунин, ниёзҳои ҳаётии бекормондагон, аз ҷумла бекорон ва метавонад дар ҷомеа ба оқибатҳои номатлуби иҷтимоиву иқтисодӣ оварда расонад, фаҳмида мешавад.

Пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тӯлонӣ яке аз вазифаҳои асосӣ давлат маҳсуб меёбад.

Роҳи асосии ҳалли масъалаи пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тӯлонӣ ин рушди иқтисодии

истеҳсолот мебошад, ки ба рушди афзоиши шумораи шахсони шуғлманд оварда мерасонад, шуда метавонад.

Ин ҳам бошад, истифодаи воситаҳои асосие, ки масъалаи пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тӯлониро пиёда мегардонанд, инҳоянд: якум, пеш бурдани сиёсати зиддибуҳронии иқтисодӣ, ки ба пешгирии таназзули амиқ дар истеҳсолот ва бекории оммавӣ равона карда шудааст. Дуюм, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ чи дар бахши хусусӣ ва чи дар бахши давлатии иқтисодиёт.

Сархати нуҳуми моддаи тафсиршаванда, ба бекорон додани кафолатҳо ва ҷубронҳои иҷтимоиро яке аз сиёсатҳои пешгирифтаи иҷтимоии давлат медонад.

Анҷом додани чунин намуди имтиёзҳоро меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», хусусан кӯмакпулӣ ба сабаби бекориро ба Қонуни тафсиршаванда ҳавола менамояд.

Боби IV Қонун кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекор монданро пешбинӣ намудааст, ки сухан дар бораи кафолатҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор (моддаи 24); шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 25); тартиби тамдиди муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд (моддаи 26); тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 27); боздоштан ва қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ (моддаи 28) ва андозаи стипендияе, ки ба шаҳрвандони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад, меравад (моддаи 29) (нигаред ба тафсири моддаҳои номбурда).

Сархати даҳуми моддаи тафсиршаванда, принсипи ҳамбастагии мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ бо мувофиқати фаъолияти онҳо ҳангоми татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба ин, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ваколати зерин дода шудааст.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 сархати шашуми моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» **аз** 17 майи соли 2004, №28 Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чунин ваколатро доранд, дар доираи ваколати худ барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатиро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунанд[1].

Инчунин, тибқи муқаррароти сархати якуми моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009, №549, Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиёт барои иштирок намудан дар таҳия ва амалӣ намудани барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва андешидани чораҳо оид ба танзими раванди муҳоҷират, ваколатдор мебошад[2]

Сархати ёздаҳуми моддаи тафсиршаванда, принсипи муқаррар кардани имтиёзҳо ба корфармоёне, ки ҷойҳои кории амалкунандаро нигоҳ дошта, ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, аз он ҷумла барои шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 339; с. 2006, №11, мод. 472; с. 2009, №12, мод. 814; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, №3, мод. 179, №7, мод. 500; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 268; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.11.2006, №211, аз 3.12.2009, №576, аз 29.12.2010, №653, аз 19.03.2013, №960, аз 22.07.2013, №1012, аз 30.05.2017, №1411, аз 19.07.2019, №1641.

[2] Ниг.:Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, №4, мод. 277, №8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 288; Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 №827, аз 01.08.2012 №899, аз 23.11.2015 №1243, аз 30.05.2017 №1431, аз 4.04.2019 №1598.

иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷманданд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд, пешбинӣ намудааст.

Шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷманданд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дохил шуда, ки онҳо шахсони синну соли қобили меҳнат, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, инчунин, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд.

Давлат дар ин самт санадҳои мухталифро қабул менамояд, ки дар танзими онҳо мусоидат менамояд.

Тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 №181, «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

Квота дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии воҳиди корӣ муқаррар карда мешавад (агар шумораи воҳиди корӣ аз 20 кам набошад).

Ҳангоми муқаррар намудани квота, миқдори ҷойҳои корӣ, ихтисос, касбҳои зарурӣ ва шароити меҳнат ба назар гирифта мешаванд.

Агар ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар давоми як сол ишғол карда нашаванд, он гоҳ ин ҷойҳо соли дигар пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҳолати истифода нашудани ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда, аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ касбомӯзонӣ ва бозомӯзонии ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз

рӯи ихтисос ва касбҳои зарурӣ гузаронида шуда, онҳоро тибқи квотаи муқарраршуда ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мефиристанд.

Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шаҳрвандонро дар бораи ҷорӣ кардани квота тавассути воситаҳои ахбори омма на дертар аз ду моҳ хабардор менамоянд.

Сархати дувоздаҳуми моддаи тафсиршаванда принсипи ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро пешбинӣ намудааст.

Ҳадафи дилхоҳ ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бешубҳа, беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои рушди пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Принсипи ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар меъёрҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392 қабул шудааст, инъикоси худро ёфтааст.

Диққати асосӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба консепсияи рушди

устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Бинобар ин пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани моделҳои ноустувор ва пешбурди моделҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори давлат ва шаҳрвандон маҳсуб меёбанд.

Афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шаванд. Ба чунин афзалиятҳо шомиланд: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (6) таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; (9) пешгирии низои эҳтимолӣ; (10) амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ.

Барои амалисозии чунин афзалиятҳо ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд нақши муҳим доранд. Фаъолияти ниҳодҳои мазкур дар низоми миллии баҳодиҳӣ ваояндабинии рушд, муайянсозии вазифаҳои кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат ва мутаносибан нақшаҳои татбиқи онҳо асос меёбад.

Ба ҳамин монанд, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» аз 2 июни соли 2011, №277 қабул шудааст, ки дар ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, муҳим мебошад.

Стратегияи қабулгардидаи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ҳуҷҷати банақшагирии сиёсат буда, он амалӣ оеро инъикос менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмуҳлат анҷом медиҳад, то ки рушди иқтисодӣ таъмин ва ба баланд бардоштани сатҳи шуғл мусоидат карда шавад.

Инчунин, ба принсипи ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолӣ бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Стратегияи шарикони иҷтимоии сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи «Пешгирии ВНМО/БПНМ дар соҳаи меҳнат»-ро дохил намудан мумкин аст, чунки ҳуҷҷат аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шарикони иҷтимоӣ аз Иттиҳоди корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон таҳия гардидааст ва бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, ҳамоҳангсозии байни мақомотҳои номбурда маҳсуб меёбад.

Сархати сездаҳуми моддаи тафсиршаванда, ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин, риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнатро пешбинӣ намудааст.

Яке аз принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, силсилаи санадҳо байни дигар давлатҳо ба имзо расонида шудааст.

Яке аз чунин санад «Созишномаи кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон” маҳсуб меёбад.

Созишномаи мазкур дар шаҳри Москва 25 ноябри соли 2005 бо як нусхаи аслӣ бо забони русӣ ба имзо расонида шудааст. Нусхаи асл дар Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нигоҳ дошта мешавад, ки ба ҳар давлате, ки Созишномаи мазкурро имзо кардааст, аз ҷумла, Озарбойҷон, Молдова, Арманистон, Беларус, Федератсияи Россия, Тоҷикистон, Гурҷистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Украина, нусхаи тасдиқшудаи он фиристода мешавад.

Вобаста ба ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Яке аз ҳуқуқҳои эълоннамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз он дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бархурдоранд, ҳуқуқ ба меҳнат маҳсуб меёбад.

Тибқи муқаррароти моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2018 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди муқими Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, дар муассисаву ташкилотҳо дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор кунанд ё ба дигар навъи фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, ғайр аз

ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ омадаанд, ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ ба шарте машғул шуда метавонанд, ки он бо мақсадҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданашон мувофиқ бошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро дар асоси иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад, амалӣ карда метавонанд.

Қоидаҳои додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва намунаи ҳуҷҷати иҷозати он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд» аз 31 октябри соли 2008, №529.

Ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа бошад, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2012, №196; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ва

варзиш» аз 29 декабри соли 2012, №768; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш» аз 19 декабри соли 2017, №577 ва монанди инҳо.

Вобаста ба ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат, аз ҷумла, Конвенсияҳо, Дастурҳо ва тавсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат. Масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Тавсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат аз 2 июни соли 1998 №189 "Тавсия дар бораи шартҳои умумии ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна" аз 3 феврали соли 2000, №39.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазоратҳо ва идораҳоро вазифадор менамояд, ки тавсияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнатро аз 2 июни соли 1998 №189 "Тавсия дар бораи шартҳои умумии ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна" -ро ба назар гиранд, бо назардошти он, ки ҳангоми зарурат пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Дар сархати чордаҳуми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи иштироки иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои корфармоён, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти идораи давлатӣ дар таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои таъмини шуғли аҳолӣ, меравад.

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №757 «Дар бораи иттифоқҳои касаба»

иттифоқҳои касаба ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо ба роҳ монда мешавад.

Ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои (иттифоқҳои, ассотсиатсияҳои) онҳо дар асоси шарикии иҷтимоӣ ва ҳамкории тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва намояндагони онҳо, инчунин дар заминаи низоми шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ба роҳ монда мешавад.

Иттифоқҳои касаба дар қатори дигар шарикони иҷтимоӣ ҳуқуқи баробари иштирокро дар идоракунии маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ, шуғл, суғуртаи тиббӣ, нафақа ва дигар фондҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ ташаккул меёбанд, инчунин ҳуқуқи назорати ҷамъиятиро нисбат ба истифодабарии ин фондҳо доро мебошанд.

Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳо (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо) ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии соҳаи рушди табобати санаторию курортӣ, муассисаҳои истироҳатӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонии оммавӣ ва варзиш ҳамкорӣ кунанд.

Иттифоқҳои касаба дар муайян ва татбиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ширкат меварзанд.

Иттифоқҳои касаба бо тартиби муқарраршуда тавассути намояндагони ваколатдори худ ҳуқуқ доранд дар кори ҳайати мушовараи вазоратҳо ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии корхонаҳо иштирок намоянд[1].

Мутобиқи қисми сеюми моддаи 5  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, «Дар бораи иттиҳодияҳои

---

[1]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011. №8.-С.56

корфармоён» Иттиҳодияҳои корфармоён, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар бахши муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва муносибатҳои иқтисодии ба онҳо марбут дар асоси принсипҳои шарикии иҷтимои ҳамкорӣ мекунанд. Тибқи муқаррароти моддаи 6 Қонуни мазкур бошад, Иттиҳодияҳои корфармоён фаъолияти худро новобаста ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амал мебароранд.

Дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба фаъолияти иттиҳодияҳои корфармоён, ки ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои корфармоёнро маҳдуд месозад ё барои амали қонунии фаъолияти оинномавии онҳо мамониат мекунад, манъ аст.

Тартиби ҳамкории иттиҳодияҳои корфармо он аз ҷониби худи онҳо мувофиқи оиннома ва қарорҳои мақомоти идоракунии иттиҳодияҳои корфармоён муайян карда мешавад[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ дар соҳаи шуғл аз рӯи зарурияти таъмини инкишофи устуворонаи иқтисодиёти худ, оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар асоси риояи принсипҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ амал мекунад.

---

[1]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004. №5. – С.50-54.

**Моддаи 7. Кафолатҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Давлат ба шаҳрвандони бекор кафолатҳои зеринро медиҳад:**

**- мусоидати ройгон дар интихоби кори мувофиқ ва бо кор таъминкунӣ тавассути миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- тамоюли ройгони касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- таъмини дастгирии иҷтимоӣ;**

**- ҷуброни хароҷоти моддӣ бо сабаби дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳали дигар бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор (омӯзиш) равон намудан** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724)*;

**- имконияти бастани шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ барои иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок, ки бо назардошти синну сол ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон ташкил карда мешаванд.**

Моддаи тафсиршаванда, кафолатҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти сархати якуми моддаи тафсиршаванда, давлат ба шаҳрвандони бекор мусоидати ройгонро дар интихоби кори мувофиқ ва бо кор таъминкунӣ тавассути миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ кафолат медиҳад.

Вазифаи асосии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун сохтори давлатӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат миёни корфармоён ва корҷӯён ба ҳисоб меравад. Самаранокии фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат ба

сатҳ ва сифати ҳамкорӣ дар байни корфармоён ва корҷӯён алоқаманд мебошад.

Бо назардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираи изофаи қувваи корӣ мебошад, ҳамасола талабот ба ҷойи кор зиёд гардида, таъсири назаррас ба вазъи бозори меҳнат эҳё мешавад.

Бо кор таъминкунӣ бо роҳи миёнаравӣ қабл аз ҳама тавассути Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

Тибқи муқаррароти банди 5 боби 2 Низомнома, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- бо дарназардошти вазъ дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ташкил менамояд;

- бо мақсади арзёбии вазъи бозори меҳнат, муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ, истифодаи самараноки қувваи корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт тадбирҳоро оид ба тадқиқи вазъи бозори меҳнат амалӣ менамояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида ҷамъоварӣ ва пешниҳоди саривақтии маълумоти омориро доир ба ҳолати бозори меҳнат таъмин менамояд ва барои ворид намудани шаклҳои нави оморӣ ҷиҳати арзёбии вазъи воқеии бозори меҳнат тадбирҳоро амалӣ месозад;

- ҳар сол оид ба ҳолати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ варақаҳои маълумотӣ интишор мекунад, ба мақомот ва ташкилотҳои дахлдор дар бораи ҳолати он маълумот медиҳад;

- ҷиҳати роҳандозӣ намудани механизми шарикии иҷтимоӣ дар самти таъсис, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии ҷойҳои корӣ, инчунин тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои коргарӣ ва мутахассисон чорабиниҳо амалӣ менамояд;

- бо дарназардошти ҳолати бозори меҳнат, сатҳи шуғлнокӣ, бекорӣ ва дар асоси таҳлили ҳолати захираҳои меҳнатӣ, дар якҷоягӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бо ҷалби дигар мақомоти дахлдор дар таҳияи лоиҳаҳои барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, аз ҷумла барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғли табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ иштирок намуда, дар доираи ваколати худ иҷрои онҳоро таъмин менамояд;

- дар бораи муқаррар намудани квота барои ба кор қабул намудани шаҳрвандони дар бозори меҳнат осебпазир дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон таклифҳо таҳия намуда, барои баррасӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд ва дар доираи ваколатҳои худ иҷрои онҳоро таъмин менамояд;

- барои таҳсилоти касбӣ, тайёрии касбӣ ва бозомӯзии ашхосе, ки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ мебошанд, мусоидат менамояд;

- ҷойҳои кории холиро ба ҳисоб мегирад, аз рӯи ҷойҳои кории холии мавҷуда пешниҳод ва талаботро ба қувваи корӣ муайян менамояд ва махзани маълумотро оид ба ҷойҳои кории холӣ дар бозори меҳнати дохил ва хориҷ аз кишвар ташкил медиҳад;

- дастрасии озоди шаҳрвандон ва корфармоёнро ба махзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ таъмин мекунад

ва ба шаҳрвандон дар интихоби кори муносиб, ба корфармоён дар интихоби кадрҳои коргарӣ мусоидат менамояд;

- ҷиҳати омодасозии касбии муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат ба шуғли онҳо дар хориҷ аз кишвар тадбирҳоро амалӣ менамояд;

- тавассути нашри буклетҳо, плакатҳо ва тайёр намудани варақаю овезаҳои иттилоотӣ, инчунин ташкил намудани барномаҳои радио ва телевизионӣ ба аҳолӣ оид ба вазъи бозори меҳнат, дар бораи тадбирҳои амалишавандаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва қонунгузорӣ дар ин соҳа иттилоъ медиҳад;

- дар ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунад;

- ба шуғли инфиродии шаҳрвандони бекор тавассути расонидани хизматҳои машваратӣ, ташкил ва гузаронидани тренингу семинарҳо, дастгирии молиявӣ мусоидат менамояд ва ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандони бекор ва корҷӯй тариқи таъсиси муассисаҳои хурди истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, инчунин хоҷагиҳои ёрирасон кӯмак мерасонад;

- байни шаҳрвандони бекори дар мақомоти маҳаллии Агентӣ бақайдгирифташуда ташвиқоти ба соҳибкорӣ машғул шуданро таъмин менамояд;

- ҷиҳати мусоидати фаъол ба шуғли шаҳрвандони бекор тавассути ташкили нуқтаҳои кирояи қувваи корӣ, биржаҳои меҳнат, муассисаҳои шуғли беруна ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ тадбирҳои махсусгардонидашударо таҳия ва амалӣ менамояд;

- мунтазам ярмаркаҳои минтақавӣ ва соҳавии ҷойҳои кории холиро бо иштироки корфармоён мегузаронад;

- оид ба роҳнамоии касбӣ хизматрасониҳо пешкаш менамояд, ба шаҳрвандони бекор ва онҳое, ки дар ҷустуҷӯи кор мебошанд, машваратҳо медиҳад;

- тавассути ярмаркаҳо пурсишҳои сотсиологӣ мегузаронад;

- фаъолияти низоми таҳсилоти калонсолонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва ҳамоҳанг месозад, меъёрҳои давлатии системаи таҳсилоти калонсолонро дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ барномаҳои таълимиро оид ба таҳсилоти калонсолон таҳия намуда, оид ба ташкили таҳсилоти калонсолон хизматрасониҳо пешкаш мекунад;

- дар таҳия намудани стандартҳои касбии миллӣ бевосита иштирок менамояд;

- ҷиҳати ташаккул додани низоми шарикии иҷтимоӣ дар раванди таҳсилот ва таълими касбии калонсолон тадбирҳоро таҳия ва амалӣ месозад;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида корҳоро оид ба муайян ва эътироф намудани мақоми бекории шаҳрвандон, таъин ва пардохти кӯмакпулӣ ҳангоми бекорӣ, инчунин пардохти стипендияро дар давраи таҳсил тибқи роҳхати мақомоти маҳаллии Агентӣ ташкил мекунад;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба боздоштан ё қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, инчунин пардохти стипендия дар давраи таълим қарор қабул менамояд;

- оид ба зарурати муқаррар намудани иловапулӣ ҷиҳати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва стипендияи шаҳрвандони бекоре, ки дар парастории худ шахсони то 15-

солаи таҳти таъминот қарордошта доранд, таклифҳоро таҳия ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида шаҳрвандони бекоре, ки дар парастории худ шахсони то 15-солаи таҳти таъминот қарордошта доранд, таклифҳоро таҳия ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд;
- экспертизаи иҷтимоии барномаҳои давлатии мақсаднок ва сармоягузории таҳияшавандаро дар самти таъсиси ҷойҳои кории нав мегузаронад;
- оид ба зарурати ҷалби қувваи корӣ аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор хулоса медиҳад.

Инчунин, дар баробари Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнаравӣ тавассути Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷро мешаванд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Биржаҳои меҳнат барои кироякорон ба фаъолият оғоз намудааст, ба монанди, КВД "Биржаи меҳнатии ҷавонон"-назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Биржаи меҳнат»-и шаҳри Хуҷанд ва ғайра, ки метавонанд ба сифати мёнарав баромад намоянд.

Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда, тамоюли ройгони касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолиро пешбинӣ менамояд.

Тамоюли ройгони касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос ин яке аз шаклҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб ёфта, барои дастгирӣ кардан, васеъ намудан ва таҳкиму

такмили дониш, малакаю маҳорати касбии қаблан гирифтаи корманд имконият медиҳад.

Барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур дар ҷумҳурӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 895 «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №1004 «Дар бораи маориф»[1], моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №373 «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №266 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра, ки меъёрҳои дахлдор бо мақсади таъмини рушди захираҳои меҳнатӣ ва танзими босамари ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор таҳия гардидааст.

Дар сархати сеюми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи кафолати давлатӣ ҷиҳати таъмини дастгирии иҷтимоӣ меравад.

Шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида бекор дониста шудаанд, ба сабаби бекорӣ ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулиро доранд. Аз ҷумла, дастгирии иҷтимоии бекорон

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод.532; с. 2014, №3, мод.156; №7, қ.2, мод.422; с. 2016, №3, мод.1148, №7, мод.624; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2017, №1462.

дар шакли пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, стипендия дар давраи омӯзиш бо роҳхати мақомоти хадамоти шуғл.

Ҳангоми барҳамдиҳии корхона ё фавти шахси суғурташуда, кӯмакпулиҳо барои корношоямии муваққатӣ, барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», пардохт карда мешаванд.

Кӯмакпулиҳо барои корношоямии муваққатӣ ва барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кӯмакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд», ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамзамон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ» ба корҷӯён пурсиши сотсиологӣ ва машварати касбӣ гузаронида мешавад, ки яке аз чорабиниҳои махсус маҳсуб меёбад.

Барои ташаккул додани сиёсати самараноки рушди бозори меҳнат дар ихтиёр доштани маълумоти боэътимод ва таҳия карда тавонистани дурнамоҳо барои муҳлатҳои мухталиф зарур мебошад. Барои ин, давлат дар амалия дар таҳия намудани дурнамоҳои боэътимод ва андешидани тадбирҳо оид ба татбиқи самараноки сиёсати пешгирифта, нақши калон мебозад. Тамоми сиёсат дар бозори меҳнат дар асоси вазъи воқеӣ сохта мешавад, ки метавонад таҳти таъсири омилҳои гуногун хеле зуд тағйир ёбад. Дурнамои вазъро пешбинӣ карда натавонистан боиси он мешавад, ки сиёсати давлатии бозори меҳнат заиф ва ғайри фасеҳ мегардад.

Дигар кафолати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар сархати чоруми моддаи тафсиршаванда чунин пешбинӣ намудааст. Шахсеро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳали дигар бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор (омӯзиш) фиристода мешавад, ҳатман ҷубронпулии хароҷоти моддӣ пардохт карда мешавад.

Дар сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи кафолати давлатӣ оид ба имконияти бастани шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ барои иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок, ки бо назардошти синну сол ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон ташкил карда мешаванд, меравад.

Мутобиқи муқаррароти қисми дуюми моддаи 22 Қонуни тафсиршаванда, бо шахсоне, ки дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок кардан мехоҳанд, ба муҳлати то як моҳ бо ҳуқуқи минбаъд дароз намудани он то се моҳ шартномаи (қарордоди) меҳнатии муҳлатнок баста мешавад. Шаҳрвандони бекоре, ки барои бекорӣ кӯмакпулӣ намегиранд, бекорони зиёда аз шаш моҳ дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ҳуқуқи афзалиятноки иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднокро доранд. Шаҳрвандони барои ҷустуҷӯи кор дар қайди мақомоти хадамоти шуғл буда низ ҳуқуқи иштирокро дар корҳои ҷамъиятии музднок доранд.

**Моддаи 8. Ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба таъмини шуғл**

**Шаҳрвандони бекор, аз ҷумла шахсони корҷӯянда ҳуқуқ доранд:**

**- ба интихоби озодонаи намуди шуғл ва кор;**

**- ба интихоби озодонаи ҷои кор бо роҳи муроҷиати бевосита ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар корфармоён ё ба воситаи миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- ба гирифтани маълумоти ройгон дар бораи ҷойҳои холии кории аз ҷониби корфармо пешниҳодшуда;**

**- ба гирифтани маълумоти ройгон дар бораи курсҳои таълимӣ дар доираи тайёрӣ ва бозомӯзии касбии аҳолии бешуғл;**

**- ба мустақилона таъмин шудан бо кор берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ин гуна шаҳрвандон, инчунин шартҳои ба онҳо додани кӯмаки миёнаравӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.**

**Шаҳрвандони бекор, аз ҷумла шахсони корҷӯянда дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳуқуқ доранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*:

**- ба хизмати миёнаравии ройгон дар бозори меҳнат;**

**- ба гирифтани маслиҳати ройгон доир ба фаъолияти касбӣ ва масъалаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ.**

**Шаҳрвандони бекор ва шахсони корҷӯяндаи дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, ҳуқуқ доранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*:

**- ба омӯзиш дар курсҳои тайёрии касбӣ ва бозомӯзии касбӣ ва гирифтани стипендия дар давраи омӯзиш;**

**- ба гирифтани хизмати маслиҳатӣ ва дастгирии молиявӣ дар ташкили машғулияти инфиродӣ ва соҳибкории хурд;**

**- ба гирифтани имконияти иштирок дар барномаҳои ташкили корҳои ҷамъиятӣ;**

**- ба дастгирии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат. Шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида бекор дониста шудаанд, ба сабаби бекорӣ ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулиро доранд.**

**Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд нисбат ба амал ё беамалии кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба мақомоти болоии он, инчунин ба суд, бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон муқаррар намудааст, арзу шикоят намоянд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724)*.

Аз лаҳзаи санаи бақайдгирии шаҳрванд ба сифати шахси бекор, ки бо қабули қарори мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ амалӣ мегардад, шахс дорои мақоми шаҳрванди бекорро соҳиб гашта, аз ҳуқуқҳои асосие, ки дар моддаи тафсиршаванда зикр ёфтаанд, бархурдор мегардад.

Номгӯи ҳуқуқҳои асосии дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда овардашуда хусусияти умда дошта, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси гурӯҳҳои алоҳидаи бекорон мушаххас гашта, ҷилову тобиши тоза мегиранд.

Интихоби озодонаи намуди шуғл ва кор яке аз унсурҳои муҳимтарини озодии инсон маҳсуб ёфта, дар меъёрҳои муқарраршудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (моддаи 23), Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 6) ва Конвенсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат, аз ҷумла, Конвенсияи №111 СБМ «Дар бораи маҳдудсозӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл» (санаи қабул 5 июни соли 1958 ва санаи оғози амали он аз 15 июни соли 1960), инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 35) ҳамчун ҳуқуқи асосӣ дар бахши меҳнат сабт шудаанд.

Интихоби озодонаи намуди шуғл ва кор, ихтиёрдории озодона аз қобилияти меҳнатӣ, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва манъи меҳнати маҷбурӣ, ҳифзи меҳнат, ҳуқуқ ба шароитҳои одилонаю мусоиди меҳнатӣ ва музди баробар барои иҷрои кори баробарқиммат, таҷассумгари озодии меҳнат мебошанд.

Интихоби озодонаи намуди шуғл ва кор, ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат, бояд барои шахсон кафолатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ҷодаи муносибатҳои меҳнатӣ, эҷоди шароитҳои барои ҳаёт сазовор, камолоти касбӣ ва шахсият таъмин намояд.

Дигар ҳуқуқи шахс ба интихоби озодонаи ҷои кор бо роҳи муроҷиати бевосита ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар корфармоён ё ба воситаи миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, маҳсуб меёбад.

Меъёри мазкур ҳуқуқи шахсро на танҳо муроҷиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ё ба воситаи миёнаравии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, инчунин, бо роҳи муроҷиати бевосита ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидориро пешбинӣ намудааст.

Қонунгузор ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба интихоби озодонаи намуди фаъолият ва касбро тариқи муроҷиати бевосита ба корфармоён, ё ин ки тавассути миёнаравии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешбинӣ намудааст. Ӯ метавонад ба корфармоён, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа ва дигар миёнаравони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намояд.

Инчунин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мустақилона барои кор кардан ба хориҷа сафар менамояд, пеш аз сафар аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар маҳали зист дар бораи ҷойҳои холии кории пешниҳодшавандаи давлатҳои хориҷӣ, шароит ва музди меҳнати он ва иттилооти дигар оид ба талаботи қонунгузории давлати бокортаъминкунанда ва дигар иттилоот ройгон таъмин карда мешавад.

Бо мақсади пурзӯр намудани танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014, дар низоми Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа таъсис дода шудааст, ки шаҳрвандон метавонанд ба он муроҷиат намоянд.

Вобаста ба гирифтани машварат ва маълумот дар самти бокортаъминкунӣ, шаҳрвандон метавонанд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ - Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкурро зери назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати риоя шудани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба меҳнат, шуғл ва муҳоҷират аз ҷониби корфармоён, аз байн бурдани шуғли ғайрирасмии шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, тамоми чораҳои заруриро меандешад.

Ба шаҳрванди бекор якчанд вариантҳои имконпазир ва дастрасии ройгон дар бораи ҷойҳои холии кории аз ҷониби корфармо пешниҳодшуда, интихоби касб, намуди фаъолият, шакл ва ҷойи омӯзиш пешниҳод карда мешавад ва шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки варианти барои худ мувофиқро интихоб намояд.

Маслиҳати (роҳнамоии) касбӣ ба шаҳрвандоне, ки дар мақомоти шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ эҳтиёҷ доранд, ройгон дода мешавад.

Дигар ҳуқуқи шахс ба мустақилона таъмин шудан бо кор берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ин гуна шаҳрвандон, инчунин шартҳои ба

онҳо додани кӯмаки миёнаравӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Қабл аз ҳама, муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан ба он мамлакатҳое ба роҳ монда мешавад, ки дар онҳо ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ кафолат дода мешаванд.

Асосҳои кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро дар давлатҳои хориҷа чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: Якум, дар давлати бакортаъминкунанда мавҷудияти қонунгузорие, ки ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро ҳимоя мекунад. Дуюм, иштироки давлати бакортаъминкунанда дар шартномаҳои байналмилалие, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дахл доранд. Сеюм, мавҷудияти созишномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаи давлати бакортаъминкунанда бо Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ. Чорум, дигар омилҳое, ки метавонанд заминаи кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар давлати хориҷӣ бошанд.

Инчунин, дар қисми дуюми моддаи тфсиршаванда ба шаҳрвандони бекор, аз ҷумла шахсони корҷӯянда низ дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ чунин ҳуқуқҳоро пешбинӣ намудааст:

- ба хизмати миёнаравии ройгон дар бозори меҳнат;
- ба гирифтани маслиҳати ройгон доир ба фаъолияти касбӣ ва масъалаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда ба шаҳрвандони бекор ва шахсони корҷӯяндае, ки дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, як зумра ҳуқуқҳоро пешбинӣ намудааст.

Ҳуқуқ ба омӯзиш дар курсҳои тайёрии касбӣ ва бозомӯзии касбӣ ва гирифтани стипендия дар давраи омӯзиш.

Ба шахсоне, ки ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд, дар давраи таҳсил мутобиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" стипендия муқаррар карда мешавад.

Дигар ҳуқуқи онҳо ин ба гирифтани хизмати маслиҳатӣ ва дастгирии молиявӣ дар ташкили машғулияти инфиродӣ ва соҳибкории хурд маҳсуб меёбад.

Масъалаи мазкурро қабл аз ҳама тавассути марказҳо ё шӯроҳое, ки фаъолияти худро дар асоси базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ барои инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд, амалӣ намудан мумкин аст.

Масалан, онҳо метавонанд тавассути Шӯроҳои машваратӣ доир ба рушди соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳалҳо, хизмати маслиҳатӣ, дастгирии молиявӣ ва дар ташкил намудан ё машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ё соҳибкории хурд маълумот гиранд.

Сархати сеюми қисми сеюми моддаи тафсиршаванда ҳуқуқи шаҳрвандонро ба гирифтани имконияти иштирок дар барномаҳои ташкили корҳои ҷамъиятиро муқаррар намудааст, ки Номгӯи онҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 тасдиқ шудааст.

Инчунин, шаҳрвандон ҳуқуқ ба дастгирии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, ки дар сархати чоруми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ шудааст, доранд. Шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида бекор дониста шудаанд, ба сабаби бекорӣ ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулиро доранд. Кӯмакпулӣ ёрии моддии муваққатии аз тарафи давлат кафолатдодашудае, ки ба шаҳрвандони бекори расман ба қайдгирифташудаи барои гирифтани он ҳуқуқдошта пардохта мешавад. (нигаред мафассал ба тафсирҳои боби 4 Қонун).

Тибқи муқаррароти қисми чоруми моддаи тафсиршаванда, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд нисбат ба амал ё беамалии кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба мақомоти болоии он, инчунин ба суд, бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, арзу шикоят намоянд.

Вобаста ба ин, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд нисбат ба амал ё беамалии кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа ва дигар миёнаравони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ё ба худи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Аз ин рӯ, мазмуни қисми чоруми моддаи тафсиршаванда ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Шахсоне, ки нисбаташон дар муносибатҳои меҳнатӣ ба табъиз роҳ дода шудааст, ҳуқуқ доранд бо аризаи даъвогӣ ба суд мурочиат намоянд. Дар мавриди собит шудани маҳдудсозии ҳуқуқҳои меҳнатии аризадиҳанда, санади дахлдори судӣ қабул карда мешавад.

**Моддаи 9. Кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ**

**Давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани**

**корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472).*

**Квота барои ба кор қабул намудани маъюбон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" муқаррар карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

**Тартиби ворид намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки бинобар сабаби гузаронидани тадбирҳои беҳтар намудани вазъи экологии дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва муфлисшавӣ баамаломада бояд барҳам дода (ё аз нав ташкил карда) шаванд, машғули коранд, кафолатҳои иловагӣ муқаррар менамояд.**

Моддаи тафсиршаванда, кафолатҳои давлатии иловагии шуғлро барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ пешбинӣ намудааст.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи кафолатҳои иловагии давлатӣ ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардони-дашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати

маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо меравад, ки дар тафсири моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» тафсиру тавзеҳоти худро ёфтааст (нигаред ба тафсири моддаи 6).

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, барои ба кор қабул намудани маъюбонро дар доираи квота, тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон"аз 16 декабри соли 2010, №109 пешбинӣ намудааст.

Моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ба таъмини шуғли маъюбон бахшида шуда, ба онҳо тавассути баргузор намудани якчанд чорабиниҳои махсус, ки дараҷаи рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат баланд мебардоранд, кафолати шуғли меҳнатӣ дода мешавад. Якум, дар ташкилотҳо новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои онҳо муқаррар карда мешаванд. Дуюм, ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бо кор таъминкунии маъюбон. Сеюм, фароҳам овардани шароити меҳнати мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон. Чорум, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон. Панҷум, ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон.

Дар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандони онҳо ба андозаи на камтар аз панҷ

фоиз аз шумораи умумии кормандон ба маъюбон барои ба кор қабул кардан квота муқаррар карда мешавад.

Ҳадди ақали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад.

Барои ташкилотҳое, ки маъюбонро бо кор таъмин мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандии имтиёзнок муқаррар карда мешавад.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи тартиби ворид намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ меравад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин дар мадди аввал худи мафҳуми квотаро таъриф менамоем, квота ин ҳиссаи (қисми) ҷойҳои кориест, ки онро ташкилот, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, барои бо кор таъмин кардани шахсе, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад, пешниҳод мекунад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 17 КМ ҶТ Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои бо кор таъмин намудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, квота муқаррар менамояд, ки яке аз асосҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷониби мақомоти ваколатдор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ё роҳхати ба кор фиристодан ба ҳисоб меравад (моддаи 16 КМ ҶТ).

Ба сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 № 181 «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Тибқи боби 2 Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, мақомотҳои давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо талаботи бозори меҳнатро меомӯзанд, шумораи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, муайян намуда, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои муқаррар намудани квота дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ пешниҳод манзур менамоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

Квота дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии воҳиди корӣ муқаррар карда мешавад (агар шумораи воҳиди корӣ аз 20 кам набошад).

Ҳангоми муқаррар намудани квота, миқдори ҷойҳои корӣ, ихтисос, касбҳои зарурӣ ва шароити меҳнат ба назар гирифта мешаванд.

Агар ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар давоми як сол ишғол карда нашаванд, он гоҳ ин ҷойҳо соли дигар пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҳолати истифода нашудани ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда, аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ касбомӯзонӣ ва бозомӯзонии ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз рӯи ихтисос ва касбҳои зарурӣ гузаронида шуда, онҳоро тибқи квотаи муқарраршуда ба ташкилотҳо, корхонаву

муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мефиристанд.

Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шаҳрвандонро дар бораи ҷорӣ кардани квота тавассути воситаҳои ахбори омма на дертар аз ду моҳ хабардор менамоянд.

Тибқи боби 3 Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ба гурӯҳи шаҳрвандоне, ки тибқи квотаи муқарраршуда бо ҷойи кор таъмин мегарданд, шахсони зерин дохил мешаванд:

- маъюбон;
- ятимони ноболиғ;
- шахсоне, ки аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, аз хизмати ҳарбӣ озод шудаанд;
- шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд;
- волидони яккаву танҳо, инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва фарзандони маъюб доранд;
- волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд;
- шахсони то синни 18- сола, ки бо сабаби вафоти волидонашон ва ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба уҳда доранд;
- шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст;
- шаҳрвандони то синни 18- сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристода шудаанд.

Бо ҷойи кор таъмин шудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба тариқи квота дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва муроҷиати бевоситаи онҳо ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо амалӣ мегардад.

Тибқи боби 2 Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, корфармо ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумотро оид ба ҳолати бозори меҳнат дастрас намояд;

- ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои таълим ва бозомӯзонии кормандоне, ки тавассути квота ба кор қабул шудаанд, дархост пешниҳод намояд.

Инчунин дар баробари ҳуқуқ корфармо уҳдадор аст:

- тибқи квотаи муқарраршуда шаҳрвандонро бо ҷойи кор таъмин намояд;

- ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ бо назардошти вазъи саломатӣ ва ҳолати иҷтимоиашон шароити корӣ таъмин намояд;

- ҷойҳои кории тибқи квота барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муқарраршударо танҳо дар мувофиқа бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ихтисор намояд;

- тавсияҳои Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоиро оид ба вақти нопурраи корӣ иҷро кунад, кори муносиб ва дигар шароити меҳнатро барои маъюбон таъмин намояд;

- барои кормандони ба кор қабулшуда оид ба ҳифзи меҳнат корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронад;

Ҳангоми ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ шахсоне, ки тибқи квота бо кор таъмин шудаанд, ҳуқуқи афзалиятноки дар кор монданро доранд, агар миқдори чунин шахсон аз квотаи барои шумораи нави кормандон муқарраршуда, зиёд набошад;

Мувофиқи тартиби муқарраршуда, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ оид ба фаъолияти худ дар ин самт ҳисоботи оморӣ пешниҳод менамояд.

Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои ин Қоидаҳоро назорат менамоянд.

Қисми 2 моддаи 17 КМ ҶТ корфарморо вазифадор менамояд, ки дар доираи квотаи муқарраргардида бо шахсе, ки барои бо кор таъмин намудан фиристода шудааст, ҳангоми ба талаботи корфармо мутобиқат кардани тахассуси ӯ, бояд шартномаи меҳнатӣ бандад.

Дар қисми чоруми моддаи тафсиршаванда, сухан дар бораи кафолатҳои иловагӣ меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки бинобар сабаби гузаронидани тадбирҳои беҳтар намудани вазъи экологии дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва муфлисшавӣ баамаломада бояд барҳам дода (ё аз нав ташкил карда) шаванд, машғули коранд, кафолатҳои иловагӣ муқаррар менамояд. Масалан, тибқи сархати нуҳуми моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳоро дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар доираи фаъолияти худ ва соҳаҳои иқтисодии ба онҳо вогузоршуда, мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон корро ташкил намуда, вазифадор менамояд, ки чорабиниҳоро оид ба эвакуатсияи иншооти махсусан муҳим ва ҳайати кормандони он ба маҳалҳое, ки дар шароити ҳолатҳои фавқулодда фаъолияти онҳоро таъмин менамояд, амалӣ гардонанд.

# БОБИ II. ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР СОҲАИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

## Моддаи 10. Ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ

**Ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ муносибатҳои байни давлат, иттиҳодияҳои корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандонро, ки ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ тааллуқ дорад, танзим менамояд.**

**Бо мақсади таҳияи қарорҳои мувофиқа кардашуда ва ба роҳ мондани мусоҳибаи иҷтимоӣ бобати муайян кардан ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асосҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешаванд. Намояндагии мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоён ба ҳайати кумитаҳо бо шумораҳои баробар муайян карда мешавад.**

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ муносибатҳои байни давлат, иттиҳодияҳои корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандонро, ки ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ тааллуқ дорад, танзим менамояд, меравад.

Ҳамкории иҷтимоӣ дар сатҳи болотар, яъне дар сатҳи соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ (иқтисодиёти миллӣ), минтақа ва умумидавлатӣ сурат гирифта, инъикоси худро дар созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) ва ҷумҳуриявӣ (генералӣ) меёбад.

Созишнома – санади ҳуқуқиест, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии байни кормандон, корфармоён, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳо ва касбҳоро ба танзим медарорад.

Созишнома дар бораи шарикии иҷтимоӣ аз намудҳои зерин иборат аст:

Созишномаи генералӣ- санади ҳуқуқие, ки принсипҳои умумии сиёсати шарикии иҷтимоию иқтисодиро муқаррар намуда, равандҳои асосии ҳамкорӣ ва ухдадориҳои тарафайни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоёнро дар соҳаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, бо мурури муътадил гардидани вазъи иқтисодиёт зиёд намудани даромади меҳнаткашонро муайян мекунад;

Созишномаи соҳавӣ - санади ҳуқуқие, ки равандҳои иҷтимоиву иқтисодии инкишофи соҳа, шароити меҳнат, сатҳи шуғл, музди меҳнат, кафолатҳои иҷтимоиро барои кормандони соҳа муқаррар ва масъалаҳои тарафайни сатҳи соҳавиро муайян менамояд;

Созишномаи минтақавӣ - санади ҳуқуқие, ки дар минтақаи воҳиди дахлдори маъмурӣ-ҳудудӣ шароити умумии меҳнат, кафолат ва имтиёзҳои меҳнатиро ба танзим даровarда, барои ҳамаи тарафҳо ҳатмист ва ҳангоми бастани шартномаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар шартномаҳои коллективӣ дар асоси принсипи бипартизм (дуҷониба) аз ҷониби коллективи меҳнатӣ дар симои мақомоти намояндагии он ва корфармо ё намояндаи он баста шаванд, созишномаҳо дар асоси принсипи трипартизм (сеҷониба) баста мешаванд. Зимни бастани

созишномаҳо, бояд принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ риоя шаванд.

Созишнома бо мувофиқаи тарафҳо метавонад дутарафа ва сетарафа бошад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоравӣ, ки дар музокироти сетарафа ширкат меварзанд, дар сурати ба он исрор намудани ду тарафи дигар, метавонанд аз бастани созишнома худдорӣ намоянд.

Созишномаҳо дар сатҳҳои зерин баста мешаванд:

-дар сатҳи ҷумҳуриявӣ – Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (ФИКМТ) ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар сатҳи соҳавӣ – байни мақомоти дахлдори давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон;

-дар сатҳи вилоятӣ – байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон;

-дар сатҳи шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ноҳияҳои шаҳрҳо – байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён (соҳибмулкон), намояндагони кормандон.

Намунаи Созишномаи Генералӣ, «Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (ФИКМТ) ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 маҳсуб мешавад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №77 тасдиқ шудааст.

Созишномаи мазкур аз 8 фасл иборат буда, 24 моддаро дар бар мегирад, чунончӣ: дар соҳаи муътадилгардонӣ ва рушди иқтисодиёт; таъмини рушди бозори меҳнат ва истифодаи самараноки шуғли аҳолӣ; дар соҳаи сатҳи зиндагӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ; суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва бехатарии муҳити зист; рушди ҳамкории иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тарафҳои ҳамкории иҷтимоӣ.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда бо мақсади таҳияи қарорҳои мувофиқа кардашуда ва ба роҳ мондани мусоҳибаи иҷтимоӣ бобати муайян кардан ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асосҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешаванд. Намояндагии мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоён ба ҳайати кумитаҳо бо шумораҳои баробар муайян карда мешавад, пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба ин дар якҷоягӣ таҳия, қабул, тасдиқ ва мувофиқа намудани Созишномаҳо, Дастурамалӣ о ва ғайра ҳисобидан мумкин аст, аз ҷумла, “Дастурамали ҳисоби кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд ба соҳибкорони инфиродӣ” ки бо Фармоиши муштараки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра, маҳсуб меёбад.

**Моддаи 11. Вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ:**

**- оид ба масъалаҳои рушди шуғли аҳолӣ ва сиёсат дар бозори меҳнат машварат доир менамояд;**

**- маълумотро доир ба вазъ ва тамоюлҳо дар бозори меҳнат таҳлил менамояд;**

**- амалиёти мувофиқашударо оид ба масъалаҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон таҳия менамояд;**

**- барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро ба мувофиқа мерасонад;**

**- доир ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба шуғл дахлдошта ба мақомоти дахлдор бо тартиби муқарраргардида пешниҳодҳо ирсол менамояд;**

**- ташаббусҳоро дар омода намудани чорабиниҳои ба таъмини шуғли пурра, озодона интихобшуда ва самаранок равонагашта амалӣ менамояд;**

**- ташхиси лоиҳаҳои барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро мегузаронад.**

**- масъалаҳои марбут ба шуғли аҳолиро ҳар сол на камтар аз як маротиба ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 №472).*

**Ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар маҳалҳо мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва тарафҳои дар кумитаҳо пешниҳодшуда амалӣ менамояд.**

**Тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Моддаи тафсиршаванда вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ намудааст, ки дар сархатҳои қисми якум ба таври возеҳ инъикоси худро ёфтаанд ва мазмуну муҳтавои онҳо дар меъёрҳои муқаррарнамудаи “Низомномаи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозиии мусоидат ба шуғли аҳолӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №129[1] тасдиқ шудааст, ба таври муфассал баён гардидаанд. Нигаред ба Замимаи 1.

## БОБИ III. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛИ ЧОРАҲОИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

### Моддаи 12. Танзими шуғл

**Бо мақсади мусоидат ба шуғли пурра, самаранок ва озодона интихобнамудаи аҳолӣ давлат тадбирҳои зайлро амалӣ менамояд:**

**- таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои молиявию қарзӣ, сиёсати инвеститсионӣ ва андоз, ки ба самаранок ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, баланд бардоштани зудҳаракатии захираҳои меҳнатӣ, рушди машғулияти мустақилона, ташвиқ намудани истифодаи низоми уҳдабароёнаи меҳнатӣ, ҳавасманд намудани корфармоён ва дигар тадбирҳо, ки ба нигоҳдории ҷойҳои кории самаранок амалкунанда ва таъсиси ҷойҳои нави кор мусоидат менамоянд, равона карда шудаанд;**

**- танзими ҳуқуқӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва мусоидат кардан ба шуғли аҳолӣ дар асоси риояи ҳуқуқҳо, манфиатҳои қонунии**

---

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №129; (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27. 02.2009, №129, аз 5.11.2014, №707, аз 3.09.2019, №452). Дар бораи “Низомномаи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозиии мусоидат ба шуғли аҳолӣ”. Нигаред ба Замимаи 1.

**шаҳрвандон ва кафолатҳои дахлдори давлатӣ, такмили қонунгузории шуғли аҳолӣ ва меҳнат нигаронида шудааст;**

**- таҳия ва амалӣ намудани барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳамоҳангсозии он бо барномаҳои минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;**

**- рушд ва такмили фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҳал масъул мебошанд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

**Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд барои гузаронидани чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо мусоидат намоянд, аз ҷумла ба:**

**а) пешгирии ҳолатҳои ба таври оммавӣ аз кор озодкунии кормандон;**

**б) таъсис додани ҷойҳои кории нав ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷудбуда;**

**в) ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ:**

**г) квотакунии ҷойҳои корӣ барои бо ҷои кор таъмин намудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ва шахсоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ буда, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

Азбаски тадбирҳои дар меъёру муқарраротi моддаи мазкур дар дигар моддаҳои Қонуни тафсиршаванда тавзеҳоти худро ёфтаанд, тафсири онҳоро зарур надонистем.

**Моддаи 13. Барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Бо мақсади танзим ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ба кор қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шаҳрвандон барномаҳои**

**давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ таҳия мешаванд.**

**Самтҳои мушаххаси таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, муҳлати амали онҳоро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти зарурияти ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳими мусоидат ба шуғли аҳолӣ муайян менамоянд.**

**Барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо қарори Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ тасдиқ карда мешаванд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

**Асос барои таҳияи барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро нишондиҳандаҳои пешгӯии тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар бораи татбиқи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани вазъи шуғли аҳолӣ ва иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи шуғли аҳолӣ, инчунин пешниҳодот оид ба лоиҳаҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо, барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва минтақавии таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин, бо назардошти зарурияти ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳими мусоидат ба шуғли аҳолӣ, барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ таҳия менамоянд. Дар ин хусус силсилаи барномаҳои давлатӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, аз ҷумла, Барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда (масалан, барои солҳои 2020-2022)[1], ки пайиҳам қабул шуда,

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №644.

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Нигаред ба Замимаи 8.

Барномаҳои қабулшуда қабл аз ҳама тадбирҳо оид ба таъсис додани ҷойҳои кории нав, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекориро дар бар мегиранд.  Ба ҳамин монанд, «Барнома оид ба паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №439 тасдиқ шудааст[1], ки баҳри ба таври возеҳ аз худ намудани он, тасмим гирифтем, Барномаи мазкурро дар шакли муқаррарӣ, пешниҳод намоем. Нигаред ба Замимаи 2.

**Моддаи 14. Муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои оилаи онҳо**

**Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои оилаи онҳо бо ҷудо намудани воситаҳои дахлдори моддӣ, молиявӣ ва ташкили шароити зарурии иҷтимоию маишӣ ва коммуналӣ мусоидат карда мешавад.**

**Тартиби таҳия ва амалӣ гардонидани ин тадбирҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Моддаи тафсиршаванда муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои оилаи онҳоро танҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ намудааст, ки тартиби таҳия ва амалӣ гардонидани ин тадбирҳоро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола менамояд.

---

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, №644.

Тадбирҳои пешбининамудаи меъёри тафсиршаванда ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоӣ дохил мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади ҳалли масъалаҳои демографӣ, тақвияти муҳоҷирати дохилӣ-ихтиёрии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои сераҳолӣ ва камзамин ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ ва дар заминаи он таъсис додани шаҳраку деҳаҳои нав, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва шароити моддию маишӣ ба шаҳрвандон, нақшаҳои муҳоҷирати дохилӣ-ихтиёрии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамини кӯҳистон ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ барои солҳои муайян қарорҳо қабул мекунад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор, бояд, иҷрои саривақтии Нақшаҳои тасдиқшударо таъмин намояд

Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, кӯчонидани мухоҷирони дохилӣ-ихтиёриро ба маҳалли нави истиқомат мутобиқи рӯйхатҳои ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, дар давоми солҳои муайяншуда таъмин менамоянд.

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои оилаи онҳо бо ҷудо намудани воситаҳои дахлдори моддӣ, молиявӣ ва ташкили шароити зарурии иҷтимоию маишӣ ва коммуналӣ мусоидат карда мешавад.

Вобаста ба ин, бо дархости Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои

пешбинишудаи ин вазорату идораҳо бояд, дар солҳои муайяншуда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирон мутобиқи Нақшаи тасдиқшуда ба анҷом расонанд.

Инчунин, оиди таъмини маблағгузории саривақтии Нақшаи тасдиқшуда, пардохти саривақтии қарзҳои имтиёзнок, механизми пардохти қарзи имтиёзнок ва дигар масъалаҳои марбут ба муҳоҷирони дохилӣ-ихтиёрӣ, дар нақша пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 15. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

**Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҷиҳати ташкилӣ мустақил мебошад, ки фаъолияти он ба самтҳои зерин равона карда шудааст** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*:

**- баҳодиҳии ҳолат ва пешгӯии рушди шуғли аҳолӣ, маълумот додан дар бораи вазъи бозори меҳнат;**

**- тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, аз он ҷумла барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷ дошта, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;**

**- мусоидат ба шаҳрвандон дар ҷустуҷӯи кори мувофиқ ва ба корфармоён дар интихоби кормандони лозимӣ;**

**- ҳангоми зарурат ташкил намудани самтгирии касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ ва такмили тахассуси шаҳрвандони бекор;**

**- дастгирии иҷтимоии бекорон дар шакли пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, стипендия дар давраи омӯзиш бо роҳхати мақомоти хадамоти шуғл** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472).*

**- хизматрасонии машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба бекорон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472).*

**Фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолиро мақомоти давлатии аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор кардашуда роҳбарӣ ва ташкил менамояд, ки барои амалӣ намудани ваколатҳои худ мақомоти минтақавиро таъсис медиҳад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ якҷоя бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ таҳия ва амалӣ менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Тартиби ташкили мақомоти давлатии шуғли аҳолиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

Вобаста ба гирифтани машварат ва маълумот дар самти шуғлмандӣ, шаҳрвандон метавонанд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ - Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкурро зери назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати риоя шудани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба меҳнат, шуғл ва муҳоҷират аз ҷониби корфармоён, аз байн бурдани шуғли ғайрирасмии шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, тамоми чораҳои заруриро меандешад.

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда ва Низомномаи он аз 3 майи соли 2014, №299, тасдиқи худро ёфтааст[1]. Нигаред ба Замимаи 3.

---

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №299 дар бораи низомномаи хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

**Моддаи 16. Маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асоси принсипҳои бисёрсамтӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.**

**Маблағҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*:

**- маблағҳои аз ҳисоби корхонаю ташкилотҳои системаи хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ воридшаванда;**

**- маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ, ки аз ҳисоби пардохтҳои иҷтимоии аз фонди музди меҳнат вориднамудаи корфармоён ташаккул меёбанд, ба андозае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*;

**- маблағҳое, ки ҳамчун қарзи бебозгашт (грант), инвеститсияҳо, кӯмаки хайрия ва сарпарастиҳо аз ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ барои мақсадҳои мусоидат ба шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ворид мешаванд;**

**- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526);*

**- маблағҳои баргардонидашуда, қарзҳои бефоизе, ки аз ҳисоби маблағҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба шаҳрвандони бекор дода шудаанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*.

**Маблағҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ташкил меёбанд, хусусияти мақсаднок дошта, танҳо барои самтҳои зерин истифода бурда мешаванд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*:

**- пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, ба истиснои шахсони дар қисмҳои сеюм ва шашуми моддаи 27 Қонуни мазкур зикргардида** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 №1526)*;

**- маблағгузории хароҷот барои тамоюли касбӣ, тарбияи касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шахсони бекор, аз он ҷумла пардохти стипендия барои онҳо** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 №472);*

**- додани кӯмаки молиявии беподош барои хароҷоти корҳои ҷамъиятии музднок;**

**- таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ тавассути расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекори ба ҳифзи иҷтимоӣ мухтоҷбуда** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526)*;

**- хориҷ карда шуд** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526)*;

**- таъмини фаъолияти илмию тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва бозори меҳнат;**

**- хориҷ карда шуд** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526)*;

**- маблағгузории чорабиниҳои ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва бекорӣ.**

**Маблағҳои ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ воридшуда, ки дар соли ҳисоботӣ истифода нашудаанд, кашида гирифта намешаванд (ба истиснои маблағҳои буҷетӣ) ва ба солиояндаи молиявӣ мегузаранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

**Мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳуқуқ дорад хароҷоти мақсадноки маблағҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷудо карда мешаванд, назорат карда, оид ба истифодаи онҳо ҳисобот талаб намояд** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526).*

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда амалӣ намудани маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро дар

асоси принсипҳои бисёрсамтӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ пешбинӣ намудааст.

Таъмини рушди устувори маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар интихоби принсипҳои илман асоснокшуда дар назар дорад.

Принсипҳои бисёрсамтиро сарчашмаҳои асосии ташаккули маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро аз самтҳои гуногуни воридкунандагон, аз ҷумла даромадҳои ҷорӣ, грантҳо, инчунин маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои гуногун ташкил медиҳад.

Принсипҳои ҳамкории иҷтимоӣ бошад, дар доираи аломатҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ, ҳамкории иҷтимоӣ, созиши иҷтимоии ҷомеа таъмин гашта, равобити судманд ва манфиатбахши байни давлат ва дигар субектони хоҷагидори новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидориашон, ба роҳ монда мешавад.

Қисми дуюми моддаи 16 Қонуни тафсиршаванда маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ менамояд, ки дар он манбаъҳои маблағгузориҳои воридкунандагонро дар сархатҳо ҷудогона эълон доштааст.

Аазбски манбаъҳои маблағгузории овардашуда дар худи сархатҳои қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ва дигар моддаҳои дахлдори Қонуни тафсиршаванда ба таври возеҳ пешбинӣ шудаанд, тафсири онро нолозим медонем.

Дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда муқаррарот оид ба маблағҳое, ки аз ҷониби воридкунандагон, ба истисնои маблағҳое, ки аз буҷети давлатӣ ҷудошуда, ба фонди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ворид шудаанду ва дар соли ҳисоботӣ ҳамчун маблағи истифоданашуда боқӣ мондаанд, ба буҷети давлат баргардонида намешаванд ва ба солиояндаи молиявӣ мегузаранд, пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи қисми чоруми моддаи тафсиршаванда мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳуқуқ дорад хароҷоти мақсадноки маблағҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷудо карда мешаванд, назорат карда, оид ба истифодаи онҳо ҳисобот талаб намояд.

Тибқи банди 1 боби 1 «Низомномаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №151 тасдиқ шудааст, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин мақоми марказии ҳокимияти иҷроия барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, мустақилона ташаккул ва идора намудани буҷети суғуртаи иҷтимоӣ, маъмурикунӣ, пасандозкунӣ ва ҷойгиркунии саҳмҳои суғуртавӣ, пешбурди ҳисобномаҳои суғуртакунандагон ва шахсони суғурташуда, таъинот ва маблағгузории пардохтҳои иҷтимой, назорат ба дурустии ҳисоб, таъинот ва пардохти онҳо ваколатдор мебошад.

**Моддаи 17. Ҳисоботи оморӣ ва маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ**

**Барои баҳои воқеӣ додан ба вазъи бозори меҳнат ва вазъи кор дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи давлатии оморӣ муқаррар карда мешавад.**

**Шахсони ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, ки бо миёнаравии меҳнатӣ машғуланд, шахсони бекорро сабти ном карда ба қайд мегиранд, вазифадоранд мувофиқи тартиб ва муҳлатҳои муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи оморӣ пешниҳод намоянд.**

**Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо мақомоти омори давлатӣ, мақомоти андоз, мақомоти хадамоти муҳоҷират ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва маълумотҳои барои иҷрои вазифаҳои тарафҳо заруриро ба таври ройгон мубодила менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*.

**Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ нашри маълумоти оморӣ ва маводи иттилоотиро дар бораи вазъи бозори меҳнат, талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ, имкониятҳои бо кор таъминкунӣ, тамоюли касбӣ, тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос, инчунин офиятбахшии иҷтимоию меҳнатиро таъмин менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

Дар муқаррароти моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи ҳисоботи оморӣ ва маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ меравад.

Зери мафҳуми ҳисоботҳои омори давлати - маълумоте, ки аз ҷониби воҳидҳои оморӣ ва субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти омори давлатӣ пешниҳод мегарданд, фаҳмида мешавад.

Инчунин, тибқи меъёрҳои пешбининамудаи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, №588"Дар бораи омори давлатӣ" низоми омори давлатӣ - қисми асосии таркибии низоми иттилооти давлатӣ мебошад, ки дар худ маҷмӯи маълумоти омории аввалия, ҷамъбастшуда ва маъмуриро ифода менамояд.

Зери мафҳуми баҳисобгирии омори расмӣ - фаъолияте, ки тибқи методологияи омори расмӣ барои гузаронидани мушоҳидаҳои оморӣ ва коркарди маълумоте, ки дар натиҷаи онҳо гирифта мешаванд, равона карда шуда, бо мақсади ташаккули иттилооти омори расмӣ андешида мешавад.

Зери мафҳуми субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ - мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ташаккулёбии иттилооти омори расмиро дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд.

Зери мафҳуми воҳиди оморӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд[1].

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, барои баҳои воқеӣ додан ба вазъи бозори меҳнат ва вазъи кор дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи давлатии оморӣ муқаррар карда мешавад.

Инчунин, қисми якуми моддаи тафсиршаванда вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро пешбинӣ намудааст, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №129 бо номи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ таъсис дода шудааст, ба таври муфассал Нигаред ба Замимаи 1.

Ба ҳамин монанд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, №57 дар бораи “Қоидаҳои баҳисобгирии ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи шахсони воқеӣ таъсис дода мешаванд”, ба таври муфассал нигаред ба Замимаи 4.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, тамоми шахсони ҳуқуқии сарфи назар аз шаклҳои моликият ва идоракуниашон,

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2010, №1, мод.12; №7, мод.562. (Қонуни ҶТ аз 21.07.2010, №630, аз 22.07.2013, №996)

ки бо миёнаравии меҳнатӣ машғуланд, шахсони бекорро сабти ном карда ба қайд мегиранд, вазифадор менамояд, ки мувофиқи тартиб ва мухлатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи оморӣ пешниҳод намоянд.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои дахлдори давлатӣ мубодилаи ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва маълумотҳои барои иҷрои вазифаҳои тарафҳо заруриро ба таври ройгон пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти сархати сеюми банди 5 боби 2 Низомнома, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, мувофиқи тартиби муқаррargardида ҷамъоварӣ ва пешниҳоди саривақтии маълумоти омориро доир ба ҳолати бозори меҳнат таъмин менамояд ва ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳо барои ворид намудани шаклҳои нави оморӣ ҷиҳати арзёбии вазъи воқеии бозори меҳнат, яке аз вазифаҳои асосии он маҳсуб меёбад.

**Моддаи 18. Додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оиди мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Фаъолияти ба шаҳрвандон расонидани хизмат ҷиҳати мусоидат барои бо кор таъмин намудан, тамоюли касбӣ, кӯмаки психологӣ ва бозомӯзонидани шаҳрвандони бекор ва аҳолии бе шуғл аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ дар асоси иҷозатнома (литсензия) ба роҳ монда мешавад.**

Моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оиди мусоидат ба шуғли аҳолиро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

Қабл аз тавзеҳоти додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оиди мусоидат ба шуғли аҳолӣ, бояд худи мафҳуми иҷозатнома (литсензия)-ро донист.

Тибқи муқаррароти сархати якуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»[1] иҷозатнома (литсензия) - иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда, яъне мақомоти иҷроия ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст, фаҳмида мешавад.

Муқаррароти сархати чилуҳафтуми қисми якуми моддаи 17 Қонун, барои фаъолият намудҳои зерини иҷозатномаро зарур мешуморад, иҷозатнома барои фаъолияти бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо кор таъмин кардани

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №5, мод.348; с.2005, №3, мод.120; с.2006, №7, мод. 343; с.2007, №6, мод.433; с.2008, №1, қ.2, мод.14, №6, мод.457, №10, мод.816; с.2009, №3, мод.78, №5, мод.326, №9-10, мод. 544; с.2010, №12, қ.1, мод.821; с.2012, №12, қ.1, мод.1005; с.2013, №3, мод.193, №11, мод.787; с.2014, №7, қ.2, мод.406, мод.407, №11, мод.666; с. 2015, №3, мод.206, мод.213, №11, мод.967; с.2016, №5, мод.369, №7, мод.631, №11, мод.885; с.2017, №5, қ.1, мод.291; Қонуни ҶТ аз 28.07.2006, №195, аз 13.06.2007, №277, аз 5.01.2008, №349, аз 18.06.2008, №399, аз 6.10.2008, №435, аз 26.03.2009, №485, аз 19.05.2009, №519, аз 5.10.2009, №551, аз 29.12.2010, №662, аз 28.12.2012, №911, аз 19.03.2013, №950, аз 12.11.2013, №1030, аз 26.07.2014, №1109, 1110, аз 27.11.2014, №1157, аз 18.03.2015, №1184, №1191, аз 23.11.2015, №1246, аз 14.05.2016, №1318, аз 23.07.2016, №1353, аз 14.11.2016, №1369, аз 30.05.2017, №1434, аз 20.06.2019, №1625.

шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Дар асоси меъёри пешбинишуда, шахсони ҳуқуқӣ ва метавонанд ба чунин фаъолият машғул шаванд.

Тамоюли касбӣ, кӯмаки психологӣ ва бозомӯзонидани шаҳрвандони бекор ва аҳолии бе шуғлро бошад, қонунгузорӣ дар соҳаи маориф амалӣ мегардонад.

**Моддаи 19. Мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ**

**Корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғл дар асосҳои зерин мусоидат мекунанд, аз ҷумла:**

**- риоя кардани шартномаҳое (қарордодҳое), ки муносибатҳои меҳнатиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд;**

**- амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, дар барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои ҳифзи меҳнаткашон дар мавриди боздоштани истеҳсолот ё аз кор хориҷ намудани кормандон пешбинӣ шудаанд;**

**- расонидани кӯмак барои бо кор таъмин намудан, тарбияи касбӣ ва пешниҳод намудани кӯмаки иловагии молиявӣ барои кормандони аз кор хориҷшаванда аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳо;**

**- фароҳам овардани шароит барои тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кормандон;**

**- таҳия ва амалӣ намудани барномаи иҷтимоии ташкилот, ки нигоҳ доштан ва самаранок истифода бурдани иқтидори касбии кормандон, ҳифзи иҷтимоии онҳо, беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнатро пешбинӣ менамояд;**

**- риояи квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 №472)*;

**- бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷбуда ё захира намудани намудҳои алоҳидаи ҷойҳои корӣ барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 № 472)*.

**Корфармоён вазифадоранд саривақт, на камтар аз ду моҳ пеш ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии меҳнаткашон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос, дараҷаи ихтисос ва андозаи музди меҳнати корманди аз кор хориҷшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд. Барои пинҳон намудан ва пешниҳод накардани чунин маълумот тибқи тартиби муқаррargардида корфармоён ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724, аз 17.05.2018 №1526)*.

**Корфармоён бояд ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумоти зеринро пешниҳод намоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 №724)*:

**- маълумот дар бораи нисбат ба ташкилоти мазкур истифода бурдани тартиби муфлисшавӣ, инчунин маълумоти барои иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон зарурбуда;**

**- дар муҳлати то даҳ рӯз аз рӯзи пайдо шудани маълумот дар бораи ҳамаи ҷойҳои кории холии (вакансияҳои) бавуҷудомада**

**мувофиқи талаботи касбии дар ташкилотҳо муайянкардашуда, инчунин маълумот дар бораи вазъи кадрҳо ва шумораи воқеии кормандон. Тартиби аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷудияти ҷойҳои холии кориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

**Дар мавриди иҷро накардани квота барои ба кор қабул намудан корфармоён мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.**

**Ҳангоми ба кор қабул кардани шаҳрванд, ки аз тарафи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ равон шудааст, корфармо дар давоми панҷ рӯз ба хадамоти шуғл варақаи роҳхатро бо нишон додани рӯзи ба кор қабул намудани шаҳрванд бозмегардонад. Дар сурати ба кор қабул накардани шаҳрванд корфармо дар варақаи роҳхат рӯзи омадани шаҳрванд ва сабаби ба кор қабул накарданро қайд карда, роҳхатро ба шаҳрванд бармегардонад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Корфармо ҳуқуқ дорад:**

**- шаҳрвандони бевосита ба ӯ муроҷиатнамударо дар асосҳои баробар бо шаҳрвандони роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолидошта ба кор қабул намояд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- аз мақомоти хадамоти шуғл дар бораи бозори меҳнат маълумоти ройгон гирад;**

**- оид ба амали мақомоти хадамоти шуғл ба мақомоти болоии он ва инчунин ба суд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.**

**Ҷойҳои корӣ барои маъюбон танҳо бо мувофиқаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барҳам дода мешаванд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда, мусоидати корфармоёнро ба таъмини шуғли аҳолӣ пешбинӣ намудааст. Корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғл дар асосҳои дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда мусоидат мекунанд. Азбаски асосҳои овардашуда дар худи моддаи тафсиршаванда ва дигар моддаҳои дахлдори Қонуни тафсиршаванда тафсир ва тавзеҳи худро ёфтаанд, тафсири онро нолозим медонем.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда корфармоёнро вазифадор менамояд саривақт, на камтар аз ду моҳ пеш ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии меҳнаткашон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос, дараҷаи ихтисос ва андозаи музди меҳнати корманди аз кор хориҷшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд. Барои пинҳон намудан ва пешниҳод накардани чунин маълумот тибқи тартиби муқарраргардида корфармоён ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Инчунин, чи тавре зикр гардид, дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда якчанд асоси бекор намудани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудааст: барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо-шахси воқеӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон.

Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ (ташкилот) баъди дар ин хусус ворид намудани сабт ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ баитмомрасида ва шахси

ҳуқуқӣ бошад, барҳамдодашуда эътироф карда мешавад (қисми 8 моддаи 64 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳангоми бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хурдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо-шахси воқеӣ, бояд талаботҳои моддаи 44 ва сархати 1 қисми 1 моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя шаванд.

Дигар асоси бо ташаббуси корфармо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон маҳсуб меёбад. Бо ташабуси корфармо бо корманд бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори воҳиди корӣ ё шумораи кормандон дар сурате асоснок ва қонунӣ эътироф мегардад, ки агар шартҳои муайян риоя шуда бошанд. Якум, ихтисори воқеии шумора ё воҳиди кории кормандон ҷой дошта бошад. Воқеан ҷой доштан ё надоштани ихтисори шумора ё воҳиди кории кормандон бо ҷадвали воҳидҳои кории ташкилот, ки бо тартиби муқаррааргардида тасдиқ шудааст, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, ки дар бораи шумораи кормандон ё воҳидҳои кории кормандонро шаҳодат медиҳанд, собит мешавад. Дуюм, ба корманд дар ҳамон ташкилот дигар кор пешниҳод шуда бошад. Сеюм, муқаррароти моддаи 43 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя шуда бошад. Чорум, дар хусуси бо ин асосҳо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, корманд бо гузоштани имзо ду моҳ қабл огоҳонида шуда бошад. Панҷум, корфармо бо сабаби ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон бекор намудани шартномаи меҳнатиро бо Кумитаи иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон мувофиқа карда бошад.

Агар корфармо ҳангоми бо ин асосҳо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ, ҳатто яке аз шартҳои пешбинишударо

риоя накунад, бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ғайриқонунӣ дониста шуда, суд аризаи даъвогии корманд дар хусуси ба кор барқарор намудани ӯро қонеъ мегардонад.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда, корфармоёнро вазифадор менамояд, бояд ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои лозимаро пешниҳод намоянд. Чунки Мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳар як марҳилаи бақайдгирӣ ҳисоби алоҳидаи бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯйро ба роҳ мемонад.

Корфармоён бояд ба мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолиҳоӣ дар боло зикргардида, маълумотҳои дар Қонун муқарраршударо пешниҳод намоянд. Якум, маълумот дар бораи нисбат ба ташкилоти мазкур истифода бурдани тартиби муфлисшавӣ, инчунин маълумоти барои иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон зарурбуда. Дуюм, дар муҳлати то даҳ рӯз аз рӯзи пайдо шудани маълумот дар бораи ҳамаи ҷойҳои кории холии (вакансияҳои) бавуҷудомада мувофиқи талаботи касбии дар ташкилотҳо муайянкардашуда, инчунин маълумот дар бораи вазъи кадрҳо ва шумораи воқеии кормандон.

Тартиби аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷудияти ҷойҳои холии кориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои замимагардидаи аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кори ишғолнагардида ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009, №205; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009, №181 ва ғайра.

Дар мавриди иҷро накардани квота барои ба кор қабул намудан корфармоён мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 95 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз тарафи шахси мансабдор беасос ба кор қабул накардани шахс, ки ба корхона, муассиса ва ташкилот, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тарзи ташкилию ҳуқуқӣ, аз тарафи хадамоти шуғли аҳолӣ аз ҳисоби квотаи тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида фиристода шудааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои аз тарафи шахси мансабдор беасос ба кор қабул накардани шахс, ки аз озмуни ишғоли ҷойҳои холӣ гузаштааст ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки додани иҷозат барои кор дар доираи квотаи муайянгардида, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол тасдиқ менамояд, ба роҳ монда мешавад.

Зимни ба кор қабул кардани шаҳрванд, ки аз Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ равон шудааст, корфармо вазифадор аст, дар давоми панҷ рӯз ба хадамоти шуғл варақаи роҳхатро бо

нишон додани рӯзи ба кор қабул намудани шаҳрванд бозпас гардонад. Зимни ба кор қабул накардани шаҳрванд бошад, корфармо вазифадор аст, дар варақаи роҳхат рӯзи омадани шаҳрванд ва сабаби ба кор қабул накарданро сабт карда, роҳхатро ба шаҳрванд бозпас мегардонад.

Қисми шашуми моддаи тафсиршаванда, ҳуқуқҳои корфармоёнро пешбинӣ намудааст. Азбаски ҳуқуқҳои овардашуда дар худи моддаи тафсиршаванда ва дигар моддаҳои дахлдори Қонуни тафсиршаванда тафсир ва тавзеҳи худро ёфтаанд, тафсири онро нолозим медонем.

**Моддаи 20. Иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

**Иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон ҳуқуқ доранд дар таҳияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ иштирок намоянд.**

**Мақомоти идораи давлатӣ, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон оид ба масъалаҳои шуғл мунтазам машваратҳои муштарак мегузаронанд. Аз рӯи натиҷаи онҳо метавонанд созишномаҳои (шартномаҳои) коллективӣ банданд, ки онҳо тадбирҳои нигоҳдорӣ ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳимояи кормандони аз кор озодгардида, инчунин меҳнаткашоне, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷманданд, уҳдадориҳои дигар мақомоти идораи давлатиро оид ба пешниҳод намудани иттилоот дар бораи шароити иқтисодӣ ва молиявии гузаронидани сиёсати шуғли аҳолӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба манфиатҳои меҳнаткашонро дар соҳаи шуғл дарбар мегиранд.**

Мутобиқи қисми 2 моддаи 290 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттифоқҳои касаба ва дигар

намояндагони кормандон манфиатҳои кормандонро дар муносибатҳои меҳнатӣ намояндагӣ мекунанд.

Асоси меъёрии ҳуқуқии фаъолияти намояндагони кормандони ташкилотро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», инчунин созишномаю шартномаҳои коллективӣ, ташкил медиҳанд.

Иттифоқҳои касаба ташкилотҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ буда, ба мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ- иқтисодии меҳнаткашон таъсис дода мешаванд.

Иттифоқҳои касаба дар фаъолияти худ мустақил буда, оиннома ва низомномаҳои худро тарҳрезӣ ва тасдиқ намуда, мақомоти роҳбарикунандаи худро интихоб менамоянд.

Ҳуқуқи муайян намудани мақомотҳои намояндагӣ ва ҳифзкунандаи манфиату ҳуқуқҳои кормандон, ба худи онҳо дода шудааст.

Тибқи моддаи 291 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сухан дар бораи ҳуқуқҳои намояндагони кормандон дар ташкилот меравад намояндагони кормандон дар ташкилот чунин ҳуқуқҳоро доранд:

- гуфтушунидҳои коллективона гузаронанд, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба имзо расонанд, дар таҳияи санадҳои дигари меъёрӣ оид ба меҳнат дар ташкилот ширкат варзанд ва ба корфармо лоиҳаи чунин санадҳоро пешниҳод кунанд;
- дар баррасии масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ташкилот иштирок намоянд;
- риояи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективиро назорат кунанд;

- дар мақомоти баррасикунандаи баҳсҳои меҳнатӣ манфиати кормандро ҳимоя кунанд;

- дар бораи қарори корфармо ва шахсони ваколатдори ӯ, агар қарор хилофи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат бошад ё бо роҳи дигар ҳуқуқҳои кормандонро поймол созад, ба суд шикоят кунанд;

- тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корпартоӣ эълон кунанд;

- ҳангоми фаъолияти намояндагӣ дигар амали қонуниро анҷом диҳанд.

Ҳамаи намояндагони ваколатдоршудаи кормандон ҳуқуқҳои баробар доранд.

Манъи дахолат ё қатъ намудани фаъолияти қонунии намояндагони кормандонро моддаи 292 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи банди 5 боби 1 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» аз 2 апрели соли 2009 №181, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

Мутобиқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 апрели соли 2008, № 173[1]

Комиссияҳои сетарафа (дутарафа) оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати ҶТ аз 01. 04. 2008, № 173, аз 17.03.2017, № 136.

аз ҷониби тарафҳои шарикии иҷтимоӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

Ҳангоми таҳияи услубҳои асосии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, Комиссия бояд, манфиатҳои мақомоти идораи ҳокимияти давлатӣ, Федератсияи итттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки мақомоти намояндагии кормандони ташкилотҳо дорои ваколатҳои васеъ мебошанд. Барои дастрас намудани онҳо метавон аз меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба»[1], «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[2], инчунин Тафсирҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] истифода намуд.

**Моддаи 21. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор**

**Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли**

---

[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод.611; Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 №1673.

[2]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №5, мод.363; с.2008, №3, мод.202; с.2010, № 7, мод.554; с.2013, № 3, мод. 202; с.2015, №7-9, мод.700, №11, мод.963; Қонуни ҶТ аз 20.03.2008, №384, аз 21.07.2010, №621, аз 19.03.2013, №962, аз 8.08.2015, №1210, аз 23.11.2015, №1242, аз 2.01.2019, №1575.

[3] Ниг.: Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. –1120 саҳ.; Маҳмудзода М. А, Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Эр-граф”, 2019. – 648 саҳ.

**аҳолӣ дар мавридҳое сурат мегиранд, ки агар** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*:

**- онҳо барои бо кор таъмин кардани шаҳрвандон мусоидат намоянд;**

**- аз сабаби надоштани ихтисоси зарурии касбӣ ба шаҳрванд интихоб намудани кори мувофиқ имконнопазир бошад;**

**- бо сабаби набудани коре, ки ба талаботи малакаи касбии шаҳрванд ҷавобгӯ бошад, тағйир додани касб (ихтисос, намуди машғулият) зарур аст;**

**- аз рӯи ихтисоси пешина қобилияти иҷрои корро гум карда бошад.**

**Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии чунин шаҳрвандон дар асоси роҳхати Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии касбӣ ва иловагӣ, марказҳои таълимии мақомоти хадамоти шуғл ва ё дар дигар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи шартномаҳои аз тарафи мақомоти хадамоти шуғл басташуда ба роҳ монда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Ҳуқуқи бо тартиби афзалиятнок аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанро маъюбони бекор, шаҳрвандони бекор баъди гузаштани зиёда аз шаш моҳи бекорӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, ҳамсарони хизматчиёни ҳарбии аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, хатмкунандагони муассисаҳои таълими умумӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки бори аввал кор меҷӯянд (пештар кор накардаанд) ва ихтисос надоранд, доро мебошанд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

**Мақомоти соҳаи маориф дар асоси дархости мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба онҳо дар бораи сохтори касбию тахассусӣ ва шумораи хатмкунандагоне, ки барои бо кор таъмин кардан эҳтиёҷ доранд, маълумот пешниҳод менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Тартиби ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекорро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Моддаи тафсиршаванда тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекорро пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти қисми якуми моддаи тафсиршаванда, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар мавридҳое сурат мегиранд, ки агар:

- онҳо барои бо кор таъмин кардани шаҳрвандон мусоидат намоянд;
- аз сабаби надоштани ихтисоси зарурии касбӣ ба шаҳрванд интихоб намудани кори мувофиқ имконнопазир бошад;
- бо сабаби набудани коре, ки ба талаботи малакаи касбии шаҳрванд ҷавобгӯ бошад, тағйир додани касб (ихтисос, намуди машғулият) зарур аст;
- аз рӯи ихтисоси пешина қобилияти иҷрои корро гум карда бошад.

Мутобиқи муқаррароти қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, амалӣ намудани ҳолатҳои зикргардида, дар асоси роҳхати Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии касбӣ ва иловагӣ, марказҳои таълимии мақомоти хадамоти шуғл ва ё дар дигар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи шартномаҳои аз тарафи мақомоти хадамоти шуғл басташуда, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии чунин шаҳрвандон ба роҳ монда мешавад.

Муқаррароти қисми сеюми моддаи тафсиршаванда, ҳуқуқи бо тартиби афзалиятнок аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанро маъюбони бекор, шаҳрвандони бекор баъди гузаштани зиёда аз шаш моҳи бекорӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, ҳамсарони хизматчиёни ҳарбии аз хизмати ҳарбӣ озодшуда,

хатмкунандагони муассисаҳои таълими умумӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки бори аввал кор меҷӯянд (пештар кор накардаанд) ва ихтисос надоранд, доро мебошанд пешбинӣ намудааст.

Мақомоти соҳаи маориф дар асоси дархости мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба онҳо дар бораи сохтори касбию тахассусӣ ва шумораи хатмкунандагоне, ки барои бо кор таъмин кардан эҳтиёҷ доранд, маълумот пешниҳод менамоянд.

Қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда тартиби ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекорро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола менамояд. Вобаста ба ин, тасмим гирифтем Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №373 дар бораи “Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор» – ро ба таваҷҷуҳи хонандагон пешкаш намоем. Нигаред ба Замимаи 5.

**Моддаи 22. Ташкили корҳои ҷамъиятӣ**

**Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият бо иштироки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар асоси шартнома гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднокро ташкил менамоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Бо шахсоне, ки дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок кардан мехоҳанд, ба муҳлати то як моҳ бо ҳуқуқи минбаъд дароз намудани он то се моҳ шартномаи (қарордоди) меҳнатии муҳлатнок баста мешавад. Шаҳрвандони бекоре, ки барои бекорӣ кӯмакпулӣ намегиранд, бекорони зиёда аз шаш моҳ дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ҳуқуқи афзалиятноки иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднокро доранд. Шаҳрвандони барои ҷустуҷӯи кор дар қайди мақомоти хадамоти шуғл буда низ ҳуқуқи иштирокро дар корҳои**

**ҷамъиятии музднок доранд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 № 472, аз 28.06.2011, №724)*.

**Иштироки шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятии музднок танҳо бо розигии онҳо мумкин аст. ҳангоми ба корҳои ҷамъиятии музднок равон намудан вазъи саломатӣ, синну сол, касб ва дигар хусусиятҳои инфиродӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Шартномаи (қарордоди) меҳнатии мӯҳлатнок дар бораи иштироки шаҳрванд дар корҳои ҷамъиятӣ метавонад аз тарафи шаҳрванд дар мавриди соҳиби кори доимӣ ё муваққатӣ шуданаш пеш аз мӯҳлат қатъ карда шавад.**

**Музди меҳнати шаҳрвандони дар корҳои ҷамъиятӣ машғулбуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.**

**Ба шаҳрвандони машғули корҳои ҷамъиятии музднок қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ва суғуртаи иҷтимоӣ татбиқ мегардад.**

**Маблағгузории корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳое, ки ин корҳо дар он ҷо ташкил карда мешаванд ва ҳангоми зарурат бо ҷалб намудани маблағҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва кӯмаки молиявии беподоши мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ амалӣ мегардад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Тартиби ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъиятиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи ташкили корҳои ҷамъиятӣ меравад.

Қисми ҳафтуми моддаи тафсиршаванда тартиби ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъиятиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола менамояд. Вобаста ба ин, тасмим гирифтем Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93; 2 июли 2009, №404 «Дар бораи Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи

корҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» аз 3 марти соли 2011, №121 –ро ба таваҷҷуҳи хонандагон пешкаш намоем.Нигаред ба Замимаҳои 6-7.

**Моддаи 23. Тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

**Ба шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ мерасонанд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

Моддаи тафсиршаванда тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд, пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд», қабул шудааст, ки масъалаҳои тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ, қоидаҳои расонидани кӯмаки молиявӣ ба бекорон ва корҳои ташкилиро дар бар мегирад.

Масъалаҳои зикргардида аз ҷониби Хадамоти давлатии шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи хароҷотҳое, ки ба татбиқи сиёсати

давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ равона мегардад, маблағ пешбинӣ ва мавриди истифода қарор дода мешавад.

Аз тарафи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасманд гардонидани бекороне, ки мақсади ба соҳибкорӣ машғул шуданро доранд хизматҳои машваратии зерин расонида мешавад:

– машварати ҳуқуқӣ;

– дастгирии равонӣ (психологӣ);

– маслиҳат оид ба роҳҳои ташкили соҳибкорӣ;

– шинос намудан бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;

– пешниҳоди маълумот оид ба дигар мақомоте, ки бо масъалаҳои инкишофи соҳибкорӣ ва омӯзиш дар асоси иқтисоди бозоргонӣ, аз рӯи ихтисосҳое, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ заруранд, машғул мебошанд;

– шиносоӣ бо тартиб ва шартҳои омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ, таҳия намудани асосҳои техникию иқтисодӣ, тайёр намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирӣ ҳамчун соҳибкорӣ фардӣ.

Хизматҳои машваратӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тавассути ташкил намудани семинарҳо, тренингҳо, мизҳои мудаввар, маслиҳатдиҳӣ ва дигар чорабиниҳо сурат мегирад.

Хизматҳои машваратӣ дар асоси муроҷиати шахси бекор аз тарафи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ расонида мешавад.

Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки синнашон аз 15- сола болобуда ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд ва қобилияту хоҳиши соҳибкорӣ доранд, кӯмаки молиявӣ мерасонад.

Кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолии маҳалли зист расонида мешавад.

Барои гирифтани кӯмаки молиявӣ шаҳрвандони бекори дар қайдбуда, ки корро ҷустуҷӯ менамояд, бояд ба мақомоти давлатии шуғли аҳолии маҳалли зист ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- аризаи шаҳрванд ба унвони роҳбари мақомоти давлатии шуғли аҳолии маҳалли зист;
- нақшаи тиҷоратӣ;
- маълумот оид ба даромади умумии оила;
- асоси техникию иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ;

Дар ҳолати аз меъёри муайяншуда зиёдтар ворид гардидани дархост оид ба гирифтани кӯмаки молиявӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ метавонад озмун ташкил намояд.

Шаҳрвандони бекоре, ки дар муассисаҳои таълимӣ асосҳои фаъолияти соҳибкориро бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ омӯхтаанд ё аз оилаҳои камбизоат мебошанд, ҳуқуқи афзалиятноки гирифтани кӯмаки молиявиро доранд.

Бо шаҳрванди бекоре, ки ба ӯ кӯмаки молиявӣ расонида мешавад мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шартномаи қарздиҳӣ мебандад, ки дар он ухдадориҳои тарафайн, ҳаҷми кӯмаки молиявӣ, муҳлат ва тартиби баргардонидани он нишон дода мешавад.

Бо мақсади таъмини бозгашти кӯмаки молиявӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо шаҳрванди бекори қарзгиранда шартномаи гаравӣ ва ё дигар намуд шартнома мебандад. Арзиши аслии молу амволӣ ба гарав мондашаванда бояд аз ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ду баробар зиёд бошад.

Дар ҳолати аз ҷониби шаҳрванди бекор ғайримақсад истифода намудани маблағи кӯмаки молиявӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мутобиқи қонунгузорӣ шартномаи

қарзиро метавонад пеш аз мухлат бекор намояд ва дар ҳаҷми пурра маблағи додашударо ситонад.

Барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои шаҳрванд ҷиҳати сари вақт баргардонидани кӯмаки молиявӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ метавонад, мувофиқи қонунгузорӣ дар шартномаи қарзӣ ҷарима муқаррар намояд, ки он низ барои расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрванди бекор истифода мешавад.

Ҳаҷм ва мухлати баргардонидани кӯмаки молиявӣ аз рӯи нишондодҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- барои фаъолияти тиҷоратӣ дар ҳаҷми то 80 музди меҳнати ҳаддӣ ақал ба мухлати то як сол;
- барои фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ҳаҷми то 100 музди меҳнати ҳадди ақал ба мухлати то як сол;
- барои фаъолияти истеҳсолӣ дар ҳаҷми то 150 музди меҳнати ҳадди ақал ба мухлати то як солу шаш моҳ.

Дар ҳолати аз ҷониби шаҳрванд ғайримақсаднок истифода гардидани кӯмаки молиявӣ, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳуқуқ дорад пеш аз мухлат дар ҳаҷми пурра маблағҳои додашударо мутобиқи қонунгузорӣ рӯёнанд.

Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар байни шаҳрвандони бекор дар мавриди шартҳои дарёфти кӯмаки молиявӣ мунтазам чорабиниҳои ташвиқотӣ мегузаронанд.

Хадамоти давалтии шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол як маротиба мониторинги иҷрои чорабиниҳои Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, мегузаронад.

# БОБИ IV. КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАНГОМИ БЕКОР МОНДАН

**Моддаи 24. Кафолатҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор**

**Давлат ҳангоми бекор мондан кафолатҳои зеринро медиҳад:**

**- додани имтиёз ва ҷубронпулӣ ба кормандони аз корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо аз кор озодгардида;**

**- пардохти стипендия ба шахсони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724)*;

**- пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ;**

**- имконияти иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок.**

**Ба кормандони аз корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо бо сабаби барҳамхӯрӣ, ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ аз кор озодшаванда ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ имтиёз ва ҷубронпулӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат дода мешавад *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 № 1526)*.**

**Даврае, ки дар давоми он шаҳрванд мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бекорӣ кӯмакпулӣ, стипендия мегирад, дар корҳои музднoки ҷамъиятӣ иштирок мекунад, собиқаи меҳнатии ӯ қатъ намегардад ва ба собиқаи умумии меҳнатӣ дохил мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*.

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи кафолатҳои давлатӣ оид ба дастгирии иҷтимоии шахсони бекор меравад.

Кормандоне, ки аз корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо озод гардидаанд, давлат барои онҳо имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳоро пешбинӣ намудааст, ки он яке аз кафолатҳои зимни бекор мондан маҳсуб меёбад.

Пардохти кӯмакпулӣ ва стипендия барои бекорӣ аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Тибқи муқаррароти сархатҳои 24-26 банди 5 боби 2 Низомнома, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи тартиби муқарраргардида, корҳоро оид ба муайян ва эътироф намудани мақоми бекории шаҳрвандон, таъин ва пардохти кӯмакпулӣ ҳангоми бекорӣ, инчунин пардохти стипендияро дар давраи таҳсил тибқи роҳхати мақомоти маҳаллии Агентӣ ташкил мекунад, оид ба боздоштан ё қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, инчунин пардохти стипендия дар давраи таълим қарор қабул менамояд, инчунин, оид ба зарурати муқаррар намудани иловапулӣ ҷиҳати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва стипендияи шаҳрвандони бекоре, ки дар парастории худ шахсони то 15-солаи таҳти таъминот қарордошта доранд, таклифҳоро таҳия ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд.

Инчунин, дар қисми 2 моддаи 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» бошад, пешбинӣ шудааст, ки агар имкони ба корманд пешниҳод намудани кори дахлдор набошад, маъмурияти ҷойи кори қаблӣ, дар сурати барҳам хурдани ташкилот бошад, иттифоқи касаба вазифадоранд, ки музди миёнаи меҳнати кормандро барои тамоми давраи бокортаъминкунӣ, вале на зиёда аз шаш моҳ ё барои тамоми давраи таҳсилу азнавкасбомӯзӣ, нигоҳ доранд.

Шаҳрванд метавонад зимни давраи бекорӣ дар корҳои музднокӣ ҷамъиятӣ иштирок намояд, ки он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Корҳои ҷамъиятии музднок аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар корфармоён сарфи назар аз шакли моликият бо иштироки мақомоти давлатии минтақавии шуғли аҳолӣ ташкил карда мешаванд.

Корҳои ҷамъиятии музднокро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93; 2 июли 2009, №404 «Дар бораи Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъиятӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 «Дар бораи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» ва ғайра.

Инчунин, оид ба дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ҳаминро бояд тазаккур дод, ки сархати сеюми қисми 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз 1 августи соли 2003, ки сухан дар бораи дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор рафта, мафҳуми он ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст: «-хизматрасонӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ; пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва стипендия ҳангоми тарбия ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бекор; расонидани ёрии моддӣ ба аъзои оилаи синнашон то 15 - солаи шахси бекор, ки дар таъминоти ӯ мебошанд; расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор, ки хоҳиши бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд». Меъёри мазкур, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз 17 майи соли 2018, № 1526, аз 1 январи соли 2020 мавриди амал қарор дода шудааст.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ менамояд, ки ба кормандони аз корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо бо сабаби барҳамхӯрӣ, ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ аз кор озодшаванда ҳангоми қатъ намудани шартномаи

меҳнатӣ имтиёз ва ҷубронпулӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат дода шавад.

Вобаста ба ин ҳаминро бояд тазаккур дод, ки масъалаи мазкур на танҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, инчунин, дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи муқарраоти меъёрҳои моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти 2007, №233, ки сухан дар бораи кафолати хизматчии давлатӣ дар мавриди барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақомоти давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ меравад, давлат чунин кафолатҳоро пешбинӣ менамояд:

1.Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақомоти давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ бо назардошти дараҷаи тахассус, касб ва мансаби пеш ишғолнамудааш дар дигар мақомоти давлатӣ, мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад (агар бо розигии ӯ додани дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ғайриимкон бошад).

2.Ба хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақомоти давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ аз мансаби давлатӣ озод шудааст:

-аз рӯи мансаби пеш ишғолнамудааш бе ҳисоби кӯмакпулии аз кор рафтан, дар давоми се моҳ музди меҳнат дода мешавад;

-кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешавад;

-музди меҳнати пештарааш ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигари давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақом ё мақоми дигари давлатӣ дар давоми се моҳ нигоҳ дошта

мешавад (агар музди меҳнати наваш назар ба маоши пештарааш кам бошад);

-хизматрасонии тиббӣ ба ӯ ва аъзои оилааш дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузарониданаш расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад;

-дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа бароянд.

3.Дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидани хизматчии давлатӣ ӯ то як сол дар мақомоти давлатӣ, бо нигоҳ доштани собиқаи хизмати давлатӣ, дар захираи кадрҳо мемонад ва барои такмили ихтисосаш имконият фароҳам оварда мешавад.

Мутобиқи қисми 6 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар сурати озод шудан аз мансаби давлатӣ, бинобар содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, хизматчии давлатӣ аз кафолатҳо ва ҷубронпулиҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, маҳрум мегардад.

Ҳангоми бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хурдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо-шахси воқеӣ, бояд талаботҳои моддаҳои 44 ва 45 КМ ҶТ риоя шаванд.

Қисми 4 моддаи 45 КМ ҶТ корфарморо уҳдадор намудааст, ки дар бораи аз кор озодшавии дарпешистодаи кормандон бо нишон додани ихтисос, дараҷаи касбӣ ва ҳаҷми музди меҳнати онҳо дар муҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ маълумот диҳад. Мутобиқи талаботи қисми дуюми моддаи 19

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», корфармоён вазифадоранд на дертар аз ду моҳ ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти хадамоти шуғл ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии кормандон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисори шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос ва андозаи музди меҳнати кормандони аз кор озодшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад, пешбинӣ менамояд, ки даврае, ки дар давоми он шаҳрванд мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бекорӣ кӯмакпулӣ, стипендия мегирад, дар корҳои музднoки ҷамъиятӣ иштирок мекунад, собиқаи меҳнатии ӯ қатъ намегардад ва ба собиқаи меҳнатии умумӣ, дохил мешавад.

**Моддаи 25. Шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандоне пардохта мешавад, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида бекор дониста шудаанд.**

**Қарор дар бораи таъини кӯмакпулӣ барои бекорӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ на дертар аз ёздаҳ рӯз аз лаҳзаи бекор дониста шудани шаҳрванд қабул карда мешавад.**

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандоне, ки бинобар ихтисор шудани воҳиди корӣ, тағйир ёфтани шароити меҳнат, азнавташкилдиҳӣ ё барҳамхӯрии корхона, муассиса ва ташкилот аз кор озод шудаанд ва дар ин давра музди миёнаи меҳнаташон дар ҷои кори охирин нигоҳ дошта шудааст, аз**

**рӯзи якуми баъди гузаштани давраи муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018, №1526).*

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар давоми сол ба муҳлати на бештар аз се моҳи тақвимӣ, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, пардохта мешавад.**

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ моҳе як маротиба пардохта мешавад, ба шарте, ки шаҳрвандони бекор бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав аз қайд гузаранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ меравад.

Мутобиқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандоне пардохта мешавад, ки мувофиқи тартиби муқаррааргардидаи қонунгузорӣ бекор дониста шудаанд.

Тибқи сархати дуюми моддаи 1 Қонуни тафсиршаванда шаҳрвандони бекор шаҳрвандони синну соли қобили меҳнате, ки дар давраи баррасишаванда кор, музди меҳнат ва шуғли даромаднок надоранд, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ё хадамоти дигари шуғли аҳолӣ тавассути истифода ва ҷойгир намудани эълонҳо дар матбуот, муроҷиати бевосита ба корфармоён, истифодаи усулҳои дигар, аз ҷумла ташкили кори инфиродӣ ба ҷустуҷӯи кор машғул буданд, метавонанд ва тайёр ҳастанд ба кор шурӯъ намоянд, маҳсуб меёбанд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 боби якуми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, № 170 «Дар бораи Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор», бақайдгирии шаҳрвандони бекор аз тарафи мақомоти

давлатии шуғли аҳолии ҷойи истиқомат бо тартиби зайл анҷом дода мешавад:

- бақайдгирии ибтидоии шаҳрвандони корҷӯй;
-бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқ;
- бақайдгирии шаҳрвандон ба сифати бекор;
- азнавбақайдгирии шаҳрвандони бекор.

Тибқи муқаррароти қисми 3 боби мазкур бошад, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ҳар як марҳилаи бақайдгирӣ ҳисоби алоҳидаи бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯйро ба роҳ мемонад. Шаклҳои хуҷҷатҳои ҳисоби бақайдгирии шаҳрвандони бекорро Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Мутобиқи қисми дуюми моддаи тафсиршаванда Қарор дар бораи таъини кӯмакпулӣ барои бекорӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ на дертар аз ёздаҳ рӯз аз лаҳзаи бекор дониста шудани шаҳрванд қабул карда мешавад.

Ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои сиёсати шуғл, аз ҷумла таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, пардохти идрорпулии шаҳрвандони бекор Қарор аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми сеюми моддаи тафсиршаванда ба шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани воҳиди корӣ, тағйир ёфтани шароити меҳнат, азнавташкилдиҳӣ ё барҳамхӯрии корхона, муассиса ва ташкилот аз кор озод шудаанд ва дар ин давра музди миёнаи меҳнаташон дар ҷои кори охирин нигоҳ дошта шудааст, аз рӯзи якуми баъди гузаштани давраи муайяннамудаи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин карда мешавад.

Тибқи меъёри пешбининамудаи сархати якуми қисми 1 моддаи 45 КМ ҶТ корфармо уҳдададор аст кормандро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, бинобар барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон ба муҳлати на дертар аз ду моҳ огоҳ намояд.

Мутобиқи талаботи қисми дуюми моддаи 19 Қонуни тафсиршаванда, корфармоён вазифадоранд на дертар аз ду моҳ ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти хадамоти шуғл ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии кормандон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисори шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос ва андозаи музди меҳнати кормандони аз кор озодшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

Қисми чоруми моддаи тафсиршаванда муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро дар давоми сол на бештар аз се моҳи тақвимӣ, пешбинӣ намудааст.

Инчунин, қисми чоруми моддаи тафсиршаванда пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро истисно намуда, баъзе ҳолатҳоро ба Қонуни тафсиршаванда пешбинӣ менамояд. Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 26 Қонуни тафсиршаванда, барои шаҳрвандоне, ки собиқаи умумии меҳнатии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баромадан ба нафақаро медиҳад, лекин синнашон аз синни муқарраркардаи қонунгузорӣ барои таъини нафақа аз рӯи синну сол (аз ҷумла нафақа бо шартҳои имтиёзнок) як сол камтар аст,

давомнокии давраи додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ то дувоздаҳ моҳи тақвимӣ тамдид карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда кӯмакпулӣ барои бекорӣ моҳе як маротиба пардохта мешавад, ба шарте, ки шаҳрвандони бекор бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав аз қайд гузаранд.

Тибқи муқаррароти боби панҷуми Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, № 170 «Дар бораи Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор» шаҳрвандоне, ки ба сифати шахсони бекор эътироф шудаанд, вазифадоранд, ки дар як моҳ на камтар аз як маротиба аз қайд гузаранд.

Ҳангоми азнавбақайдгирӣ, шаҳрвандони бекор вазифадоранд, ки шиноснома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод намоянд.

Ҳангоми дар холати мастӣ аз истеъмоли машрубот, маводи мухаддир ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда барои азнавбақайдгирӣ омадани шаҳрванди бекор, далели мастии ӯро кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муайян намуда, санад (бо нишон додани таърихи рӯз, ҷой ва вақти тартибдиҳӣ) тартиб медиҳанд. Ҳангоми зарурат, далели мастиро метавон бо роҳи гузаронидани ташхиси тиббӣ бо хулосаи дахлдори тасдиқшуда, муайян кард.

**Моддаи 26. Тартиби тамдиди муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд**

*(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

**Барои шаҳрвандоне, ки собиқаи умумии меҳнатии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баромадан ба нафақаро медиҳад, лекин синнашон аз синни**

**муқарраркардаи қонунгузорӣ барои таъини нафақа аз рӯи синну сол (аз ҷумла нафақа бо шартҳои имтиёзнок) як сол камтар аст, давомнокии давраи додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ то дувоздаҳ моҳи тақвимӣ тамдид карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

Дар меъёри муқаррарнамудаи моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи тартиби тамдид намудани муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд, меравад.

Барои шахсоне, ки собиқаи кории умумии онҳо тибқи моддаи 4 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳуқуқи баромадан ба нафақаро медиҳад, лекин синнашон аз синни муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъини нафақа аз рӯи синну сол (аз ҷумла нафақа бо шартҳои имтиёзнок) як сол камтар аст, давомнокии давраи додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ то дувоздаҳ моҳи тақвимӣ тамдид карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 4 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба нафақаи пеш аз муҳлат як сол қабл аз расидани синну соли нафақа шаҳрвандоне ҳуқуқ доранд, ки ба сабабҳои новобаста аз онҳо бекор мондаанд ва ҳаққи гирифтани ёрдампулӣ аз рӯи бекорӣ дар муддати 52 ҳафтаи тақвимӣ доранд: мардҳо - бо собиқаи кори на камтар аз 25 сол ва занон - бо собиқаи на камтар аз 20 сол.

Ба хизматчиёни давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ, ки аз мансаби давлатӣ озод шудаанд, дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатии иборат аз 25 сол барои мардҳо ва 20 сол барои занҳо

ва аз ин на кам аз 10 солаш собиқаи хизмати давлатӣ бошад, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафақа бароянд.

Нафақае, ки барои бекорон пеш аз муҳлат таъин шудааст, дар сурати ба кор даромадани онҳо пардохта намешавад. Баъди ба синни нафақа расидани чунин шахсон, ки дар ин маврид онҳо дар асосҳои умумӣ ба нафақа ҳуқуқ пайдо мекунанд, ба онҳо тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" нафақа дода мешавад[1].

**Моддаи 27. Тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ**

**Барои гирифтани кӯмакпулӣ шаҳрвандони бекор ҳангоми муроҷиат ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бояд дар давоми 3 соли охири пеш аз муроҷиат на камтар аз 18 моҳи тақвимӣ собиқаи корӣ дошта бошанд ва ҳатман аз музди меҳнати ин давраи фаъолият ҳаққи суғуртаи иҷтимоиро пардохта бошанд** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724).*

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар моҳи аввал ба андозаи 50 фоиз, дар моҳи дуюм ба андозаи 40 фоиз ва дар моҳи сеюм ба андозаи 30 фоизи музди миёнаи меҳнати ҷойи кори охирин (бо назардошти коэффитсиентҳо), ки дар шаш моҳи охири корӣ ҳисоб карда шудааст, вале на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақали муқарраргардида таъин карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

**Ба шаҳрвандоне, ки пеш аз муроҷиат намудан ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар давоми 3 соли охир аз 18 моҳи**

---

[11] Ниг.: Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод.350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.48, Фасли XVIII; – с. 2012, №4, мод.273; №7, мод.703; Қонуни ҶТ аз 1.02.1996, №223, – аз 18.03.2015, №1199.

**тақвимӣ камтар соҳиби кори музднок буда, ҳамчун бекор дониста шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъин карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724).*

**Дар сурати хӯрандаи корношоями то синни 15-сола доштани шаҳрвандони бекор, дар ҳолати барзиёд иҷрошавии қисми даромади буҷет ва вуҷуд надоштани қарздории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети маҳаллӣ маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бо қарори худ метавонанд ба кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба ҳар як хӯранда аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ иловапулӣ дар ҳаҷми 10 фоизи кӯмакпулии барои бекорӣ муқарраргардида таъин намоянд** *(Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, №137).*

**Шаҳрвандоне, ки бори аввал кор меҷӯянд, муддати тӯлонӣ (зиёда аз як сол) кор накардаанд, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба итмом расонида, дар корҳои ҷамъиятии музднок иштирок кардаанд, ба гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳуқуқ надоранд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

**Ба шаҳрвандоне, ки аз хизмати ҳарбӣ тибқи даъват аз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъин карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472).*

**Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди давлати дигар кор кардаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ мувофиқи талаботи қисми якуми моддаи мазкур ба шарте таъин карда мешавад, ки масъалаҳои ба ҳисоб гирифтани**

**пардохтҳо ба фондҳои суғуртавии иҷтимоии давлатӣ бо кор таъминкарда, бо шартномаҳои дахлдори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шуда бошанд.**

**Нигоҳдории маблағ аз кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ҳаҷми умумии нигоҳдории маблағ аз 50 фоизи кӯмакпулии барои бекорӣ гирифташаванда зиёд буда наметавонад.**

Моддаи тафсиршаванда тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекориро пешбинӣ намудааст.

Тибқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда шахсони бекорро уҳдадор менамояд, ки барои гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ зимни муроҷиат намудан ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бояд дар давоми 3 соли охири қабл аз муроҷиат на камтар аз 18 моҳи тақвимӣ собиқаи корӣ дошта бошанд ва ҳатман аз музди меҳнати ин давраи фаъолият ба Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи суғуртаи иҷтимоиро пардохта бошанд.

Тибқи қисми дуюми моддаи тафсиршаванда дар моҳи аввали баъд аз бақайдгирӣ ҳамчун шахси бекор, кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба андозаи 50 фоиз, дар моҳи дуюм ба андозаи 40 фоиз ва дар моҳи сеюм бошад, ба андозаи 30 фоизи музди миёнаи меҳнати ҷойи коре, ки фаъолияти меҳнатии худро дар моҳҳои охир бурдааст (бо назардошти коэффитсиентҳо), ки дар шаш моҳи охири корӣ ҳисоб карда шудааст, вале на камтар аз музди меҳнати ҳадди ақали муқарраргардида таъин карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 143 КМ ҶТ дар ноҳияҳо ва маҳалҳое, ки ба музди меҳнат коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, маҳалҳои беоб ва баландкӯҳ муқаррар гардидаанд, андозаи ҳадди ақали

музди меҳнат бо истифодаи ин коэффитсиентҳо ва изофапулиҳо муайян карда мешавад.

Коэффитсиентҳои зикргардидаро Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303, бо тағйиру иловаҳо аз 3.03.2017, №111 "Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ", танзим менамояд.

Тибқи қисми сеюми моддаи тафсиршаванда ба шаҳрвандоне, ки қабл аз муроҷиат намудан ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давоми сиюшаш моҳи охир аз ҳаждаҳ моҳи тақвимӣ камтар соҳиби кори музднок будаанд ва онҳо баъд аз бақайдгирӣ бекор дониста шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқarraргардида таъин карда мешавад.

Мутобиқи қисми чоруми моддаи тафсиршаванда, шахсони бекоре, ки зери таъминоти онҳо корношоями то синни 15-сола доранд, дар ҳолати барзиёд иҷрошавии қисми даромади буҷет ва вуҷуд надоштани қарздории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети маҳаллӣ маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бо қарори худ метавонанд ба кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба ҳар як корношоями то синни 15-сола аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ иловапулӣ дар ҳаҷми 10 фоизи кӯмакпулии барои бекорӣ муқarraргардида таъин намоянд.

Қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда барои гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ маҳдудият пешбинӣ намудааст. Шахсоне, ки бори аввал кор меҷӯянд, муддати тӯлонӣ (зиёда аз як сол) ба фаъолияти меҳнат машғул нашудаанд, тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси роҳхати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба итмом расонида, дар корҳои ҷамъиятии музднок иштирок

кардаанд, ба гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳуқуқ надоранд.

Тибқи қисми шашуми моддаи тафсиршаванда, ба шахсоне, ки аз хизмати ҳарбӣ тибқи даъват аз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъин карда мешавад.

Бояд ҳаминро тазаккур дод, дар солҳои охир, музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ бо фармонҳои алоҳидаи марбутаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Ҳадди ақали музди меҳнат бо Фармони Президенти ҶТ муқаррар карда мешавад.

Ҳадди ақали муқаррарнамудаи давлат бо ягон ҳадди аксар маҳдуд карда намешавад.

Тибқи қисми ҳафтуми моддаи тафсиршаванда ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди давлати дигар фаъолияти меҳнатӣ бурдаанд, барои гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ то муроҷиат намудан ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давоми 3 соли охири қабл аз муроҷиат на камтар аз 18 моҳи тақвимӣ собиқаи корӣ дошта ва ҳатман аз музди меҳнати ин давраи фаъолият ба Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаққи суғуртаи иҷтимоиро пардохта бошанд, ба шарте таъин карда мешавад, ки масъалаҳои ба ҳисоб гирифтани пардохтҳо ба фондҳои суғуртавии иҷтимоии давлатӣ бо кор таъминкарда, бо шартномаҳои дахлдори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarda шуда бошанд.

Тибқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда шахсони бекорро уҳдадор менамояд, ки барои гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ зимни мурочиат намудан ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бояд дар давоми 3 соли охири қабл аз мурочиат на камтар аз 18 моҳи тақвимӣ собиқаи корӣ дошта бошанд ва ҳатман аз музди меҳнати ин давраи фаъолият ба Фонди суғуртаи ичтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаққи суғуртаи ичтимоиро пардохта бошанд.

Кӯмакпулӣ барои бекорӣ ин ёрии моддии муваққатии аз тарафи давлат кафолатдодашудае мебошад, ки ба шахсони бекори тибқи қонунгузорӣ бақайдгирифташуда маҳсуб ёфта бояд дар пуррагӣ пардохт карда шавад. Аммо қонунгузорӣ ҳолатҳоеро пешбинӣ намудааст, ки сабаби нигоҳдории маблағ аз кӯмакпулӣ барои бекорӣ шуда метавонад. Чунин ҳолатро қисми ҳаштуми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ менамояд, ҳаҷми умумии нигоҳдории маблағ аз 50 фоизи кӯмакпулии барои бекорӣ гирифташаванда зиёд буда наметавонад.

**Моддаи 28. Боздоштан ва қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ**

**Пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ мумкин аст бо ҳатман огоҳ намудани шахси бекор қатъ гардад, боздошта шавад, ё андозаи он кам карда шавад.**

**Пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:**

**- дар асоси талаботи пешбининамудаи моддаи 3 Қонуни мазкур машғули кор эътироф гардидани шаҳрванд;**

**- ҳангоми бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо пардохти стипендия гузаштан аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472, аз 28.06.2011, №724)*;

**- муддати тӯлонӣ (зиёда аз як моҳ) бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани шахси бекор ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- ҳангоми кӯчидани шахси бекор ба ноҳия ё шаҳри дигар;**

**- ба охир расидани муҳлати таъиншудаи пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ;**

**- бо роҳи фиреб гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ;**

**- ҳангоми бо қарори суд дар шакли маҳрум шудан аз озодӣ ё табобати маҷбурӣ ҷазо гирифтани шахси бекоре, ки кӯмакпулӣ мегирад** *(Қонун аз 28.12.2005, №137);*

**- мувофиқи қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани нафақа аз рӯи синну сол ва барои хизмати дарозмуддат;**

**- ҳангоми ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008, №472)*;

**- дар давраи бекорӣ аз ду пешниҳоди ҷойи кори ба ихтисос мувофиқ даст кашидан** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

**Пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ мумкин аст ба муҳлати то се моҳ дар мавридҳои зерин боздошта шавад:**

**- хориҷ карда шуд** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- ба азнавбақайдгирӣ омадани шахси бекор дар ҳолати мастӣ, ки бо сабаби истеъмоли машрубот, маводи нашъадор ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда ба вуҷуд омада, бо ҳуҷҷатҳои дахлдор собит гаштааст** *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 №472)*;

**- ба кори муваққатӣ ё ба кори рӯзи ҳафтаи (кориаш) кӯтоҳ бе огоҳкунии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ машғул шудани шахси бекор** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 724)*;

**- аз ҷониби шахси бекор вайрон кардани шартҳои бақайдгирӣ ва аз навбақайдгирӣ ҳамчун шахси бекор. Боздоштани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ аз рӯзи ояндаи баъди маротибаи охирин барои аз нав бақайдгирӣ омадани шахси бекор амалӣ мегардад.**

**Давраи боздошта шудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба давраи умумии додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳисоб карда шуда, ба собиқаи умумии меҳнатӣ дохил карда намешавад.**

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар давраҳои зерин дода намешавад:**

**- дар давоми корношоямии муваққатӣ, ки аз вақти муқаррарнамудаи пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ зиёд давом ёбад;**

**- аз ҷои истиқомати доимӣ баромада рафтани шахси бекор бо сабаби таҳсил дар муассисаҳои таълимии касбии рӯзона;**

**- даъвати шахси бекор ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ, ҷалб намудан ба чорабиниҳои бо хизмати ҳарбӣ ва иҷрои вазифаҳои давлатӣ вобастабуда.**

**Давраҳои дар қисми 5 ҳамин модда зикршуда ба давраи умумии пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ дохил намешавад ва онро дароз менамоянд.**

**Дар мавридҳои зерин андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ мумкин аст дар ҳаҷми 25 фоиз ба муҳлати то як моҳ кам карда шавад:**

**- бе сабаби узрнок ҳозир нашудан барои гуфтушунид бо корфармо дар бораи ба кор таъмин шудан дар муҳлати 2 ҳафта аз рӯзи бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ фиристода (даъват) шудан** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*;

**- бе сабаби узрнок барои гирифтани роҳхат ба кор (ба хондан) ба мақомоти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳозир нашудан** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

Боздоштан ва қатъ ё андозаи кам намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро моддаи 28 Қонуни тафсиршаванда муқаррар намудааст, ки он тариқи огоҳ намудани шахси

бекор сурат мегирад. Огоҳ намудани шахси бекор ҳатмӣ мебошад.

Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ҳолатҳои қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ пешбинӣ шудаанд.

Сархати якуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро дар асоси талаботи пешбининамудаи моддаи 3 Қонуни тафсиршаванда, ки сухан дар бораи шуғлмандии аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда меравад, амалӣ гардонида мешавад.

Сархати дуюми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро ҳангоми бо роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо пардохти стипендия гузаштан аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ пешбинӣ менамояд.

Ба шаҳрвандоне, ки ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд, дар давраи таҳсил мутобиқи моддаи 29 Қонуни тафсиршаванда стипендия муқаррар карда мешавад.

Сархати сеюми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро дар асоси муддати тӯлонӣ (зиёда аз як моҳ) бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани шахси бекор ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маҳсуб донистааст.

Ҳозир нашудани шахс ба Агенти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давоми бештар аз як моҳи бефосила бе сабабҳои узрнок, дигар асоси қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шумор меравад.

Дигар сабаби қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ зимни кӯч бастани шахси бекор ба ноҳия ё шаҳри дигар маҳсуб меёбад, ки онро сархати чоруми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ намудааст.

Ҳангоми кӯчидан ба ҷойи нави истиқомат, шахс метавонад ба раёсат, шӯъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВАБК, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муроҷиат намояд.

Сархати панҷуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ба охир расидани муҳлати таъиншудаи пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро дигар сабаби қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ маҳсуб донистааст.

Бо муҳлат одатан ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан, қатъ гаштани муносибатҳои пардохтҳои кӯмакпулӣ барои бекорӣ, иҷрои уҳдадорӣ ё анҷом додани амали он аз ҷониби тарафҳо, алоқаманд мебошанд.

Сархати шашуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ менамояд, ки бо роҳи фиреб гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ яке аз ҳолатҳои қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегардад.

Фиреб маънои онро дорад, ки шахс бадқасдона дидаю дониста мақомоти дахлдорро ба иштибоҳ меандозад, ки он боиси ба вуҷуд омадани тасаввуроти нодурусти тарафҳо дар бораи мазмуну муҳтавои пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегардад.

Фиреб бо роҳи дурӯғ гуфтан, зикр накардан ва (ё) пинҳон доштани чизе сурат мегирад, яъне дар фаъолона содир намудани амалҳо (масалан, аз тарафи шахс зимни пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ пешниҳод намудани асноду ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё аз тарафи корфармо ба шахс додани маълумоти (иттилооти) нодуруст дар бораи шароитҳои пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, ё беамалӣ зоҳир мегардад.

Умуман, бо роҳи фиреб гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ бо иллати ошкоро хилофи қонун, асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ буда, оқибати ҷавобгариро ба миён меорад.

Сархати ҳафтуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда дигар ҳолати қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро ҳангоми бо қарори суд дар шакли маҳрум шудан аз озодӣ ё табобати маҷбурӣ ҷазо гирифтани шахси бекоре, ки кӯмакпулӣ мегирад, пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 27 Қонуни тафсиршаванда ба шаҳрвандоне, ки аз хизмати ҳарбӣ тибқи даъват аз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ ва аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд, кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъин карда мешавад.

Дигар ҳолати қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро сархати ҳаштуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, мувофиқи қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани нафақа аз рӯи синну сол ва барои хизмати дарозмуддат маҳсуб донистааст.

Тибқи сархати мазкур, шахсони таъйини нафақаи пиронсолидошта, ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулӣ барои бекориро надоранд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон», барои ба нафақаи пиронсолӣ баромадани мардҳо синни 63 ва доштани 25 сол ва занҳо бошад синни 58- солагӣ ва доштани 20 сол собиқаи кориро муқаррар намудааст. Дигар аз чунин санадҳои меъёрӣ, Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 764 аз 14 майи соли 1999 «Дар хусуси тасдиқи Низомнома дар бораи ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ» мебошад, ки тибқи он, собиқаи баҳисобгирифташудаи хизматчиёни давлатӣ, ба онҳо ҳуқуқи гирифтани иловапулӣ барои хизмати дарозмуддат, рухсатии пулакии иловагӣ ва нафақа аз рӯи синну солро медиҳад.

Сархати нуҳуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ҳолати қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои

бекориро ҳангоми ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ намудааст.

Ҳангоми ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар кардани шаҳрвандон, кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда намешавад. Қоидаи коргузории ташкили корҳои ҷамъиятиро хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муқаррар менамояд, ки тавассути Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93; 2 июли 2009, №404 Дар бораи «Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» танзим мешавад.

Дигар ҳолати қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекориро сархати даҳуми қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, дар давраи бекорӣ аз ду пешниҳоди ҷойи кори ба ихтисос мувофиқ даст кашиданро пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи сархати мазкур шахсоне, ки дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанду ва дар муддати 10 рӯзи баъди ба қайд гирифтани онҳо ду намуди ҷойи кори мувофиқ пешниҳод шудааст, аммо онро рад кардаанд, инчунин, шахсоне, ки маротиби аввал кор меҷӯянду касб (ихтисос) надоранд, дар сурати ду маротиба рад намудани гирифтани тайёрии касбӣ ё таклиф ба кори музднок, аз ҷумла коре, ки хусусияти муваққатӣ дорад, шаҳрванди бекор маҳсуб наёфта, сабаби қатъ гардонидани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегардад..

Ба шахси корҷӯянда ду маротиба ба ҳамон як ҷойи кор (ё як ҷойи таълим) пешниҳод карда намешавад.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда мавридҳоеро номбар намудааст, ки муҳлати боздошт намудани пардохти кӯмакпулӣ аз се моҳ зиёд буда наметавонад.

Сархати дуюми қисми сеюми моддаи тафсиршаванда шахси бекоре, ки ба ҷойи қайд барои азнавбақайдгирӣ дар

ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудааст ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор собит гаштааст, пешбинӣ намудааст.

Дар ҳолати мастӣ қарор доштани шахсро бо санади дахлдори мақомоти ташхиси тиббӣ, бо баёноти шоҳидон, санади аз тарафи роҳбари бевоситаи шахс, ки сари вақт дар ҳузури шоҳидони дар ҳолати мастӣ ҳозир шудани шахс тартиб дода шудааст, собит намудан мумкин аст.

Дар сархати сеюми қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад, ба кори муваққатӣ ё ба кори рӯзи ҳафтаи (кориаш) кӯтоҳ бе огоҳкунии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ машғул шудани шахси бекор муқаррар шудааст.

Дар сархати чоруми қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад, аз ҷониби шахси бекор вайрон кардани шартҳои бақайдгирӣ ва аз навбақайдгирӣ ҳамчун шахси бекор пешбинӣ шудааст. Боздоштани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ аз рӯзи ояндаи баъди маротибаи охирин барои аз нав бақайдгирӣ омадани шахси бекор амалӣ мегардад.

Қисми чоруми моддаи тафсиршаванда давраи боздошта шудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба давраи умумии додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳисоб карда шуда, ба собиқаи умумии меҳнатӣ дохил нашуданро пешбинӣ намудааст.

Қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда давраҳоеро барои кӯмакпулӣ зимни бекорӣ номбар намудааст, ки азбаски ҳар яке аз унсурҳои он тавзеҳи худро дар сархатҳои қисми мазкур ёфтаанд, дар доираи ин қисми модда тафсир додани онҳоро зарур надонистем.

Қисми шашуми моддаи тафсиршаванда давраҳое, ки дар қисми панҷуми ҳамин модда зикршуда ба давраи умумии

пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ дохил намешавад ва онро дароз менамоянд, муқаррар намудааст.

Инчунин, қисми ҳафтуми моддаи тафсиршаванда ду ҳолатро номбар намудааст, ки андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ мумкин аст дар ҳаҷми 25 фоиз ба муҳлати то як моҳ кам карда шавад. Якум, бе сабаби узрнок ҳозир нашудан барои гуфтушунид бо корфармо дар бораи ба кор таъмин шудан дар муҳлати 2 ҳафта аз рӯзи бо роҳхати мақомоти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ фиристода (даъват) шудан. Дуюм, бе сабаби узрнок барои гирифтани роҳхат ба кор (ба хондан) ба мақомоти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳозир нашудан.

**Моддаи 29. Андозаи стипендияе, ки ба шаҳрвандони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад**

*(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*

**Дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони бекор дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар давоми шаш моҳ дар ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳар моҳ стипендия пардохт карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724).*

Меъёри пешбининамудаи моддаи тафсиршаванда андозаи стипендияе, ки ба шаҳрвандони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад, муқаррар намудааст. Агар шаҳрвандони бекор дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда бошанд, дар давоми шаш моҳ дар ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳар моҳ стипендия пардохт карда мешавад.

Мутобиқи банди 17 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №456 «Дар бораи Талаботи умумӣ ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ,

такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон дар ташкилотҳои давлатӣ» дар сурати аз муассисаи таълимӣ хориҷ намудани хонандагони курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мақомоти маҳалии шуғли аҳолии роҳхатдода огоҳ карда шуда, пардохти маблағи барои таҳсили ин касбомӯз ҷудокардашуда тибқи шартномаи тарафайн ба танзим дароварда мешавад.

**Моддаи 30. Суғурта ҳангоми бекор мондан**

**Шаҳрвандон дар ҳолати бекор мондан метавонанд бо ташкилотҳои суғуртавӣ шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ банданд. Тартиб, марҳила ва шартҳои суғуртаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи суғурта ҳангоми бекор мондан меравад.

Шахс метавонад дар ҳолати бекор мондан бо ташкилотҳои суғуртавӣ шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ бандад. Тартиби бастан, тағйир додан ва дигар шартҳои суғурта дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешаванд.

Зери мафҳуми ташкилотҳои суғуртавӣ шахсони ҳуқуқие дониста мешаванд, ки фаъолияти суғуртавиашонро дар асоси иҷозатномаи махсуси аз ҷониби мақоми назорати суғуртавӣ дода шудааст, амалӣ менамоянд.

Суғурта дар се шакл ихтиёрӣ, ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ амалӣ гардонида мешавад.

Амалӣ намудани суғуртаи ихтиёрӣ дар асоси шартномаи суғурта ва қоидаҳои суғуртакунӣ, ки шартҳои умумӣ ва тартиби амалигардонии онро муайян менамоянд, ба роҳ монда мешавад.

Ҳар шахс зимни бастани шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ ҳангоми бекор мондан ҳуқуқи интихоби ташкилоти суғуртавиро дорад.

Тартиб ва муҳлати додани маблағи суғуртавӣ, пардохти суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавӣ зимни суғуртаи ихтиёрӣ ҳангоми бекор мондан бо шартнома муайян карда мешаванд.

Тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти ҳаққи суғуртавиро ҳангоми суғуртаи ихтиёрӣ ташкилоти суғуртавӣ бо розигии суғурташаванда дар асоси шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ, муқаррар менамояд.

Суғурта ҳангоми бекор монданро суғуртаи аннуитетӣ ном бурдан мумкин аст. Суғуртаи аннуитетӣ яке аз намуди суғуртаи шахсӣ маҳсуб ёфта, баҳри бастани шартномаҳои суғуртаро аз рӯи пардохтҳои дарозмуҳлат ва амалӣ намудани пардохтҳои суғуртавии давриро дар шакли нафақа ё аннуитет (рента) ҳангоми ба синну соли муайян расидани шахси суғурташуда, гум кардани қобилияти меҳнатӣ (вобаста ба синну сол, бо сабаби маъюбӣ ё бeморӣ), фавти саробон, бекорӣ ё дар ҳолатҳои дигаре, ки ба камшавӣ ё аз даст додани даромадҳои шахсии суғурташуда оварда мерасонанд, пешбинӣ шудааст.

## БОБИ V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 31. Мақомоте, ки назорати давлатиро ба амал мебароранд

**Назорати давлатии риоя шудани қонунгузорӣ дар бораи шуғли аҳолиро маҷлисҳои вакилони халқ, мақомоти дахлдори давлатӣ, иттифоқҳои касаба ва мақоми ваколатдорнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд.**

Моддаи тафсиршаванда назорати давлатии риоя шудани қонунгузорӣ дар бораи шуғли аҳолиро дар мадди аввал ба

зиммаи маҷлисҳои вакилони халқ: Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо вогузор намудааст. Дуюм ба зиммаи мақомоти дахлдори давлатӣ: аз ҷумла, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Раёсатҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ва шаҳру ноияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ғайра. Сеюм, ба зиммаи иттифоқҳои касаба: мутобиқи қисми 2 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №757 «Дар бораи иттифоқҳои касаба» иттифоқҳои касаба дар қатори дигар шарикони иҷтимоӣ ҳуқуқи баробари иштирокро дар идоракунии маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ, шуғл, суғуртаи тиббӣ, нафақа ва дигар фондҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ ташаккул меёбанд, инчунин ҳуқуқи назорати ҷамъиятиро нисбат ба истифодабарии ин фондҳо доро мебошанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №757 «Дар бораи иттифоқҳои касаба», иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқ доранд, ки назорати ҷамъиятии аз ҷониби корфармо, соҳибмулк ё намояндаи ваколатдори мақомоти идоракунандаи он риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ ва иттифоқҳои касабаро ба амал бароранд, инчунин аз онҳо рафъи қонуншикании ошкоршударо талаб намоянд.

Бо мақсади амалӣ намудани назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва манфиатҳои аъзои худ, иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд нозироти техникӣ ва

ҳуқуқии меҳнат ва хадамоти ёрии ҳуқуқӣ дошта бошанд, ки салоҳияти онҳоро оинномаҳои (низомномаҳои) иттифоқҳои касаба ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян менамоянд.

Намояндагони иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд, ки бо мақсади санҷиши аз ҷониби корфармо ва шахсони мансабдори он риоя шудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ, ба корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар онҳо аъзоёни иттифоқи касаба фаъолият менамоянд, бе мамониат ворид шаванд.

Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд, ки бо ташаббуси худ, дар асоси хоҳиши аъзоёнашон ва дигар кормандон, ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо, дар суд баромад намоянд.

Ба сифати дигар мақоми ваколатдорнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мақомотҳоро номбар намудан мумкин аст: сохторҳои ба соҳаи мазкур алоқамандбудаи мақомоти корҳои дохила, прокуратура, амният, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ғайра.

**Моддаи 32. Ҳалли баҳсҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

**Баҳси корхона, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар корфармоён оид ба масъалаҳои шуғл, аз ҷумла баҳсҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад** *(Қонуни ҶТ аз 28.06.2011, №724)*.

**Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.**

Риоя намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» барои тамоми ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ва шахсони воқеӣ, ки шахс бо онҳо дар муносибатҳои шуғлмандӣ қарор доранд, ҳатмӣ мебошад.

Барои вайрон намудани меъёрҳои он, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Масалан, мутобиқи моддаи 94 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои риоя накардани қонунгузорӣ оид ба меҳнат, аз ҷумла барои беасос бо корманд қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ, бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор қабул намудан ва ё бе риоя накардани синну соли муқарраршуда қабул намудан ба кор, яктарафа даст кашидани корфармо аз гуфтушуниди коллективӣ, беасос надодани рухсатии меҳнатӣ ба кормандон, инчунин таъмин накардани дигар кафолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат пешбинӣ намудааст, нисбати шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои баъди таъйини ҷазои маъмурӣ дар давоми як сол такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар қисми якуми ҳамин модда зикргардида, ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои ҳуқуқвайронкуниҳои зерин ҷавобгарӣ дар шакли ҷаримаро пешбинӣ намудааст:

- беасос ба кор қабул накардан (моддаи 95);

-дидаю дониста ба кор қабул намудани шаҳрвандоне, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кофтуков қарор доранд (моддаи 96);

-ба кор қабул намудани шахсони доғи судидошта ба мансабҳое, ки қонунгузорӣ манъ кардааст (моддаи 97);

-ғайриқонунӣ аз кор озод намудани корманд (моддаи 98);

-саркашӣ кардан аз иштирок дар гуфтушуниде, ки ба бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ ё риоя накардани муҳлати муқарраршудаи бастани он вобаста аст (моддаи 99);

-пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ барои доир намудани гуфтушуниди коллективӣ ва амалӣ кардани назорати риояи шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 100);

-беасос саркашӣ кардан аз бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 101);

-риоя ё иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 102);

-саркашӣ кардан аз қабули талаботи кормандон ва аз иштирок дар созишҳои оштӣ (моддаи 103);

-иҷро накардани созишнома (моддаи 104);

-аз кор озод намудани кормандон бо сабаби баҳси коллективии меҳнатӣ ё эълон намудани корпартоӣ (моддаи 105);

-маҷбур намудан ба иштирок кардан ё иштирок накардан дар корпартоӣ (моддаи 107);

-риоя накардани ҳуқуқи маъюбон ҳангоми ба кор қабул намудан (моддаи 108);

Боби 8 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷарима барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро муқаррар намудааст:

-риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ (моддаи 133);

-саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ (моддаи 134);

-аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат (моддаи 135);

-напардохтани маблағи суғурта ё ёрдампулӣ ба шахсони дар

истеҳсолот ҷабрдида (моддаи 136);

-ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан, бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 138);

-иҷро накардани амрномаи мақомоти давлатӣ оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат (моддаи 139)[1].

**Моддаи 33. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шуғли аҳолӣ"**

**Бо сабаби қабули Қонуни мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1991 "Дар бораи шуғли аҳолӣ" (Ведомостҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1991, №15, моддаи 268; соли 1994, №2, моддаи 40; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №3, моддаи 48; соли 1998, №10, моддаи 119) беэътибор дониста шавад.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шуғли аҳолӣ"-и қаблӣ, ки мавриди амал қарор дошт, меравад.

Шарти беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шуғли аҳолӣ"-ро дар қабули қонуни нав мебинем.

Тибқи муқаррароти моддаи тафсиршаванда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1991 "Дар бораи шуғли аҳолӣ" (Ведомостҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1991, №15, моддаи 268; соли 1994, №2, моддаи 40; Ахбори

[1]Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; – с.2019, №1, мод.8; Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 №513, – аз 19.07.2019 №1631.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №3, моддаи 48; соли 1998, №10, моддаи 119) беэътибор дониста шудааст.

**Моддаи 34. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

**Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.**

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (қонунҳоро), боби 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ба танзим медарорад.

Мутобиқи меъёрҳои муқарраркардаи Қонуни зикршуда, санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, дар нашрияҳои расмӣ ройгон интишор карда мешаванд.

Ҳангоми интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар воситаҳои ахбори омма, истинод ба манбаи нашри расмӣ ҳатмӣ мебошад.

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо ва ҳангоми зарурат, ба дигар забонҳо сурат мегирад.

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли нопурра ё иқтибос аз онҳо мумкин нест (Моддаи 65 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд дар нашрияҳои чопӣ ва электронии ғайрирасмӣ низ интишор гарданд.

Интишори ғайрирасмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, баъди интишори расмии он сурат мегирад. Дар ин маврид, манбаи

нашри расмӣ ҳатман нишон дода мешавад (қ.2 моддаи 70 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданашон дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» ба тариқи расмӣ интишор мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ба мақомоти нашри расмӣ ворид шудаанд, бояд дар мухлати на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ, интишор карда шаванд.

Манбаъҳои матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ба ҳисоб меравaнд: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 53).

Санаи интишори расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, рӯзи аз чоп баромадани матни пурраи расмии он дар нашрияи расмӣ, ба ҳисоб меравад.

# ЗАМИМАҲОИ ИЛОВАКАРДАШУДА

**Замимаи 1**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 феврали соли 2009, №129
тасдиқ шудааст.

## Низомномаи кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозиии мусоидат ба шуғли аҳолӣ

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27. 02.2009, №129, аз 5.11.2014, №707, аз 3.09.2019, №452)

**I. Муқаррароти умумӣ**

1. Кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ (минбаъд Кумита) мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" таъсис дода мешавад.

2. Кумита бо мақсади таҳияи қарорҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мувофиқакардашуда ва ба роҳ мондани муколамаи иҷтимоӣ бобати муайян ва амалӣ гардонидани сиёсати шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкории сетарафа таъсис дода мешавад.

3. Кумита дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомномаро дастури амал қарор медиҳад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 5.11.2014, №707)*.

**II. Вазифаҳои асосии Кумита**

4. Фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкилоту муассисаҳоро новобаста ба шакли моликияташон дар самти

бокортаъминкунии аҳолии бешуғл ҳамоҳанг месозад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 5.11.2014, №707)*.

5. Оид ба мукаммалгардонии механизмҳои танзими бозори меҳнат тавсияҳо таҳия менамояд.

6. Ҷиҳати роҳ надодан барои аз кор озодшавии оммавии кормандон чораҳо меандешад.

7. Таҳия ва амалӣ гардидани "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ"ро назорат менамояд.

8. Пешниҳодҳоро оид ба имконияти ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозбандӣ ба корфармоёне, ки барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд, ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, муҳокима менамояд.

9. Барои пешгирии баландравии сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ, чорабиниҳо ташкил менамояд.

10. Ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ барои ташкилоту муассисаҳо квотаҳо муқаррар менамояд.

11. Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати шуғли аҳолӣ дар самтҳои зерин қарорҳо қабул менамояд:

- баҳогузории ҳолати бозори меҳнат ва дурнамо дар соҳаи шуғли аҳолӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти корфармоён, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти шуғли аҳолӣ;
- барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва масоили таъминоти молиявии сиёсати шуғли аҳолӣ;
- рушди низоми таълимоти касбӣ барои бозори меҳнат;
- тайёрии касбӣ ва дигар намуди дастгирии кормандоне, ки бокортаъминкуниашон аз сабаби хусусиятҳои касбӣ ва ё дигар сабабҳо мушкил мебошад;
- мусоидат ба шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;

- мусоидат ба фаъолияти соҳибкорӣ, бокортаъминшавӣ дар корҳои ҷамъиятӣ ва муваққатӣ;

- дастгирии молиявии кормандони аз кор озодгардида;

- муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалб ва истифодаи кормандони хориҷӣ;

- коркарди фаъолияти якҷоя ҳангоми хатари азкорозодшавии оммавӣ;

- назорат аз болои иҷроиши қарорҳои Кумита;

- ташкили гурӯҳҳои доимӣ ва муваққатӣ ҷиҳати ташхиси иҷтимоии лоиҳаҳои барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири онҳо ба таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ.

**III. Ҳуқуқҳои Кумита**

12. Кумита ҳуқуқ дорад:

- барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин барномаҳоро оид ба паст намудани шиддати оқибатҳои азкорозодкунии оммавӣ, ташкили шароит барои бозомӯзӣ ва минбаъд бокортаъминкунии кормандони аз кор озодшуда баррасӣ ва тасдиқ намояд;

- аз корфармоён оид ба тағйироти сохтории пешбинишуда ва дигар чорабиниҳо, ки дар натиҷа азкорозодкунии коргарон ба миён меояд, инчунин маълумот дар бораи талабот ба қувваи корӣ, шумораи коргарони аз кор озодшуда ва озодшавандаро талаб намояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чораҳо оид ба таъмини шуғли табақаи алоҳидаи шаҳрвандон, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд (маъюбон, ҷавонон, волидайни серфарзанд, волидайни яккаву танҳо, донишҷӯён ва ғ.) пешниҳодҳо таҳия ва ирсол намояд;

- дар бораи ба шартномаҳои коллективии муассисаву ташкилотҳо ворид намудани чорабиниҳо оид ба мусоидат ба шуғли аз кор озодшудагон ва расонидани кӯмакҳои иловагии

иҷтимоӣ ва моддӣ ҳангоми аз кор озодшавии оммавӣ тавсияҳо пешниҳод намояд;

- оиди банд намудани ҷойҳои корӣ барои маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳодҳо ирсол намояд;

- ҷараёни иҷрои барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолиро назорат намуда, оид ба ҳолати бозори меҳнат ба воситаҳои ахбори омма маълумот пешниҳод намояд.

**IV. Ташкили фаъолияти Кумита**

13. Ҳайати Кумита аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад. Ба ҳайати Кумита намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоён дохил мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 5.11.2014, №707)*.

14. Аъзои Кумита бо хоҳиши худ ва ё дигар сабабҳои узрнок метавонанд аз ҳайат бароварда шаванд.

15. Аз ҳисоби аъзои Кумита Раис ва муовин (муовинон) интихоб карда мешаванд.

16. Ҳайати асосии Кумита аз 20 нафар иборат мебошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 5.11.2014, №707)*.

17. Аъзои Кумита тавассути мақомоте, ки онҳо намояндагӣ менамоянд, инчунин бо роҳи бастани шартномаҳои дутарафа ва созишномаҳо ба амалӣ гардидани қарорҳои қабулгардида мусоидат менамоянд.

18. Кумита дар асоси принсипи шарикӣ фаъолият намуда, тарафҳои намояндашударо дар асоси баробар, ки баробарии манфиатҳоро таъмин мекунанд, фаъолият менамояд.

19. Дар ҷаласаи Кумита бе ҳуқуқи овоздиҳӣ метавонанд намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корфармоён, мутахассисон ва олимон даъват карда шаванд,

инчунин метавонанд, намояндагони васоити ахбори умум низ иштирок намоянд.

20. Кумитаро Раис роҳбарӣ менамояд, ки рӯзномаи маҷлисро тасдиқ намуда, ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласаро муайян ва ҷаласаро сарварӣ менамояд.

21. Муовини Раиси Кумита аз ҳисоби аъзои Кумита таъин шуда, дар ҳолати набудани Раис вазифаҳои ӯро иҷро менамояд.

22. Котиби Кумита бо пешниҳоди Раис аз ҳисоби кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, дар бораи вақт, ҷойи гузаронидан ва рӯзномаи ҷаласа аъзоёнро огоҳ менамояд. Маводҳои ҷаласаро на дертар аз ду рӯзи пеш аз ҷаласа ба аъзоён дастрас менамояд. Протоколҳои ҷаласаро таҳия ва ба расмият дароварда, на дертар аз 10 рӯзи баъд аз гузаронидани ҷаласа ба аъзои Кумита ва дигар шахсони дахлдор ирсол менамояд. Раис ва муовини Раиси Кумитаро бо маводҳои зарурӣ таъмин месозад.

23. Тарафҳое, ки ба аъзогии Кумита пешниҳод гардидаанд, тартиби кори Кумитаро муайян менамоянд.

24. Ҷаласаҳои Кумита дар шаш моҳ як маротиба доир мегардад. Мувофиқи қарори Раиси Кумита метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатии Кумита даъват ва доир карда шавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 5.11.2014 №707)*.

25. Ҷаласаҳои Кумита комилҳуқуқ ҳисобида мешаванд, агар дар онҳо аз нисф зиёди аъзои он иштирок дошта бошанд.

26. Қарорҳои Кумита дар асоси созиш бо дастгирии қисми зиёди аъзои дар ҷаласа иштирокдошта қабул карда мешаванд. Раис, муовини ӯ ва ҳар як узви Кумита дорои як овоз мебошанд.

27. Қарори Кумита оид ба масъалаҳои баррасишаванда барои аъзои Кумита ҳатмӣ буда, ба тасдиқ ҳоҷат надорад.

**V. Муносибатҳои тарафайн ва робитаҳо**

28. Кумита дар ҳамкории зич бо ҳама корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатие, ки бо масъалаҳои шуғли аҳолӣ машғуланд, фаъолият менамояд.

Инчунин, бо Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 2019, №452, ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дар таҳрири нав тасдиқ шудааст, ки инҳо ба ҳайат дохил шудаанд:

-Раиси кумита - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарпарасти соҳа;

- муовини раиси кумита-вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- котиби масъули кумита-сармутахассиси раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аъзои кумита:

- сардори раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;

- раиси Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар маҳалҳо бошад, мақомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва тарафҳое, ки дар онҳо пешниҳод шудаанд, амалӣ менамоянд.

Кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо масъалаҳои марбут ба шуғли аҳолӣ ба миён омадаро ҳар сол на камтар аз як маротиба барои баррасӣ ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, № 129**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №129 "Дар бораи тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ" дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 сентябри соли 2019 № 452
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 сентябри соли 2019, №452
тасдиқ шудааст

**Ҳайати Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ**

Раиси кумита - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарпарасти соҳа;

- муовини раиси кумита - вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- котиби масъули кумита - сармутахассиси раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аъзои кумита:

- сардори раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини якуми вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;

- раиси Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон[1].

[1]

**Замимаи 2**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 августи соли 2019, №439
тасдиқ шудааст.

## Барнома оид ба паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барнома оид ба паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (минбаъд - Барнома) қисми ҷудонопазири Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 маҳсуб ёфта, барои амалӣ намудани сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва такмили бозори меҳнат, тавассути паст кардани шуғли ғайрирасмӣ дар мамлакат, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон бо дар назар доштани принсипҳои асосӣ ва ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат, моҳияти муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад.

2. Барнома барои ошкор ва бартарафсозӣ, инчунин муайян ва аз байн бурдани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ), ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои давлатӣ дар ин самт, ташкили корҳои маълумотдиҳӣ ба аҳолӣ доир ба оқибатҳои манфии чунин намуди шуғл дар ҷомеа, таъмини системаи устувор, риоя кардани расмиёти андоз ва мукаммалнамоии сиёсати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

3. Барнома дар асоси тартиби Тавсияҳои 204 Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат "Дар бораи гузариш аз иқтисоди

ғайрирасмӣ ба иқтисоди расмӣ" ва Ҳадафҳои Рушди Устувори Созмони Милали Муттаҳид то соли 2030 таҳия шудааст.

**2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО**

4. Мақсади асосии Барнома аз баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, васеъ намудани имконият ба шуғли аҳолӣ, амалигардонии сиёсати ҳадафмандонаи давлатӣ барои кам намудани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар бозори меҳнат, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

5. Ба вазифаҳои Барнома дохил мешаванд:

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба ошкорсозӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар бозори меҳнат;
- пурзӯр намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар самти амалисозии чорабиниҳо оид ба пастшавии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);
- такмили низоми батанзимдарории бозори меҳнат, инчунин рушди идораи он;
- эҷоди низоми ҳавасмандгардонӣ барои расмикунонии муносибатҳои меҳнатӣ;
- пурзӯр намудани назорат барои таъмини риояи қонунгузории меҳнат;
- ташкили баргузории чорабиниҳои ташвиқотӣ барои ба аҳолӣ додани маълумот оид ба таъсири манфии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) ва баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ дар ин самт.

**3. ШУҒЛИ БАҚАЙДГИРИФТАНАШУДА (ҒАЙРИРАСМӢ) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУШКИЛОТИ ОН**

6. Масъалаҳои фаъолияти ғайрирасмии иқтисодӣ дар бахши расмии иқтисодӣ ва иқтисоди ғайрирасмӣ падидаи нав набуда, дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон мавҷуд мебошад. Бахши ғайрирасмӣ бевосита ҳам ба шуғли аҳолӣ ва ҳам ба иқтисодиёти мамлакат дар умум таъсири манфӣ расонида, ба ҷузъи мустақили бозори меҳнат табдил ёфтааст. Афзоиши ҳиссаи бахши ғайрирасмӣ тайи даҳсолаҳои охир дар иқтисодиёт таваҷҷуҳи ҳарчи бештари давлатҳои ҷаҳон, шарикони рушд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва доираҳои илмиро барои ҳалли масъалаҳои мазкур, ҳамзамон зарурати дарёфти талошҳои умумро тавассути ҷустуҷӯи роҳҳои сиёсӣ ва муносибатҳои инноватсионӣ дар ин самт ҷалб менамояд.

7. Дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ сатҳи замонавии рушди инкишофи ҷамъиятӣ дар дигаршавии босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ ва инкишофи илму техника инъикос ёфта, муносибатҳои меҳнатӣ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. Дар ин раванд рушди робототехника, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолияти иқтисодӣ ва дар заминаи онҳо ба вуҷуд омадани шаклҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ нақши муҳим мебозанд. Бинобар ин, ҳалли масъалаҳо дар самти қонунигардонии муносибатҳои меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии кормандон, зарурати баррасии масъалаҳоро дар матни пешниҳоднамудаи Консепсияи меҳнати арзанда, ки дар аввали асри 21 аз ҷониби Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пешниҳод шудааст, тақозо мекунад.

8. Ташкилотҳои пешоҳанги байналмилалӣ, аз ҷумла Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти Ҳамкориҳои

Иқтисодӣ ва Рушд ва монанди инҳо ҳангоми гузаронидани таҳлили ҳарсолаи ҳисоботи оморӣ ва дурнамои маълумот доир ба бозори меҳнат динамикаи шумораи шахсоне, ки аз нуқтаи назари иҷтимоӣ дар ҷойҳои кории ҳифзнашаванда кор мекунанд, диққати асосӣ медиҳанд. Ҳамин тавр, аз рӯи маълумоти таҳлилгарони байналмилалӣ дар ҷаҳон аз нисф зиёди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 1,8 миллиард нафар бе бастани шартномаҳои меҳнатӣ, яъне бидуни системаи ҳифзи иҷтимоӣ кор мекунанд. Аммо тадқиқот нишон медиҳад, ки аксари кормандон барои ба расмият даровардани муносибатҳои меҳнатӣ ҳавасманд мебошанд ва мақоми "ғайрирасмӣ" барои онҳо маҷбурӣ ё ин ки муваққатӣ мебошад. Чун қоида ба ин вазъ шахсоне, бахусус ҷавонон, занон ва нафарони сатҳи тахассусашон паст қаноатманд мешаванд, ки барои мутобиқ шудан дар бозори меҳнат мушкилӣ доранд.

9. Аз як тараф мушаххас вайрон кардани қонунгузориҳо ҳангоми мавҷуд будани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) то андозае ба афзоиш ёфтани шуғлнокӣ, имконияти ба даст овардани фоида ва паст кардани шиддатнокӣ дар бозори меҳнат мусоидат намояд ҳам, аз тарафи дигар ба таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи меҳнатии кормандон, пардохти андозҳо ва кӯмакҳои иҷтимоӣ монеа эҷод намуда, ҳамчун натиҷаи касри буҷет маънидод мегардад ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

10. Феълан дар ҷаҳони муосир доир ба моҳияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надошта, гарчанде ин мафҳумҳо ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд ва аз ҳамдигар тафовут доранд. Сарфи назар аз ин, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат дар чаҳорчӯбаи стандартҳои

байналмилалии мавҷуда ва тавсияҳо фарзияи муносибати ягонаро барои ҳалли масъалаи мазкур муайян намудааст.

Дар иртибот ба ин, аз шумораи санадҳои байналмилалии дар ин самт қабулшуда 8 конвенсияи бунёдии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, ки соли 2015 дар Конференсияи Байналмилалии Меҳнат 104 қабул шудааст, Тавсияҳои 204 "Дар бораи гузариш аз иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба расмӣ", инчунин қарорҳои қабулгардида дар конференсияҳои 15 ва 17 байналмилалии оморчиёни меҳнат дар солҳои 1993 ва 2003 аҳамияти махсус доранд.

11. Мутобиқи Тавсияҳои зикршуда бахши ғайрирасмии иқтисодӣ дар таркиби фаъолияти кормандон ва воҳидҳои иқтисод, ки дар асоси қонунгузорӣ ё дар таҷриба умуман фарогир нестанд ва ё бапуррагӣ муносибатҳои расмиро дар бар намегиранд, дохил мешаванд.

12. Аз нуқтаи назари муносибатҳои ғайрирасмӣ бо мақсади инъикоси он ҳангоми коркард ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт, ҳамчунин татбиқи чораҳои сиёсӣ ва дигар намуди чораҳо барои мусоидат намудан ҷиҳати гузариш ба иқтисоди расмии равонакардашуда, баҳои воқеӣ додан ба ташхиси омилҳо, хусусиятҳои хос, сабабҳо ва вазъ аз нуқтаи назари муносибатҳои ғайрирасмӣ дар матни миллӣ аҳамияти калон дорад.

13. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар худ мафҳуми бештар васеъ дорад. Ҳамин тавр, шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) бо бахши ғайрирасмии иқтисодиёт алоқамандии зич дорад, ки айни замон дар доираи иқтисоди Тоҷикистон хеле пурвусъат аст.

14. Дар ин замина ҳудудҳои иқтисоди ғайрирасмӣ ва хусусиятҳои онро баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 январи соли 2018, 8, 9 миллион нафарро ташкил медиҳад. Суръати афзоиши ҳарсолаи аҳолии мамлакат тайи 27 соли охир ба ҳисоби миёна дар сатҳи 2,0 - 2,2 фоиз боқӣ мемонад.

15. Омили калидии макроиқтисодии рушди иқтисод дар ин давра расонидани таъсири калон барои нигоҳ доштани ҷараёни умумииқтисодии зиёд намудани истеҳсолот аз ҳисоби захираҳои дохилӣ мебошад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии исеҳсолшуда дар соли 2017 тибқи маълумот маблағи 61093, 6 млн. сомониро ташкил мекард, ки дар муқоиса бо соли 2016 бо нархҳои муқоисакунанда 107,1 фоизро дар бар мегирад. Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳои савдо, кишоварзӣ ва хизматрасониҳо таъсири бештар расонд.

16. Қайд кардан бамаврид аст, ки пажӯҳишҳо доир ба ҳудудҳои шуғли ғайрирасмӣ бо андозаҳои зиёд дар Тоҷикистон дар натиҷаи таҳқиқоти қувваи корӣ дар солҳои 2004, 2009 ва 2016 нишон дода шуда буданд.

17. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваи корӣ дар соли 2004 шумораи умумии кормандоне, ки дар иқтисодиёт машғул буданд 2452,6 ҳазор нафар, шумораи шахсони худиштиғол 1117,8 нафар, ҳамкориҳои оилавӣ 7,85 ҳазор нафар ва дигар касбҳо 6,0 ҳазор нафар, дар маҷмӯъ 1131,7 ҳазор нафар ё ин ки 46 фоизи аҳолиро дар иқтисодиёт ташкил мекард. Ба ибораи дигар, 46 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар бахши ғайрирасмӣ қарор доштанд.

18. Аз шумораи умумии кормандони шуғлдошта танҳо 80,4 фоиз дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият дошта, 19,6 фоиз ё ин ки 175,7 ҳазор нафар дар асоси шартномаҳои шифоҳӣ бо корфармоён бо дар назар доштани он воқеият, ки

ҳиссаи аҳолии шуғлдошта дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт ба 53,2 фоиз (1307,4 ҳазор нафар) рост меояд, кор мекарданд.

Дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт дар бозори меҳнат 42,3 фоизро занон ташкил намудаанд.

19. Шарҳи муфассал дар бораи баҳодиҳӣ ба шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ)-ро дар Тоҷикистон шарҳи таҳқиқоти қувваи корӣ дар соли 2009 дар бар мегирад. Таҳқиқоти мазкур аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, ки дар он баҳои шуғли бақайдгирифтанашудаи (ғайрирасмии) чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди нишондиҳандаҳои тақсимот дар бахши иқтисоди расмӣ ва ғайрирасмӣ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар мутобиқат бо нишондиҳандаҳои гендерӣ, намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, сатҳи таҳсилот, синну сол ва ҷойи кор мебошад.

20. Мувофиқи натиҷаи тадқиқоти қувваҳои корӣ дар соли 2009 дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт (бе назар доштани бахши кишоварзӣ) 49 фоизи аҳолии машғул (426,8 ҳазор нафар) ва 51 фоиз дар бахши расмии иқтисодиёт (446,1 ҳазор нафар) фаъолият доштанд.

21. Аз шумораи аҳолии дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт машғул бештар аз 77 фоизи аҳолиро шаҳрвандони худиштиғол ташкил медиҳанд.

22. Дар баробари ин, 420,0 ҳазор ё 9,4 фоиз аз шумораи умумии кормандони ғайрирасмӣ (бе бастани шартномаҳои хаттӣ) дар бахши иқтисоди расмӣ машғуланд.

23. Вазъи баамаломадаро ба инобат гирифта, дар доираи натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар маҷмӯъ сатҳи шуғли ғайрирасмӣ (бе бахши кишоварзӣ) дар ҷумҳурӣ 53,8 фоиз (470,6 ҳазор нафар)-ро ташкил медиҳад.

24. Шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) асосан дар соҳаи савдо (93,5 фоизи машғули кор дар ин соҳа), сохтмон (91,2 фоиз), меҳмонхона ва тарабхонаҳо (81 фоиз), нақлиёт (70,8 фоиз), ташкилотҳои ғайридавлатӣ (69,1 фоиз) ва ҳамчунин миёни ҷавонони аз 15 то 29 - сола (61,8 фоиз) мушоҳида мешавад.

25. Дар минтақаҳо шуғли ғайрирасмӣ бештар дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 57,2 фоиз, вилояти Хатлон 56,2, вилояти Суғд 55,5 фоиз, фоиз паҳн гаштааст. Дар шаҳри Душанбе 48,2 фоиз ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистни Бадахшон 32,8 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи шуғли ғайрирасмӣ миёни мардҳо 60,4 фоиз ва занон 37,4 фоизро ташкил медиҳад.

26. Мувофиқи натиҷаи тадқиқоти қувваҳои корӣ дар соли 2016 249536 нафар дар ҷойи кори асосиашон машғул буданд.

27. Аз шумораи умумии машғулбуда 116177 нафар (13,7 фоиз) дар бахши расмии иқтисодиёт ва 133359 нафар (15,7 фоиз) дар бахши ғайрирасмии иқтисоди ғайрирасмӣ машғул буд.

28. Шуғли ғайрирасмӣ асосан дар соҳаҳои сохтмон (76,2 фоиз), саноати коркард (41,9 фоиз), меҳмонхона ва тарабхонаҳо (39,1 фоиз), нақлиёт (51,1 фоиз) ва дигар намудҳои фаъолияти хизматрасонӣ (37,9 фоиз) паҳн шудааст.

Сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар ин самт миёни мардҳо 33,2 фоиз ва занон 21,7 фоиз мебошад.

29. Сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 13,4 фоиз, вилояти Хатлон 35,0 фоиз, вилояти Суғд 31,7 фоиз, шаҳри Душанбе 22,2 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 25,1 фоизро ташкил медиҳад.

30. Мувофиқи нишондоди таҳқиқоти қувваи корӣ дар соли 2016 сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ 29,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2009 (53,8 фоиз) 24,4 фоиз коҳиш ёфтааст.

**4. САМТҲОИ АСОСИИ БАРНОМА**

31. Самтҳои асосии Барнома аз инҳо иборатанд:

- мукаммал намудани заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ дар самти шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тахассусҳо дар бозори меҳнат, ташкил намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои касбӣ ва тахассусии ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ, инчунин омода намудани пешниҳодҳо доир ба таҳияи таснифоти миллии тахассусҳо.

32. Чораҳое, ки барои беҳтар намудани системаи идоракунӣ равона карда мешаванд:

- такмил додани системаи қарздиҳӣ барои инкишофи соҳибкории хурд ва миёна, соддатар намудани тартиби дастрасии гирифтани воситаҳои қарздиҳӣ ва ҳамчунин ҷорӣ намудани системаи қарзҳои имтиёзнок;

- такмили фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сифати захираҳои кадрӣ ва заминаҳои моддӣ-техникӣ;

- баланд бардоштани самаранокии чораҳои фаъол дар бозори меҳнат, васеъ намудани имкониятҳои шуғлнокии аҳолӣ, мукаммал намудани тартиби шаҳодатномакунонӣ (валидатсия) ва эътирофи малакаҳои қувваи корӣ.

33. Баланд бардоштани самаранокии системаи назорат ва нозирот ҷиҳати амалӣ намудани қонунгузории меҳнат бо мақсади таъмини шаффофияти ҷорӣ намудани тартиби назорати видеоӣ ва протоколҳои электронӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳо.

34. Мукаммал намудани системаи мониторинг ва баҳодиҳии вазъ дар бозори меҳнат:

- ташкил ва гузаронидани пурсишҳо доир ба таҳқиқи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, инчунин таҳқиқи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар бозори меҳнат;

- такмил додани тартиби маълумоти омории бозори меҳнат вобаста ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ;

- такмил додани тартиби мониторинг ва ҳисоботи омории қувваи кории хориҷӣ дар бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ, инчунин шахсоне, ки барои кор ба хориҷи кишвар мераванд.

35. Ташкил намудани механизми ҳамоҳангсозии байниидоравӣ доир ба паст кардани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) ва тақвияти муколамаи иҷтимоӣ дар ин самт:

- ҳарсола такмилу таҳия ва пурзӯр намудани назорат вобаста ба татбиқи Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсия иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 бо инъикос намудани масъалаҳои бартарафсозии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар он;

- мукаммал намудани созишномаҳои муштараки байниҳукуматӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ва бартарафсозии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи байналмилалӣ ва табодули таҷрибаи пешқадам бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба масъалаҳои шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

36. Ташкили чорабиниҳои маълумотдиҳӣ ва тарғиботӣ оид ба бартарафсозии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- баргузор кардани чорабиниҳои васеи маълумотдиҳӣ ва тарғиботӣ барои мубориза бо шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- ташкил ва гузаронидани семинарҳо доир ба масъалаҳои бартарафсозии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- дар байни ҷомеа гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба мавқеи қонунгузории меҳнат, бартарии шуғли расмӣ ва камбудиҳои шуғли бақайдгирифтанашуда;

- ташкили чорабиниҳои ҷамъиятии барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки аз қонунигардонии фаъолияти худ саркашӣ менамоянд;

- омода ва муаррифӣ намудани видеороликҳои рекламавӣ, гӯшаҳо, мақолаҳо ва варақаҳои маълумотӣ, ки масъалаҳои мубориза бо шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ)-ро инъикос менамоянд.

**5. НАТИҶАҲОИ ИҶРОИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА ДАР СОЛҲОИ 2019-2023**

37. Ба даст овардани натиҷаҳои зерин ҳангоми амалӣ намудани Барнома:

- кам гардидани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ);

- ҷалб гардидани шаҳрвандони қобили меҳнат ба шуғли расмӣ;

- зиёд гардидани воситаҳои буҷети давлатӣ ҷиҳати амалисозии барномаҳои мушаххас барои беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандон;

- маблағгузории иловагии воситаҳои буҷетӣ дар буҷети суғуртаи иҷтимоӣ;

- кам гардидани маблағгузории иловагии воситаҳои буҷетӣ дар буҷети суғуртаи иҷтимоӣ;

- зиёд гардидани сарчашмаҳои нави андозбандишаванда дар буҷети давлатӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ;

- таъмини шаҳрвандон ба ҳифзи иҷтимоии арзанда дар шароити пиронсолӣ, маъюбӣ ва дигар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муайян кардааст;

- ташаккули механизми баҳисобгирии воқеии ҷойҳои корӣ ва тартиби барҳамдиҳии ҷойҳои корӣ.

**6. САРЧАШМАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ**

38. Маблағгузории Барномаи мазкур дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сарчашмаҳои дигари ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Нақшаи амалисозии Барнома оид ба паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023» аз 30 августи соли 2019, № 439 қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст, ки доир ба мукаммал намудани заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ; чораҳое, ки барои беҳтар намудани системаи идоракунии бозори меҳнат равона карда мешаванд; баланд бардоштани самаранокии системаи идоракунӣ ва назорат ҷиҳати татбиқи қонунгузории меҳнат; такмил додани системаи мониторинг ва баҳодиҳӣ; таъсис додани механизми ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба паст кардани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) ва тақвият ва ташкил намудани чорабиниҳои иттилоотӣ ва ташвиқотӣ доир ба бартарафсозии шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ), равона гардидааст.

Дар ин самт, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2019» аз 26 октябри соли 2017, № 499,

«Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз 29 ноябри соли 2017, №549, «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» аз 1 марти соли 2019, №94 ва ғайра низ қабул ва мавриди амал қарор доранд.

Масалан, тибқи муқаррароти банди 9 боби 2 «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» самти асосии афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ин шуғлнокии пурмаҳсули онҳо мебошад. Ба шуғли муносиб фаро гирифтани ҷавонон, махсусан ҷавонони деҳот ин мусоидат ба раҳонидани ҷомеа аз буҳрони иқтисодӣ, таҳкими заминаҳои иҷтимоию маънавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон ба раванди рушди сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат мебахшад.

Мувофиқи омори сиёсати давлатии ҷавонон наздики 76 фоизи қувваи корӣ ба ҷавонон рост меояд. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 коҳиши ҳиссаи ҷавонони синни 15-29 нисбат ба шумораи умумии машғулин ҷой дорад, илова бар ин, ҳиссаи аҳолии машғули калонсол (30-75-сола) ҳамасола зиёд шуда истодааст (соли 2004-56,3 фоиз, соли 2016-68,9 фоиз), ки боиси ташвиш мебошад.

Ҳамин тариқ, шумораи ҷавонони 15-29-сола, ки ба шуғли дахлдор фаро гирифта нашудаанд, зиёд ба назар расида, ин қишри ҷомеа ҳамчун гурӯҳи осебпазир арзёбӣ мегардад ва баҳри ба шуғли муносиб фаро гирифтани онҳо андешидани тадбирҳои бетаъхир зарур аст.

**Замимаи 3**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "3" майи соли 2014, №299
тасдиқ шудааст.

**Низомномаи хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1. Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд - Хадамот) мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, вазифаҳои назорату санҷишҳои давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, стандартҳо ва меъёрҳои бехатарии меҳнат, гузаронидани экспертизаи шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро дар фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият (минбаъд, ташкилот), соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки меҳнати кирояро истифода мебаранд, анҷом медиҳад.

2. Хадамот ба Нақшаи идоракунии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудааст.

3. Хадамот фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва фармоишҳои Вазири меҳнат,

муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

4. Хадамот фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо анҷом медиҳад.

**2. Вазифаҳои Хадамот**

5. Хадамот вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- мусоидат ба риояи қонунгузории меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- мусоидат ба таъмини имтиёз ва пардохтҳо барои кормандоне, ки дар шароити вазнини меҳнат кор мекунанд;
- мусоидат ба рушди шарикии иҷтимоӣ байни корфармо ва иттифоқҳои касаба;
- мусоидат ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии корфармо ва кормандон оид ба қонунгузории меҳнат, ҳифз ва шароити меҳнат, муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ), экологӣ ва шуғли аҳолӣ;
- мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташкили бозори меҳнат, ҷойҳои кории нав ва нигоҳдории ҷойҳои кории амалкунанда;
- дигар вазифаҳое, ки ба рушди соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мусоидат менамоянд.

6. Хадамот назорату санҷишҳои давлатиро дар самтҳои зерин анҷом медиҳад:

- риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи меҳнат, ҳифз ва шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- иҷрои ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва риояи шароити бехатарии меҳнат, инчунин ҳифзи кормандон аз амалҳои ғайриқонунии корфармоён, шахсони мансабдор ва шахсони дигари масъули ташкилотҳо;

- дуруст ва сари вақт пардохт намудани музди меҳнат ва дигар пардохтҳое, ки аз ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон бармеоянд;

- истифодаи дурусти рӯйхати истеҳсолот, касбу корҳо, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳо;

- иҷрои чорабиниҳои ҳифз ва бехатарии меҳнат, пешниҳоди имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳои муқарраршуда, либос ва пойафзоли махсуси корӣ, воситаҳои муҳофизати фардӣ - гигиенӣ, шир ва ғизои профилактикӣ ба кормандоне, ки дар корҳои вазнин, зараровар, хавфнок ва дорои шароити номусоиди меҳнат фаъолият доранд;

- дурустии таъин ва пардохти ҷуброни зараре, ки ба саломатии кормандон ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ расонида шудааст;

- аз тарафи ташкилот, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ риоя гардидани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва ҷорӣ намудани воситаҳои муосири ҳифзи меҳнат, ки ҷароҳатбардориҳои истеҳсолӣ ва ба бемориҳои касбӣ гирифторшавиро пешгирӣ менамоянд;

- аз ҷониби тарафҳо иҷро гардидани уҳдадориҳо аз рӯи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ оид ба шароити меҳнат дар ташкилотҳо;

- риояи қонунгузории меҳнат дар истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон;

- воқеияти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва барҳамдиҳии ҷойҳои кори амалкунанда;

- бо кор таъмин намудани шаҳрвандон, бахусус занон ва ҷавонон;

- дар доираи квотаи муқарраргардида бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта, ки дар бозори меҳнат ба рақобат тобовар нестанд;
- риояи тартиби пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби корфармоён ба мақомоти ваколатдор;
- риояи тартиби ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб намудани шаҳрвандони бекор;
- риояи тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва дастгирии ташаббуси фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ;
- риояи тартиби баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод;
- тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Ваколатҳои Хадамот**

7. Хадамот бо мақсади таъмини вазифаҳо дар соҳаи фаъолияти муқарраргардида ваколат дорад:
- бо мақсади гузаронидани назорат ва санҷишҳои давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба ташкилот, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки меҳнати кирояро истифода мебаранд, тибқи тартиби муқарраргардида ташриф орад;
- барои таъмини татбиқи якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ санҷишҳои мақсаднок ва ногаҳонӣ гузаронад;
- дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ вобаста ба риояи қонунгузории меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ санҷишҳои муштарак гузаронад;
- экспертизаи шароити меҳнатро дар ташкилотҳои амалкунанда ва навтаъсис гузаронад;

- дар бораи риоя намудани талаботи ҳифзи меҳнат ҳангоми сохтмон, таҷдиди иншооти истеҳсолӣ, мошинҳо ва механизмҳо хулоса диҳад;

- вазифаҳои ихтиёрдори асосӣ ва қабулкунандаи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявиро, ки барои нигоҳдории Хадамот ва татбиқи вазифаҳои ба он вогузоршуда пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд;

- оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи меҳнат, ҳифзи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ пешниҳодҳо таҳия намояд;

- оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳо дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин ба корфармоён ва кормандон дар омӯхтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ чораҳо андешад;

- ҳангоми назорату санҷишҳои давлатӣ далелҳои тасдиқкунандаро нусхабардорӣ, акс ва ба навор гирад;

- мақомоти ҳамоҳангсозӣ, машваратӣ ва экспертиро (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳои машваратӣ) дар соҳаи фаъолияти муқарраргардида таъсис диҳад;

- маводҳоро оид ба ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин иҷро накардани дастурҳои Хадамот, ки дар асоси назорату санҷишҳо дода шудаанд, мувофиқи тартиби муқаррааргардида ба суд ва дигар мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳо, қитъаҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорони инфиродиро то бартараф гардидани вайронкуниҳои талаботи ҳифзи меҳнат, агар фаъолияти онҳо ба ҳаёт ва саломатии кормандон таҳдид кунад, боздорад;

- истифодабарии минбаъдаи либосу пойафзоли махсуси корӣ ва воситаҳои муҳофизати инфиродиро дар сурати ба талаботи стандартҳо ва шартҳои техникӣ мутобиқат накардани онҳо манъ кунад;

- чораҳои маҳдудкунанда, огоҳкунанда ва пешгирикунандаи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба роҳ надодан ва қатъ кардани вайронкуниҳо дар соҳаи муқarrаргардидаи фаъолият аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ равона гардидаанд, инчунин чораҳои аз байн бурдани оқибатҳои вайронкуниҳои номбурдаро истифода барад;

- дар мӯҳлатҳои муқarrаргардида аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳо оид ба шароити меҳнат, техникаи бехатарӣ, шуғл, ҷароҳатбардории истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ маълумот дархост намояд ва гирад;

- аз мақомоти давлатии омор оид ба меҳнат, музди меҳнат ва рушди иҷтимоӣ маълумоти оморӣ дархост намояд;

- ба роҳбарони ташкилотҳо дар бораи бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошанд, амрномаҳои иҷрояшон ҳатмӣ диҳад;

- мутахассисони идораҳо, ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳоро ҷиҳати баррасӣ ва таҳияи масъалаҳо оид ба ҳифз ва шароити меҳнат, гузаронидани машваратҳо, экспертизаҳо ва ҳамчунин намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои санҷиш ҷалб намояд;

- дар асоси шартнома бо тарафҳои манфиатдор доир ба гузаронидани экспертиза ва аттестатсияи шароити меҳнати ҷойҳои корӣ, ченкуниҳои лабораторӣ омилҳои зараровари муҳити истеҳсолӣ, баҳсҳои меҳнатӣ конфронсу семинарҳо гузаронад, оид ба масъалаҳои меҳнат маслиҳатҳои ҳуқуқӣ диҳад;

- дигар ваколатҳои муқarrарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намояд.

**4. Ташкили фаъолият**

8. Ба Хадамот Сардор роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

9. Сардори Хадамот як муовин дорад, ки бо пешниҳоди Сардори Хадамот аз ҷониби Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

10. Сардори Хадамот:

- роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва кормандони Дастгоҳи марказии Хадамотро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- сардорони сохторҳои Хадамотро дар маҳал ва кормандони онҳоро тибқи тартиби қонунгузорӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- низомномаҳои сохторҳои Дастгоҳи марказӣ ва маҳаллии Хадамотро тасдиқ менамояд;

- дар доираи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқarраргардида шумораи кормандон, фонди музди меҳнат ва рӯйхати штатии Дастгоҳи марказии Хадамотро тибқи талаботи намунавӣ ва харҷномаи таъминоти онро барои тасдиқ намудан ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дар доираи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида шумораи кормандон, фонди музди меҳнат ва рӯйхати штатии вазифаҳои мақомоти дар Нақшаи идоракунии Хадамот пешбинигардида, инчунин харҷномаи таъминоти онҳоро дар доираи маблағҳои буҷетии барои давраи дахлдор пешбинигардида тасдиқ менамояд.

11. Хадамот шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи худ ба забони давлатӣ, муҳрҳо, штампҳо ва бланкаҳои дахлдор буда, аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

**Замимаи 4**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 феврали соли 2016, №57
тасдиқ шудааст.

**Қоидаҳои баҳисобгирии ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи шахсони воқеӣ таъсис дода мешаванд**
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.04.2018, №173)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои баҳисобгирии ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи шахсони воқеӣ таъсис дода мешаванд (минбаъд - Қоидаҳо), бо мақсади ташкили механизми баҳисобгирии омори дақиқи ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи шахсони воқеӣ барои таъмин намудани шаҳрвандони бекор бо машғулиятҳои асосӣ ва иловагӣ таъсис дода мешаванд, таҳия шудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода карда мешаванд:

- ҷойи кор - ин доираи пешниҳоди меҳнат, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии меҳнат ва дигар меъёрҳои амалкунанда муайян гардида, бо воситаҳои зарурӣ барои фаъолияти меҳнатии як ё якчанд иҷрокунанда муҷаҳҳаз аст ва ба ӯ (онҳо) сатҳи даромади (музди меҳнати) на кам аз ҳадди ақали музди меҳнати муқарраргардидаро бо риоя намудани меъёрҳои давомнокии вақти корӣ муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Ҷойи кор дар омори меҳнат ҳамчун маҷмӯи шароити истеҳсолию

техникӣ, ки машғулияти кормандонро таъмин мекунанд, муайян карда мешавад. Объекти баҳисобгирии омори ҷойҳои корӣ ин шумораи аслии кормандон ва ҷойҳои холии корӣ (вакансия) ба ҳисоб меравад. Шумораи умумии ҷойҳои корӣ аз рӯи методологияи Ташкилоти байналхалқии меҳнат (ТБМ), ин маҷмӯи шумораи аслии кормандони машғул ва ҷойҳои холии корӣ дар давраи ҳисоботӣ мебошад. Ҷойи кор вобаста ба шакли фаъолияти шахси воқеӣ хусусиятҳои фарқкунандаи худро доранд. Ҳангоми таъсиси ҷойҳои нави кор маълумоти антропометрии инсон вобаста ба қад ва вазн барои интихоб намудани масоҳат, чуқурӣ ва баландии ҷойи корӣ барои як корманд ба назар гирифта мешавад. Андозаи таҷҳизот ва ё дастгоҳи истеҳсолӣ бояд ба бадан ва дастони коргар дар ҳолати мувофиқтар қарор дошта бошад. Ҷойи кори арзанда дар ҳудуди ҷойи кор ҳолатҳои ҳодисаҳои нохуш, латхӯрӣ ва маъюбшавии истеҳсолӣ ва дигар равандҳои номатлубро пешгирӣ менамояд. Таҷҳизонидан ва равшансозии дурусти ҷойи кор яке аз омилҳои муҳимтарине мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии инсон мусоидат намуда, латхурӣ ва бемориҳои касбиро пешгирӣ менамояд. Ҳангоми таъсиси ҷойҳои нави кор маълумоти ҷинсию синну соли инсон низ вобаста ба шароити меҳнат дар ҷойи кор ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, барои ҷалби наврасону ҷавонон ба ҷойи кори нав вақти корӣ ва шароити кор бояд ба талаботи муқаррargардида мутобиқ бошад. Ҳамчунин, чунин талабот ҳангоми ҷалби занону духтарон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбон бояд ҳатман ба эътибор гирифта шавад;

- ҷойи кори нав - ин ҷои коре мебошад, ки аз тарафи шахси воқеӣ аз ҳисоби афзоиши сармояи асосӣ барои таъмини рушди истеҳсолоти асосӣ ва фаъолияти дигари хоҷагидорӣ

таъсис дода шуда, ба принсипи мақсаднокии иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад ва дар давоми соли тақвимӣ амал мекунад;

- ҷойи кори доимӣ - ин ҷойи коре мебошад, ки корманд қисми зиёди вақти кории худ (зиёда аз 50 фоиз) дар он ҳозир мебошад;

- ҷойи кори ғайридоимӣ - ҷойи коре мебошад, ки корманд қисми ками вақти кории худ (камтар аз 50 фоиз) дар он ҳозир мебошад;

- ҷойи кори муваққатӣ - ин ҷойи кор барои мӯҳлати маҳдуд, бештар барои даврае таъсис дода мешавад, ки якчанд моҳро (барои идоракунӣ ва назорати кори дастгоҳҳои номунтазам истифодашаванда барои корҳои таъмир ва ғайра) дар бар мегирад;

- ҷойи кори мавсимӣ - ҷойи коре, ки барои кор дар мӯҳлати маҳдуд, бештар дар давраи иборат аз якчанд моҳ таъсис дода шуда, дар давраи муайяни сол ё мавсим бинобар шароити табиӣ ё иқлимӣ иҷро карда мешавад;

- ҷойи кори холӣ (вакансия) - ҷойи кори банднабудае, ки ба он мумкин аст корманди нав қабул карда шавад;

- ҷойи кори бандбуда - ҷойи коре, ки ба он дар асоси шартномаи меҳнатӣ ва ё дигар меъёрҳои амалкунанда коргар (ё якчанд корманд, агар муассиса дар якчанд баст кор кунад ва ҷойи кор дар ҳар як баст банд бошад) ба кор қабул карда шудааст;

- ҷойи кори иловагӣ - ҷойи коре, ки аз ҳисоби манбаъҳои зерин таъсис дода шудааст:

а) аз ҳисоби маблағҳои худи корфармо;

б) аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ барои бокортаъминкунии иловагии шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷот дошта, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд (маъюбон, ҷавонони аз 15 то

29-сола, занони дар тарбияи худ кӯдакони хурдсолдошта, занони яккаву танҳо ва серфарзанд, хизматчиёни ҳарбии аз хизмат озодшуда, гурезагон ва шахсони аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ озодгардида);

- ҷойи кори барҳам додашуда - ҷойи коре, ки дар натиҷаи ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ, ихтисоркунии истеҳсолот, муфлисшавӣ ва ғайра фаъолият намекунад;

- ҷойи кори барқароршуда - ҷойи кори барҳам додашудаест, ки дар натиҷаи ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ, ба кор даровардани доираҳои кӯҳнаи истеҳсолӣ, аз нав таҷҳизонии техникӣ ва ғайраҳо бо мақсади азнавбарқароркунии истеҳсолот, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол ва ғ. аз нав барқарор карда мешаванд;

- ҷойи кори арзанда - ҷойи кори муҷаҳҳаз бо технологияи замонавӣ ва мутобиқ ба бехатарии меҳнат, ки кормандро бо шуғли мӯътадил ва музди меҳнати арзанда таъмин намуда, мутобиқ ба сатҳи тахассуси ӯ мебошад;

- шахси воқеӣ - шахсе, ки дар фаъолияти иқтисодӣ ба сифати субъекти комилҳуқуқи ин раванд иштирок менамояд. Ба шахсони воқеӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди дар иқтисодиёт ба сифати шахсони мустақил фаъолияткунанда, ҳуқуқҳои шахсан гузаронидани амалиёти муайяни хоҷагидоридошта, муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар шахсон ва ташкилотҳоро танзимкунанда ва барқарор намудани муносибат бо шахсони ҳуқуқиродошта дохил мешаванд. Шахси воқеӣ аз номи худ амал намуда, ба таъсису бақайдгирии ширкатҳо ва муассисаҳо, ки барои шахсони ҳуқуқӣ ҳатмист, эҳтиёҷ надорад;

- шумораи кормандони ба ҷойҳои кори нави таъсисшуда ба кор қабул кардашуда - шумораи кормандонеро, ки ба кор қабул карда шудаанд ё метавонанд ба ҷойҳои нави кори

таъсис додашуда ба кор қабул карда шаванд (дар натиҷаи таъсис додан, васеъ кардан, таҷдиди истеҳсолот, зиёд намудани бастҳои корӣ ва ғайраҳо) инъикос менамояд;

- кормандоне, ки дар асоси қарордод корро дар хона иҷро менамоянд (хонакорон) - инҳо кормандоне мебошанд, ки бо муассисаҳо оид ба иҷрои кор дар хона шартнома мебанданд. Шахсоне, ки аз рӯи шартҳои зерин корро иҷро менамоянд:

а) дар ҷойи истиқомат ё дар дигар бино мувофиқи интихоб, вале на дар биноҳои истеҳсолии корфармо;

б) барои подош;

в) мувофиқи супориши корфармо истеҳсоли молҳо ё хизматрасониро, новобаста аз он, ки дастгоҳ, маҳсулот ё дигар захираҳои истифодашавандаро ки пешниҳод мекунад, таъмин менамояд;

- шумораи кормандоне, ки бо ташаббуси корфармо дар рухсатии меҳнатӣ қарор доранд - кормандоне, ки бо сабабҳои оилавӣ ё дигар сабабҳои узрнок бо иҷозати корфармо бе нигоҳ доштани музди кор дар рухсатии кӯтоҳмуддат қарор доранд, инчунин бинобар харҷи истеҳсолот ё дигар сабабҳо бо ташаббуси корфармо бе нигоҳ доштан ё қисман нигоҳ доштани музди меҳнат дар рухсатӣ қарор доранд.

## 3. МАНБАЪҲОИ АСОСИИ ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ КОР

3. Омори таъсиси ҷойҳои кор ба мисли омори шуғл ба тарзи бо истифода аз якчанд манбаъҳо ҷамъоварӣ кардани маълумот сурат мегирад. Дар маҷмӯъ, тадқиқоти хонаводаҳо беҳтарин манбаъ барои ҷамъоварии омори ҷойҳои кор ва шуғл мебошад, чунки ин тадқиқот аҳолии доимии кишварро дар бар мегирад ва имкони баҳодиҳии ҳамаи ҷойҳои корро дар ҳамаи бахшҳо, аз ҷумла дар иқтисоди ғайрирасмӣ, фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, истеҳсоли маҳсулот барои истифодаи ниҳоии худ, кори бемузди оилавӣ дар корхонаҳои оилавиро дорад. Ба чунин тадқиқот тадқиқоти қувваҳои

корӣ, тадқиқот оид ба проблемаҳои шуғл ва бекорӣ, тадқиқоти истифодаи қувваҳои корӣ ва вақти корӣ ва барӯйхатгирии аҳолӣ дохил мешаванд. Дар сурати набудани имконияти мунтазам гузаронидани чунин тадқиқот, манбаи дигари иттилоот оид ба миқдори ҷойҳои корӣ ин ҳисоботи маъмурӣ мебошад.

4. Манбаъҳои асосии таъсисдиҳандаи ҷойҳои корӣ пеш аз ҳама соҳибкорони инфиродӣ мебошанд - шахсоне, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва дар қайди мақомоти андоз қарор доранд ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродие, ки аз ҳисоби таҷдиди хоҷагиҳои коллективӣ ташкил карда мешаванд ва дар асоси меъёрҳои истифодабарии заминҳои кишоварзии дар ихтиёр доштаашон вобаста аз категорияи замин - обӣ ва ё лалмӣ будан, ҷойҳои нави кор ва ҷойҳои кори иловагӣ ва ё мавсимӣ таъсис медиҳанд.

5. Ҷойҳои кор дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчунин дар қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ, заминҳо барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон (заминҳои президентӣ) ва заминҳое, ки тибқи шартномаи иҷора истифода бурда мешаванд, таъсис дода мешаванд. Дар ин се категорияи номбаршуда агар маҳсулоти истеҳсолгардида танҳо бо мақсади истеъмоли шахсии оила бидуни ба даст овардани фоида аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ истифода шавад, дар ин ҳолат ягон ҷойи корӣ ба ҳисоб гирифта намешавад. Агар ҳиссаи бештари эҳтиёҷоти хонавода (зиёда аз 50 фоиз) аз хоҷагии наздиҳавлигӣ, заминҳо барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон (заминҳои президентӣ) ва заминҳое, ки тибқи шартномаи иҷора истифода бурда мешаванд, таъмин карда шуда, аъзои хонавода дар дохил ва ё хориҷи кишвар ҷойи кори доимӣ надошта бошанд, пас аъзои синни қобили

меҳнати оила ҳамчун шуғлнок маҳсуб ёфта, теъдоди онҳо ҳамчун миқдори ҷойҳои кори нав ба ҳисоб гирифта мешавад.

6. Таъсиси воқеии ҷойҳои кори нав ва иловагӣ чунин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

а) ба қайд гирифтани субъектҳои хоҷагидорӣ:

- соҳибкори инфиродӣ, ки нахустин маротиба ба қайд гирифта мешавад, аз лаҳзаи сабтиномшавӣ як ҷои нави кор таъсис медиҳад.

7. Маълумот оид ба миқдори ҷойҳои кори наву иловагие, ки субъектҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз шакли моликияташон таъсис додаанд, аз тарафи мақомоти омор мутаносибан ин гуна андӯхт ва ҷамъбаст карда мешавад:

- аз рӯи шакли моликият;

- аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ.

8. Шумораи ҷойҳои кор амалан шумораи кормандони ҳайати дар рӯйхатбуда ва миқдори ҷойҳои холии корро ифода менамояд.

9. Шумораи ҷойҳои холии кор бо теъдоди кормандоне, ки дар шароити таъмини онҳо бо машғулияти пурра ба шахсони воқеӣ заруранд, ифода меёбад.

10. Шумораи ҷойҳои кори иловагии таъсисшаванда теъдоди кормандонеро, ки ба кор қабул карда шудаанд, ифода менамояд.

11. Ҳангоми тартиб додани ҳисобот дар бораи ҷойҳои кори нав аз тарафи шахсони воқеӣ таъсис ва барқароршуда ҳамчунин пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории 1-меҳнат (моҳона) "Дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва нав аз тарафи шахсони воқеӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт" пешбинӣ шудааст *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.04.2018, №173)*.

12. Ҳисоботи оморӣ дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва нави аз тарафи шахсони воқеӣ новобаста аз

шакли моликият, дар соҳаҳои иқтисодиёт моҳона, семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона. Ҳисоботи семоҳа барои давраи аз рӯзи аввали моҳи якуми семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона то рӯзи охирин барои давраи аз 1 январ то 31 декабр тартиб дода мешавад (замима мегардад)Ҳисоботи якмоҳа барои давраи аз рӯзи аввал то охири моҳи ҳисобот, ҳисоботи семоҳа барои давраи аз санаи якуми моҳи аввали семоҳа то санаи 31 март, нимсола аз санаи аввали давраи ҳисобот то санаи 30 июн, нуҳмоҳа аз санаи аввали давраи ҳисобот то санаи 30 сентябр, ҳисоботи солона барои давраи аз 1 январ то 31 декабр пешниҳод карда мешавад (замима мегардад) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.04.2018, №173)*.

13. Ҳисоботи оморӣ дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва навтаъсис аз тарафи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тибқи мӯҳлат ва нишонии дар шаклҳои ҳисоботи омории дар бораи ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав зикргардида ба мақомоти омор пешниҳод карда мешавад.

14. Аз мӯҳлатҳои муқарраргардида дертар пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва навтаъсис аз тарафи шахсони воқеӣ ҳамчун риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисобот маҳсуб меёбад.

15. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи оморӣ дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва нав аз тарафи шахсони воқеӣ ҳамаҷониба хонапурӣ кардани ҳисобот ва мӯътамадии маълумот ҳамчун талаботи асосӣ маҳсуб меёбад. Барои мӯътамадии маълумоти ҳисобот ва сари вакт пешниҳод намудани он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои

шаҳраку деҳот ва мақомоти андози шаҳру ноҳияҳо масъул мебошанд.

16. Барои вайрон кардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣ ба мақомоти дахлдори омор, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои назорати омории давлатӣ ва пешбурди регистрҳои давлатии воҳидҳои оморӣ, шахсони ҳуқуқию воқеӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Замима ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 феврали соли 2016, №57
тасдиқ шудааст.

(қарори Ҳукумати Ҷт аз 2.04.2018, №173)

## ҲИСОБОТИ ОМОРӢ

Шакли №1-меҳнат (моҳона) шахсони воқеӣ

Дар бораи ҷойҳои кори мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи шахсони воқеӣ дар ҷамоати шаҳраки/деҳоти ____________ шаҳри/ноҳияи_____________дар моҳонаи_____соли 201___таъсис дода мешаванд

Ҳисоботи мазкурро то санаи 5 баъди моҳи ҳисоботӣ иқтисодчии омор/сармуҳосиби ҷамоат/шаҳрак ба мақомоти омори шаҳр/ноҳия пешниҳод менамоянд.

# ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ НАВИ КОР

| Нишондиҳандаҳо | № сатр | Дар як моҳ | аз аввали сол |
|---|---|---|---|
| Миқдори ҷойҳои кори дар давраи ҳисоботӣ таъсисдодашуда (ҷамъи сатрҳои 02+03+04+05+06+07+08) (ҷамъи сатрҳои 09+16) | 01 | | |
| аз он ҷумла аз ҳисоби: | | | |
| Соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда | 02 | | |
| Соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда | 03 | | |
| Шумораи кормандони кироие, ки дар доираи шаҳодатномаи соҳибкорӣ фаъолият мекунанд | 04 | | |
| Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (оилавӣ) | 05 | | |
| Хоҷагиҳои назди ҳавлигӣ (ёрирасон ва президентӣ) | 06 | | |
| Дар бахши ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд (бе тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмӣ) | 07 | | |
| Дар бахши расмӣ фаъолият мекунанд | 08 | | |
| Мақоми ҷойҳои нави кори таъсисдодашуда дар давраи ҳисоботӣ (ҷамъи сатрҳои 10+11+12+13+14) | 09 | | |
| доимӣ | 10 | | |
| ғайридоимӣ | 11 | | |
| мавсимӣ | 12 | | |
| муваққатӣ | 13 | | |
| иловагӣ | 14 | | |
| Миқдори ҷойҳои кори барқароршуда дар давраи ҳисоботӣ | 15 | | |
| Миқдори ҷойҳои кори барҳамдодашуда | 16 | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| дар давраи ҳисоботӣ (ҷамъи сатрҳои 18+19+20+21+22) | | | |
| доимӣ | 17 | | |
| ғайридоимӣ | 18 | | |
| мавсимӣ | 19 | | |
| муваққатӣ | 20 | | |
| иловагӣ | 21 | | |
| барқароршуда | 22 | | |
| Миқдори ҷойҳои кор дар охири давраи ҳисоботӣ (сатри 09 тарҳи сатри 16) | 23 | | |
| доимӣ | 24 | | |
| ғайридоимӣ | 25 | | |
| мавсимӣ | 26 | | |
| муваққатӣ | 27 | | |
| иловагӣ | 28 | | |
| барқароршуда | 29 | | |
| Миқдори ҷойҳои нави кори таъсисдодашуда дар давраи ҳисоботӣ аз сатри 09 аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисод (ҷамъи сатрҳои 31+32+33+34+35+36+37+38) | 30 | | |
| - кишоварзӣ, шикор ва ҷангал | 31 | | |
| - саноати коркард | 32 | | |
| - сохтмон | 33 | | |
| - савдо | 34 | | |
| - нақлиёт | 35 | | |
| - алоқа | 36 | | |
| - меҳмонхона ва тарабхона | 37 | | |
| - дигар намуди хизматрасониҳо | 38 | | |

Раиси ҷамоат___________________
Шакли масъули ҳисоботсупоранда_________________
сана_________________
Имзо_________________(мӯҳр)

**Замимаи 5**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 августи соли 2008, №373
тасдиқ шудааст.

## Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор

***I. Муқаррароти умумӣ***

1. Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекори (минбаъд Қоидаҳо) мутобиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" бо мақсади таъмини рушди захираҳои меҳнатӣ ва танзими босамари ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор таҳия гардидааст.

2. Қоидаҳо фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (минбаъд, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ) дар самти тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор ва корҷӯянда танзим менамояд.

***II. Ташкили тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор***

3. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор ва корҷӯяндагонро, ки бо сабаби надоштани ихтисоси зарурӣ ё гум кардани малакаи касбӣ дарёфт намудани кори мувофиқ ба онҳо имконнопазир гаштааст, инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ ва шахсони хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ карданро дошта, ки дорои малакаи касбӣ ва ихтисос намебошанд ё мехоҳанд ихтисоси худро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат тағйир диҳанд, фаро мегирад.

4. Маъюбони бекор, шаҳрвандони бекор баъди гузаштани зиёда аз шаш моҳи бекорӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда ва ҳамсарони онҳо, аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё табобати маҷбурӣ озодшуда, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки бори аввал кор меҷӯянд, пештар кор накардаанд ва ихтисос надоранд, ҳуқуқи афзалиятноки аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанро доранд.

5. Дар сурати пеш омадани зарурати ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсолӣ ва бо мақсади мутобиқ намудани тахассуси кормандон ба ин технология, аз ҷумла ҷиҳати пешгириии ихтисоршавӣ ва нигоҳдории кормандон аз ихтисоршавии оммавӣ, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар асоси шартнома бо корфармо мставонанд барои чунин коргарон курси такмили ихтисосро аз ҳисоби маблағи корфармо ташкил намояд.

6. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзиро тавассути Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон", амалӣ менамояд.

7. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолии маҳали зисти доимӣ (минбаъд, мақомоти маҳаллии шуғли аҳолӣ) дар Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ва филиалҳои он, марказҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимие, ки оид ба пешбурди раванди таълими касбӣ дорои иҷозатнома мебошанд, мувофиқи шартнома ба роҳ монда мешавад.

8. Давомнокии курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз мундариҷа ва барномаи таълимии ин курсҳо

вобаста буда, мухлати ниҳоии он то 1 сол муқаррар карда мешавад.

9. Шаҳрвандон ба курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, шаҳодатнома дар бораи маълумот ва дар ҳолати зарурӣ бо пешниҳоди хадамоти роҳнамоии касбӣ фиристонида мешаванд.

10. Маслиҳати (роҳнамоии) касбӣ ба шаҳрвандоне, ки дар мақомоти шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ эхтиёҷ доранд, ройгон дода мешавад.

11. Ба шаҳрванди бекор якчанд вариантҳои имконпазир ва дастраси интихоби касб, намуди фаъолият, шакл ва ҷои омӯзиш пешниҳод карда мешавад ва шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки варианти барои худ мувофиқро интихоб намояд.

12. Дар мақомоти маҳаллии шуғли аҳолӣ маҳзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ, заминаҳои таълимию истеҳсолии муассисаҳои таълимӣ, шароити ташкили тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор таъсис дода шуда, мунтазам таҷдид мешаванд.

13.Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор барои ҷойи кории муайян танҳо дар мавриди мавҷуд будани шартномаи таъминкунӣ бо кор байни мақомоти маҳаллии шуғли аҳолӣ ва корфармоён, ки ҷои кориро кафолат медиҳанд, сурат мегирад.

14. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба тариқи гурӯҳбандӣ сурат мегирад. Як гурӯҳи таълимӣ мутобиқи ихтисоси муайян бояд аз 10 то 20 нафарро ташкил намояд.

15. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар доираи барномаҳои таълимӣ, стандарту меъёрҳои амалкунандаи таълими касбии калонсолон ва маводи методии

мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, инчунин дигар марказҳои методии хизматрасонии системаи таҳсилоти касбӣ, амалӣ гардонида мешавад.

16. Шаҳрвандоне, ки аз маҳалҳои дурдаст барои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ омадаанд, бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд. Дар мавриди набудани ҷойи хоб ё хобгоҳ, мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ метавонад маблағи иҷораи ҷойи истиқоматии муваққатиро дар доираи маблағҳои пешбинишуда пардохт намояд.

17. Ба шаҳрвандоне, ки ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд, дар давраи таҳсил мутобиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" стипендия муқаррар карда мешавад.

18. Дар сурати аз муассисаи таълимӣ хориҷ намудани хонандагони курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мақомоти маҳалии шуғли аҳолии роҳхатдода огоҳ карда шуда, пардохти маблағи барои таҳсили ин касбомӯз ҷудокардашуда тибқи шартномаи тарафайн ба танзим даровардa мешавад.

19. Тайёрии касбӣ ва бозомӯзии шаҳрвандон тибқи тартиби муқарраршуда бо супоридани имтиҳон ё санҷиш (ҳимояи реферат, кори хатмкунӣ) ба итмом мерасад.

20. Барои қабули имтиҳон ва санҷиш комиссия таъсис дода мешавад, ки ба ҳайати он намояндаҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, мутахассисони варзидаи корфармоён низ шомил карда мешаванд.

21. Ба хатмкунандагони имтиҳонҳо ё санҷишҳои курсҳои тайёрии касбӣ ва бозомӯзиро бомувафақият супорида ҳуҷҷати ягонаи намунаи давлатӣ - шаҳодатномаи тахассусӣ дода мешавад.

22. Баъди хатми курси тайёрии касбӣ ё бозомӯзӣ шаҳрванди бекор вазифадор аст барои таъминшавӣ бо кор дар муҳлати 10 рӯз ба мақомоти маҳаллии шуғли аҳолии ба курс роҳхатдода муроҷиат намояд.

23. Шаҳрвандоне, ки баъди хатми курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо ихтисоси нави гирифтаашон бо кор таъмин нашуданд, танҳо пас аз ду сол метавонанд такроран ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фиристода шаванд.

***III. Маблаггузории тайёрии касбй, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор***

24. Маблағгузории тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз ҳисоби маблағҳои хусусияти мақсаднок доштаи суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ, ки барои ҷорӣ намудани сиёсати давлатии шуғл пешбинӣ шудаанд, ба амал баровaward мешавад.

25. Хароҷоте, ки барои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ равона карда мешаванд, аз чунин қисмҳо иборатанд:

- музди меҳнати омӯзгорон, устоҳои таълимӣ ва мутахассисони муассисаи таълимӣ, ки ба раванди таълим ҷалб карда мешаванд;
- музди меҳнати ҳайати комиссияи имтиҳонии муассисаи таълимӣ;
- идрорпулии хонандагон, хароҷоти роҳ ва истиқоматии онҳо;
- хароҷоти истифодаи таҷҳизот, асбобҳо ва ашёҳои барои машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ зарур, инчунин таълими истеҳсолӣ;
- дигар хароҷоте, ки бевосита барои ташкили курсҳои тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мувофиқи шартномае, ки тибқи банди 7 Қоидаҳо баста мешаванд.

***IV. Муқарраротӣ хотимавӣ***

26. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ доир ба фаъолияти худ дар самти тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор мувофиқи тартиботи муқарраршуда ба мақомоти дахлдор ҳисоботи оморӣ пешниҳод мекунанд.

**Замимаи 6**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 4 марти соли 2005, №93
тасдиқ шудааст.

**Қарори**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 4 марти соли 2005, №93; 2 июли 2009, №404**
**Дар бораи «Қоидаҳои ташкил, шартҳои гузаронидан ва номгӯи корҳои ҷамъиятӣ»**

1. **Муқаррароти умумӣ**

2. Зери мафҳуми корҳои ҷамъиятӣ, намудҳои фаъолияти меҳнатии дастраси умум фаҳмида мешаванд, ки онҳо чун қоида, тайёрии пешакии касбии кормандонро талаб намекунанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фоиданок мебошанд ва чун воситаи иловагии дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони корҷӯй ба ҳисоб мераванд.

3. Корҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар корфармоён сарфи назар аз шакли моликият бо иштироки мақомоти давлатии минтақавии шуғли аҳолӣ ташкил карда мешаванд.

**II. Шартҳо ва номгӯи корҳои ҷамъиятӣ**

4. Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ якҷоя бо кумитаҳои маҳаллии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дар асоси таҳлили вазъи бозори меҳнат талабот ва таклифҳоро оид ба ташкили корҳои ҷамъиятӣ муайян намуда, барои дохил намудани онҳо ба барномаҳои маҳаллӣ ва минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ пешниҳодҳо манзур медоранд.

5. Барои пешниҳоди таклифҳо оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ:

- вазъи бозори меҳнат, шумора ва ҳайати шаҳрвандони бекор ва аҳолии бешуғлро таҳлил менамояд;

- маълумотро дар бораи ҷойҳое, ки дар онҳо корҳои ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд, ҷамъоварӣ намуда, якҷоя бо ин ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо намудҳои кор, вақти иҷро, тартиб, шартҳо ва тартиби маблағгузории онҳоро муайян менамояд;

- маълумоти ҷамъоваришуда дар бораи корҳои ҷамъиятиро ба шаҳрвандони корҷӯй пешниҳод мекунад;

- бо ташкилот, муассиса ва корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият ва бо шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок карданро доранд, шартномаҳо ба имзо мерасонад.

6. Ҳангоми ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар кардани шаҳрвандон, розигӣ, синну сол, вазъи саломатӣ, қобиляти касбӣ ва дигар қобилияти фардии онҳо ба инобат гирифта мешавад.

7. Муносибатҳои мутақобила дар ташкили корҳои ҷамъиятӣ дар шартномаҳо дар бораи фаъолияти якҷояи байни хадамоти шуғли аҳолӣ ва корфармоён танзим мегарданд. Дар шартномаҳо бояд шумораи ҷойҳои кории ташкилшаванда ва шумораи иштироккунандагон, ҷой ва хусусияти корҳо, муҳлат, вақти оғоз ва анҷоми кор, миқдори музди меҳнат, тартиби маблағгузорӣ, арзиши кор, ҳавасмандгардонӣ, ҳуқуқу кафолати иҷтимоӣ ва шароити бехатарии меҳнат ба назар гирифта шаванд.

8. Қоидаи коргузории ташкили корҳои ҷамъиятиро хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муқаррар менамояд.

9. Ташкили вақти корҳои ҷамъиятӣ мувофиқи шартномаҳои басташуда, вале на зиёда аз 30 (сӣ) соат дар як ҳафта ва ба муддати аз 1 то 3 моҳ амалӣ мегардад ***(Қарор аз 2.07.2009, №404).***

10. Бо розигии маъмурияти корхона, кормандони дар корҳои ҷамъиятӣ иштироккунанда метавонанд дар вақти корӣ (ҳафтае на зиёда аз 4 соат) ба хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ барои корҷӯӣ раванд, ё мустақилона барои худ кори мувофиқ ҷустуҷӯ намоянд.

11. Дар сурате, ки агар шаҳрванд бо кори доимӣ таъмин гардад, ӯ аз иҷрои корҳои ҷамъиятӣ озод карда мешавад.

12. Намудҳои корҳои ҷамъиятӣ метавонанд аз инҳо иборат бошанд:

- гузаронидани корҳо барои беҳтар намудани вазъи экологӣ, аз он ҷумла тоза намудани минтақа;
- кабудизоркунӣ ва ободонии ҳудуд, минтақаҳои истироҳатӣ ва туристӣ;
- барқарорсозии объектҳои манзилию коммуналӣ (обектҳои табобатӣ ва варзишӣ, хонаҳои пиронсолону барҷомондагон, маъюбон ва ғайра);
- корҳои обёрӣ ва ирригатсионӣ;
- корҳои ҷудогона дар сохтмони роҳ;
- гузаронидани хати об, газ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ;
- намудҳои ҷудогонаи корҳои кишоварзӣ;
- парастории пиронсолон ва барҷомондагон, ёрмандӣ ва хизматрасонӣ ба беморон;
- барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ;
- ҷамъоварии растаниҳои шифобахш;
- иштирок дар сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ ***(Қарор аз 2.07.2009, №404).***

**III. Ташкил ва пардохти музди меҳнати шаҳрвандони ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбаршуда**

13. Шаҳрвандони бекоре, ки дар қайди хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ мебошанд, вале кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ намегиранд, ҳуқуқи афзалиятноки гирифтани роҳхатро барои иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ доранд. Роҳхате, ки ба шаҳрванд барои иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ дода шудааст, дар ташкилотҳои дахлдор чун ҳуҷҷати ба кор қабулшавии ӯ ба ҳисоб меравад.

14. Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳангоми ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар кардани шаҳрвандон, онҳоро аз шароити ташкил, реҷаи кор, пардохти музди меҳнат, инчунин дигар намуди имтиёзҳо ва ҳавасмандгардониҳои мавҷуда воқиф мегардонад.

15. Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ тибқи талаботи оморӣ, шаҳрвандони дар иҷрои корҳои ҷамъиятӣ иштироккунандаро ба ҳисоб мегирад.

16. Хароҷоти хизматрасонӣ ҳангоми фиристодани шаҳрвандон ба корҳои ҷамъиятӣ, аз тарафи хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ амалӣ мегардад.

17. Вақте, ки дар давоми он шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, ба собиқаи меҳнат бо сабти дахлдор ба дафтарчаи меҳнатӣ дохил карда мешавад.

18. Бо шахсоне, ки хоҳиши дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок карданро доранд, шартномаи меҳнатии мухлатнок баста мешавад.

**IV. Манбаъ ва тартиби маблағгузории корҳои ҷамъиятӣ**

19. Маблағгузории корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳое, ки ин корҳо дар он ҷо ташкил карда мешаванд, ҳангоми зарурат бо ҷалб намудани маблағҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва кӯмаки молиявии беподоши хадамоти шуғли аҳолӣ амалӣ мегардад.

20. Ҳаҷми иловапулӣ ба маоши бекорони дар корҳои ҷамъиятӣ иштироккунанда набояд аз андозаи музди меҳнати ҳадди ақали дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда паст ва ҳадди баланди он набояд аз ҳадди миёнаи музди меҳнати дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда зиёд бошад.

Маблағи умумии кӯмаки молиявии беподош, аз маблағи умумии ба музди меҳнат харҷшуда, тибқи шартнома дар бораи корҳои ҷамъиятӣ набояд аз 50 % зиёд бошад.

21. Пардохти хароҷот барои гузарондани корҳои ҷамъиятӣ, тибқи шартномаҳои байни хадамоти шуғли аҳолӣ ва корфармо баимзорасида анҷом дода мешавад.

22. Назорат оид ба гузаронидани корҳои ҷамъиятиро хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар мақомоти ваколатдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи қоидаи муқарраргардида амалӣ менамоянд.

**Замимаи 7**
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 марти соли 2011, №121
тасдиқ шудааст.

**Қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3 марти соли 2011, №121**
**Дар бораи «Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ»**

1. Ҷамъоварии ҳосили пахта

2. Ҷамъоварӣ ва ба навъҳо ҷудокунии сабзавот ва мевагиҳо

3. Барқарорсозӣ ва иваз намудани аломатҳои огоҳкунанда дар роҳ

4. Барқарорсозӣ ва таъмири масҷиду ҷойҳои муқаддас

5. Барқарорсозӣ ва нигоҳдории ёдгориҳои меъморию таърихӣ, минтақаҳои истироҳатӣ, боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо

6. Сабзонидани кӯчатҳо, хишова, буридани дарахтон, буридан ва тоза кардани навниҳолон, токзорҳо, даравидани алаф ва ғайра

7. Барқарорсозии бешаву ҷангалзорҳо баъд аз офатҳои табиӣ

8. Бастабандии маҳсулоти тайёр

9. Ба тартиб овардани ёдгориҳо, қабристонҳо ва нигоҳдории қабрҳо

10. Сохтмон, таъмири роҳҳо ва кӯпрукҳо

11. Омодасозии қуттиҳо барои маҳсулоти кишоварзӣ

12. Боркашонӣ

13. Буридани дарахтон ва буттаҳо аз таги хати барқ

14. Вайронкунии сохтмонҳои ғайриқонунӣ

15. Вайрон кардани хонаҳои ғайри қобили истифода

16. Васлкунӣ ва таъмири мебел

17. Дарави ғалла

18. Безараргардонӣ, тозакунии обанбор ва таҳхонаҳо

19. Захираи ему хошок ва ғарамкунии коҳ

20.Гузаронидани таҳқиқотҳои оморӣ, сотсиологӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ, барӯйхатгирии чорво, пурсишҳои афкори омма, корҳо дар комиссияҳои интихоботӣ ва ғайра

21. Сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ

22. Корҳои ғайритахассусӣ дар муассисаҳо дар давраи таҷдид ва тағйири шакли фаъолият

23. Корҳои ёрирасон дар гармхонаҳо, корхонаҳои коркарди маҳсулоти хӯрока, нонпазӣ, корхонаҳои хиштпазӣ ва пахтатозакунӣ

24. Корҳои ёрирасон оид ба кашидани хатҳои барқ ва алоқа

25. Ёрирасонӣ ҳангоми газификатсияи маҳалҳои аҳолинишин

26. Ёрирасонӣ дар бойгонӣ

27. Корҳои обёрӣ ва ирригатсионӣ

28. Корҳои рангумолкунӣ ва андова

29. Кофтан ва тоза намудани ҷӯю каналҳо

30. Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ

31. Хизматрасони ва нигоҳубини пиронсолон ва маъюбон

32. Моҳидорӣ дар давраи мавсими шикори моҳӣ

33. Мураббияҳо дар майдончаҳои кӯдакон дар фасли тобистон

34. Мубориза бо зарарасонандагони хоҷагии қишлоқ (малах, гамбуси колорадӣ ва ғайра)

35. Навкунии лавҳачаҳои номи кӯчаҳо ва рақамҳои биноҳо

36. Обёрӣ намудани ҷангалу боғот, гулу гулбуттаҳо ва пахтазорҳо

37. Ободонӣ ва рӯбучини бозорҳо, кӯчаҳо, пиёдагардҳо, фермаҳо, анборҳо ва маҳаллаҳо

38. Сохтмон ва ободонии иншоотҳои ҷашнӣ

39. Омодасозӣ, аз ҷумла шудгор ва побелкунии замин ба мавсими кишт

40. Омодасози ва гузоштани монеаҳои ҳифзкунанда аз селу обхезӣ

41. Паҳн намудани нашрияҳо

42. Паҳн намудани рекламаҳо

43. Пошидани қум ва шағал дар фасли зимистон дар роҳҳо

44. Корҳои ёрирасон дар чорабиниҳои истироҳатии тобистонаи кӯдакон ва наврасон

45. Рӯбучини утоқҳои меҳмонхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва ғайра

46. Ҷамъоварии пашму пӯст

47. Таъмир ва саҳифабандии китобҳо

48. Тоза намудани роҳҳо аз лою ахлот дар ҷойҳои ба техника дастраснабуда

49. Хизматрасонӣ дар чорабиниҳои намоишҳои хусусияти фарҳангидошта (фестивалҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра)

50. Шустани тирезаҳои биноҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ;

51. Шустани либосу зарфҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ

52. Ёрирасонӣ дар ҳафриёти археологӣ

53. Ҷамъоварии гиёҳҳои табобатӣ, писта, чормағз бодом ва ғайра.

**Замимаи 8**
**Бо қарори**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 30 декабри соли 2020, № 644**
**тасдиқ шудааст**

**Барномаи**
**давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022**

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 (минбаъд-Барнома) мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» таҳия гардидааст.

2. Барнома тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ, эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ дар бар мегирад.

3. Барнома бо дар назар доштани афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайяншуда, паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба эълон шудани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва инчунин таҳлили нишондиҳандаҳои

минтақавӣ ва соҳавии бозори меҳнат ва шуғлнокии аҳолӣ таҳия гардидааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ, ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ

4. Бо дар назар доштани ҳамбастагӣ бо чараёни иҷтимоию иқтисодӣ равандҳои демографӣ барои пешгӯӣ, муайян ва қонеъ намудани талаботи воқеии вазъи бозори меҳнат ва танзими масъалаҳои шуғл дар ҷумҳурӣ хеле муҳим мебошанд.

5. Тибқи пешгӯиҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ тадриҷан афзоиш ёфта, ба 11,5 миллион нафар хоҳад расид, ки афзоиши чашмдошти шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад.

6. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №367 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» шумораи аҳолии доимии Тоҷикистон дар соли 2020 ба 9 миллиону 442 ҳазор нафар, соли 2021 ба 9 миллиону 660 ҳазор нафар ва дар соли 2022 ба 9 миллиону 882 ҳазор нафар мерасад.

7. Шумораи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 то ба 5 миллиону 635,3 ҳазор нафар, соли 2021 5 миллиону 742,3 ҳазор нафар ва дар соли 2022 бошад 5 миллиону 851,1 ҳазор нафар меафзояд, ки ин нишондод дар муқоиса ба соли 2018 давоми се соли оянда аз ҳисоби зиёдшавии табиии аҳолӣ шумораи захираҳои меҳнатии Тоҷикистон ба андозаи 7,8 фоиз афзоиш меёбад.

8. Дар давоми солҳои 2020-2022 афзоиши шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) ба амал омада, мутаносибан то 2 миллиону 412,4 ҳазор ва 2 миллиону

536 ҳазор нафар мерасад, ки суръати афзоиши ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 2018 наздик ба 2,2 фоизро ташкил медиҳад.

9. Шумораи аҳолии машғули кор дар ин давра 97,9 фоизро аз шумораи қувваҳои корӣ ташкил намуда, соли 2020 ба 2 миллиону 496,1 ҳазор нафар, соли 2021 ба 2 миллиону 531 ҳазор нафар ва дар соли 2022 ба 2 миллиону 574 ҳазор нафар мерасад.

10. Дар солҳои 2020-2022 теъдоди аҳолии машғули кор нисбат ба соли 2018 ба андозаи 5,9 фоиз меафзояд. Дурнамои ҷараёни тағйирёбии шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор мутобиқи ҷадвали 1 пешбинӣ гардидааст.

Ҷадвали 1

(нафар)

| р/т | Дурнамои ҷараёни тағйирёбии шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор дар солҳои 2018-2022 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | Шумораи аҳолӣ | Захираҳои меҳнатӣ | Қувваи корӣ | Аҳолии машғули кор |
| | | | | | |
| 1. | 2018 | 9028900 | 5427000 | 2482000 | 2430000 |
| 2. | 2019 | 9166100 | 5541000 | 2351800 | 2460800 |
| 3. | 2020 | 9442000 | 5635300 | 2412400 | 2496100 |
| 4. | 2021 | 9660000 | 5742300 | 2473600 | 2531000 |
| 5. | 2022 | 9882000 | 5851100 | 2536000 | 2574000 |

11. Афзоиши доимии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва аҳолии машғули кор барои беҳтар гардидани вазъи

иҷтимоию иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

12. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушд ин афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Раванди афзоиши ин нишондиҳанда солҳои 2015-2017 нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои муқоисашаванда дар ин давра аз 48,4 миллиард сомонӣ дар соли 2015 то ба 61,1 миллиард сомонӣ дар соли 2017 афзоиш ёфта, ё худ 1,3 маротиба зиёд гардидааст.

13. Тибқи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №367 «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022») дар назар аст, ки дар соли 2020 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 87379 миллион сомонӣ, соли 2021 ба 98017 миллион сомонӣ ва дар соли 2022 ба 108793 миллион сомонӣ мерасад. Дар муқоиса ба соли 2017 дар ду соли оянда ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Тоҷикистон 1,8 маротиба меафзояд. Тамоюли афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022 мутобиқи ҷадвали 2 пешбинӣ гардидааст.

Ҷадвали 2

(миллион сомонӣ)

| №/т | Сохтори соҳавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | Муқоисаи раванди зиёдшавии андозаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1 | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалии муқоиса-шаванда (миллион сомонӣ) | 61093,6 | 65762,3 | 73599,4 | 87379,0 | 98017,0 | 108793,0 |
| 2 | Истеҳсоли молҳо | 28986,6 | 31401 | -- | -- | -- | -- |
| 3 | Хизматрасонӣ | 25504,8 | 30125 | -- | -- | -- | -- |
| 4 | Андози холис (бе ҳисоби ёрии пулӣ) аз истеҳсолот | 6773,8 | 7317, | -- | -- | -- | -- |

14. Пешбинӣ мешавад, ки тақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2020  9254 сомонӣ, дар соли 2021  10147 сомонӣ ва дар соли 2022 то ба 11010 сомонӣ афзоиш меорад.

15. Дар навбати худ бо афзоиш ёфтани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва тақсимоти он ба ҳар сари аҳолӣ даромадҳои пулии аҳолӣ ва хароҷоту пасандозҳои аҳолӣ низ

мувофиқан афзоиш меёбанд, ки барои баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ замина фароҳам меорад.

16. Таҳлили васеи сохтори соҳавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мувофиқи маълумоти пешакӣ дар соли 2017 дар соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ 21,1 фоиз, саноат 17,3 фоиз, сохтмон 9,3 фоиз, нақлиёт ва алоқа 11,1 фоиз, савдо, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводи истифодаи шахсӣ, меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо 14,0 фоиз ва дигар соҳаҳо 27,9 фоизро ташкил медиҳад. Ба таври дигар, алҳол дар ташаккули ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ танҳо саҳми соҳаи кишоварзӣ ва саноат назаррас мебошад.

17. Тибқи пешгӯиҳо то соли 2030 тақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ то 3 баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатии аҳолӣ 2 баробар коҳиш дода мешавад ва ҳиссаи аҳолии дорои даромади миёна аз 22 то 50 фоиз меафзояд.

18. Барои расидан ба ин ҳадафҳои назаррас ва афзалиятҳои муайяннамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 Барномаи мазкур, ки ҷузъи ҷудонопазир ва фаъоли стратегияҳои зикршуда мебошад, амалӣ карда мешавад.

### 3. ВАЗЪИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

19. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи июни соли 2019 2376,7 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ин теъдод 2324,7 ҳазор нафар (97,8 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 52,0 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ

доранд, ки 2,2 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад.

20. Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият дар моҳи июни соли 2019 1193,9 ҳазор нафар ё 51,4 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар моҳи июни соли 2019 нисбат ба моҳи майи соли 2019 1,2 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи июни соли 2018 3,0 фоиз зиёд шудааст. Аз ҷониби дигар шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши воқеӣ дар моҳи июни соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 4,8 фоиз зиёд шуда, 676,5 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад ин нишондиҳанда дар ҳамин давра 0,7 фоиз зиёд шуда, 517,4 ҳазор нафарро ташкил намуд.

21. Тавре маълум аст, дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дар ду (якчанд) ҷой коркунанда ва дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта низ истифода бурда мешаванд.

22. Ба ҳолати моҳи июни соли 2019 дар ин шароит 51,2 ҳазор нафар машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 4,3 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

23. Шумораи кормандони дар шароити ду (якчанд) ҷой коркунанда ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта дар моҳи июни соли 2019 51198 нафар, аз ҷумла дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ 12463 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 38735 нафарро ташкил намуд.

24. Ба ҳолати 1 июли соли 2019 77,5 ҳазор корҷӯ дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ буд, ки ин нишондод

нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 6,6 фоиз ва нисбат ба моҳи майи соли 2019 1,8 фоиз кам шудааст.

25. Дар моҳи июни соли 2019 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 11,6 ҳазор нафар корҷӯ барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин равaнд дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 19,4 фоиз афзудааст. Дар ин давом 8,9 ҳазор нафар шахси бекор бо кор таъмин карда шуданд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 20,7 фоиз зиёд мебошад.

26. Ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар моҳи июни соли 2019 пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 12,3 фоиз зиёд шуда, 10,9 ҳазор ҷойро ташкил доданд. Ин нишондод аз рӯи касбҳои коргарӣ 25,8 фоиз зиёд шуда, 4,9 ҳазор ҷойро ташкил дод (44,5 фоизи ҷойҳои кори холӣ). Нисбат ба моҳи майи соли 2019 шумораи аҳолие, ки ба ҷойҳои кории холӣ муроҷиат кардаанд, 10,7 фоиз зиёд шудааст. Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 7,1 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2018 8,5 нафарро ташкил медод.

27. Дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ то охири моҳи июни соли 2019 52,0 ҳазор нафар бекор расман ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 24,7 ҳазор зан (47,4 фоиз) мебошад.

28. Сатҳи бекории расман бақайдгирифташуда 2,2 фоизро аз шумораи қувваҳои корӣ ташкил намуд.

29. Бо дар назар доштани вазъи воқеӣ дар бозори меҳнат ва эҳтимолияти ногузири таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон танзими масъалаи муносибатҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ нақши аввалиндараҷаро касб менамояд ва хеле муҳим аст, ки

тақсимоти аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои иқтисоди кишвар мақсаднок амалӣ карда шавад.

30. Дар солҳои 2020-2022 афзоиши шумораи аҳолӣ ҳар сол тибқи пешгӯиҳо тақрибан 2,3 фоизро ташкил намуда, дар соли 2022 ба 9882 ҳазор нафар меафзояд, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита дорад.

31. Мувофиқи пешгӯиҳо шумораи аҳолӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 853,1 ҳазор нафар зиёд мешавад ва дар ин ҳолат шумораи захираҳои меҳнатӣ 424,1 ҳазор нафар ва қувваҳои корӣ 54,0 ҳазор нафар меафзояд.

32. Пешбинӣ мегардад, ки дар солҳои 2020-2022 ба бозори меҳнат аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ 90,5 ҳазор нафар, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 58,5 ҳазор нафар, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 44,5 ҳазор нафар, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 375,3 ҳазор нафар, хатмкунандагон бо маълумоти таҳсилоти умумии асосӣ 483,6 ҳазор нафар, хизматчиёни ҳарбии аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсатшуда 53,2 ҳазор нафар, кормандони аз корхонаҳо ихтисоргардида 12,6 ҳазор нафар, шахсони аз муассисаҳои ислоҳи ҷазои ҷиноӣ озодшуда 5924 нафар ворид мегарданд.

33. Теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дар ин давра 3315,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки ин шумора ба 56,6 фоизи захираҳои меҳнатӣ дар соли 2022 рост меояд.

34. Мувофиқи нишондодҳои Барнома давоми солҳои 2020-2022 879,1 ҳазор шаҳрванд ба намудҳои гуногуни шуғл фаро гирифта мешаванд. Дар ин давом тавассути мусоидати бевоситаи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 367,1 ҳазор шаҳрванд ба шуғл ҷалб гардида, аз ин шумора 198,0 ҳазор нафар дар корхонаю ташкилот бо кор таъмин карда мешаванд. Аз ҷумла дар ин давра 163,1 ҳазор нафар аз ҳисоби

ҷойҳои кории холӣ, 54,3 ҳазор нафар ба тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ, 17,8 ҳазор нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб гардида, ба 14,0 ҳазор нафар барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳунарҳои мардумӣ кумаки молиявӣ (қарзи имтиёзнок) ва ба 29,2 ҳазор шаҳрванд барои давраи бекорӣ кумакпулӣ таъин ва пардохт карда мешавад. Ҳамзамон дар ин давра малакаҳои касбии 8,5 ҳазор нафар бо шаҳодатнома тасдиқ карда мешаванд. Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар замимаи 1 пешбинӣ шудааст.

## 4. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА САМТҲОИ АФЗОЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР СОЛҲОИ 2020-2022

35. Мувофиқи Барнома солҳои 2020-2022 вазифаҳои зерин ҳамчун асоси сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ муқаррар мегарданд:

- дастгирии соҳибкории хурду миёна барои таъсис додани шуғли пурсамар дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо дар назар доштани дастрасӣ ва имкониятҳо барои ҷавонон ва занон;
- эҳё, рушд ва дастгирии молиявии намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ дар миқёси ҷумҳурӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо барои ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани имконият ба шуғли пурсамар барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ;
- ҷорӣ намудани механизми ҳамкории мутақобилаи бахши давлатӣ бо бахши хусусӣ ва принсипҳои мақсадноки маблағгузории барномаҳои минтақавии шуғли аҳолӣ;
- ташаккул додани низоми миллии мусоидат ба рушди самаранокии меҳнат;
- таҳияи барнома ва механизмҳои арзёбии салоҳиятнокии мутахассисон дар соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»;

- роҳандозӣ ва амалисозии тадбирҳо ҷиҳати мутобиқсозии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии ба ватанбаргашта ба бозори меҳнати ҷумҳурӣ, ки вурудашон ба давлатҳои қабулкунанда манъ шудааст;

- мунтазам арзёбӣ намудани вазъи бозори меҳнат, муайян намудани талаботи корфармоён ба қувваи корӣ тавассути гузаронидани таҳқиқот дар бозори меҳнат;

- таҳия ва амалисозии тадбирҳо оид ба пешгирӣ аз ҳолатҳои ихтисоршавии оммавии кормандон аз ташкилоту муассиса ва корхонаҳо;

- таъмини ҳамоҳангсозии чорабиниҳои сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо ҷараёни амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.

36. Дар солҳои 2020-2022 афзалиятҳои зерини сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ пешбинӣ мешаванд:

- таҳия ва дар амалӣ намудани тадбирҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии бозори меҳнати дохили Тоҷикистон;

- амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани саҳми шуғли расмӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон;

- таҳия ва амалӣ намудани чораҳо оид ба таъмини самаранокии таҳсилоти касбии калонсолон дар Тоҷикистон;

- такмил додани низоми ҷамъоварии рақамҳои омории соҳаи таҳсилоти калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мунтазам таъмин намудани иҷрои нақшаҳои амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

давраи то соли 2030 ва Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Тоҷикистон то соли 2020.

## 5. ЧОРАБИНИҲОИ АСОСӢ ДАР ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ

### §1.Таъсиси ҷойҳои кории нав

37. Тибқи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки солҳои 2020-2022 аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ маҷмӯан 512 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шаванд.

38. Ҷойҳои кории нав дар соли 2020 169 ҳазор, соли 2021 171 ҳазор ва соли 2022 172 ҳазор таъсис дода мешаванд. Аз ҷойҳои кории таъсисшаванда 271,1 ҳазор ҷойи корӣ (53,0 фоиз) дар бахши воқеии иқтисоди ҷумҳурӣ ва 240,9 ҳазор (47,0 фоиз) дар бахши хизматрасонии иқтисодиёт мебошад.

Дурнамои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои иқтисодиёт ва сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷадвали 3 пешбинӣ гардидааст.

Ҷадвали 3

| р/т | Номгӯи чорабинӣ | соли 2018 | нимсолаи якуми соли 2019 | соли 2020 | соли 2021 | соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 165924 | 78168 | 169,0 | 171,0 | 172,0 |
| 2 | Дар бахши воқеии иқтисодиёт | 87835 | 45198 | 89,8 | 90,5 | 90,8 |
| 3 | Дар бахши хизмат расонии иқтисодиё | 78089 | 32970 | 79,2 | 80,5 | 81,2 |
| 4 | Дар сатҳи минтақаҳо:<br>- Вилояти | 16016 | 3916 | - | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | | | | | |
| | - вилояти Хатлон | 48537 | 27288 | - | - | - |
| | - вилояти Суғд | 38984 | 19925 | - | - | - |
| | - шаҳри Душанбе | 31248 | 14224 | - | - | - |
| | - шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 31139 | 12815 | - | - | - |

## §2. Миёнаравӣ дар бозори меҳнат

39. Бо дар назар доштани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, шиддат гирифтани буҳронҳои сиёсӣ, молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ вазифаи асосии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ин муътадил нигоҳ доштани вазъ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва дар ин замина таъмин намудани сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

40. Масъалаи баланд бардоштани сатҳи ҳамкорӣ миёни мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва корфармоён, иштироки фаъоли корфармоён дар раванди таъсиси ҷойҳои кории нав, ба тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон ва бокортаъминшавии аҳолии бекор дар ҷойҳои кории холӣ дар мадди аввал меистад.

41. Бо ин мақсад дар доираи амалисозии Барномаи мазкур тадбирҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

- таҳия ва дар амал татбиқ намудани механизми муосири ҳамкорӣ бо корфармоён, аз ҷумла бахши хусусӣ дар самти таъсиси ҷойҳои кории нав ва бо кор таъмин намудани аҳолии бекор;

- роҳандозӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати муайянсозии тавозуни воқеии талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ;

- такмил ва тақвият додани махзани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ ва таъмини дастрасии васеи корҷӯён ба ин маълумот;

- дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар шаҳру деҳот, ҳамчун роҳҳои самарабахши афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;

- офиятбахшии занон, ҷавонони бешуғл ва бекор дар деҳот тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва кам намудани сатҳи бекорӣ дар байни занон ва ҷавонони бекор дар деҳот;

- рушди низоми таълимӣ, ба роҳ мондани курсҳои омӯзишии сайёр барои сокинони шаҳрҳо ва ноҳияҳои дурдасти кишвар ҷиҳати ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбон;

- ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба масъалаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар байни бекорон, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ;

- тақвият бахшидани таҷрибаи ташкили ярмаркаҳои соҳавии ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод.

42. Барнома пешбинӣ менамояд, ки давоми солҳои 2020-2022 аз ҷониби корфармоён, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ мутаносибан 54000 ва 54700 ҷойҳои кории холӣ пешниҳод ва дар ин замина 2400 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ташкил карда мешавад. Дар ин давра тавассути роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ солҳои 2020-2022 198,0 ҳазор шаҳрванди бекор ба шуғл ҷалб мегарданд.

## §3. Мусоидат ба шуғли аҳолии дар бозори меҳнат рақобатнопазир

43. Дар Барнома фароҳам овардани шароит барои бокортаъминкунии аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир яке аз афзалиятҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

44. Ба табақаи осебпазири аҳолӣ дар бозори меҳнат асосан волидайни танҳо ва серфарзанд, ки дар тарбияашон фарзандони маъюб доранд, шахсони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озодшуда, маъюбон, шахсоне, ки аз сафи ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қушунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ аз хизмати ҳарбӣ ба эҳтиёт рухсат шудаанд, дохил мешаванд ва барои бо кор таъмин намудани онҳо дар доираи Барнома имтиёзҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- ба роҳ мондани кори инфиродӣ ва хизматрасонии машваратӣ тавассути роҳнамоии касбӣ;
- таъмин намудани шароит барои дастрасии васеи табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба таълими касбӣ дар марказҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ;
- банд намудани ҷойҳои кории махсус (квотаҳо);
- мусоидат дар ташкили фаъолияти инфиродӣ тавассути таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ бо роҳи ҷудо намудани қарзҳои хурди имтиёзнок;
- ҷалби табақаи осебпазири аҳолӣ ба рушди ҳунарҳои мардумӣ.

45. Дар амал татбиқ намудани имтиёзҳои пешбинигардида имконият фароҳам меорад, ки дар давоми амалсозии Барнома дар маҷмӯъ 21 ҳазор шаҳрванди ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд бо ҷойи кор таъмин карда шаванд.

## §4. Мусоидат ба шуғли ҷавонон

46. Тибқи гузориши Созмони Байналмилалии Меҳнат аз оғози буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, ки соли 2008 сар зад, сатҳи

бекорӣ дар байни ҷавонон аз синни 15 то 24 беш аз 7 фоиз афзоиш ёфт ва феълан ба 21 фоиз баробар гардида, қариб дар ҳамаи кишварҳо сатҳи бекории дарозмуддат миёни ҷавонон рӯ ба афзоиш дорад.

47. Коршиносон ба ин нуқтаи назаранд, ки ҷавонон муддати тулонӣ бекор мондаанд (то сини 25 сола) ва нисбат ба аъзои бекорони дигар синну соли аҳолӣ осебпазиранд. Чунки онҳо таҷрибаи ғании мутобиқсозӣ надоранд ва одатан дар раванди пас аз танаффуси тулонӣ ба зиндагии муқаррарӣ баргаштан душворӣ мекашанд, ки ин омил метавонад ба буҳрони иҷтимоӣ оварда расонад. Аз ин лиҳоз, қабул ва мавриди амал қарор додани барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои рақобатпазирӣ ва пайдо намудани мавқеи устувори ҷавонон дар бозори меҳнат шароити мусоид фароҳам меорад ва ба вазъи бекорӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

48. Мувофиқи омори расмӣ ҳиссаи ҷавонон дар таркиби захираҳои меҳнатии Тоҷикистон зиёда аз 54,0 фоизро ташкил медиҳад ва давоми солҳои 2011-2017 шумораи ҷавонон дар ҷумҳурӣ аз 2 миллиону 695,1 ҳазор нафар дар соли 2011 то 2 миллиону 877,7 ҳазор нафар дар соли 2017 афзудааст, ки суръати афзоиш 6,7 фоизро ташкил медиҳад.

49. Ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза мавқеи хоса доранд ва ба ин хотир сиёсати давлатии ҷавонон барои кишвари мо муҳим арзёбӣ мешавад.

50. Бо дар назар доштани суръати баланди афзоиши шумораи ҷавонон, ки дар Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна зиёда аз 2 фоизро ташкил медиҳад, масъалаи мусоидат ба шуғли ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

51. Таҳлили омори расмӣ оид ба сатҳи бекории ҷавонон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки андозаи он аз 3,9 фоиз то наздик ба 48,0 фоиз дар баъзе аз давлатҳо мерасад.

52. Дар байни давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сатҳи бекории ҷавонон дар Ҷумҳурии Қазоқистон-3,9 фоиз, Федератсияи Россия-9,6 фоиз, Беларус-7,0 фоиз, Озарбойҷон-9,7 фоиз, Украина-25,0 фоиз, Ӯзбекистон-15,1 фоиз, Қирғизистон-10,1 фоиз, Тоҷикистон-12,8 фоиз ва дар Арманистон-24,0 фоизро ташкил медиҳад.

Маълумот оид ба сатҳи бекории ҷавонон дар давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо ба ҳолати 2 апрели соли 2019 дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4

| р/т | Номгӯи кишварҳо | Сатҳи бекории ҷавонон | р/т | Номгуи кишварҳо | Сатҳи бекории ҷавонон |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ( бо фоиз) | | | (бо фоиз) |
| Кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) | | | Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) | | |
| 1 | Украина | 25,0 | 1 | Испания | 33,7 |
| 2 | Арманистон | 24,0 | 2 | Италия | 32,8 |
| 3 | Ӯзбекистон | 15,1 | 3 | Шветсия | 22,8 |
| 4 | Тоҷикистон | 12,6 | 4 | Туркия | 23,6 |
| 5 | Қирғизистон | 10,1 | 5 | Финляндия | 23,4 |
| 6 | Озарбойҷон | 9,7 | 6 | Франсия | 20,2 |
| 7 | Россия | 9,6 | 7 | Белгия | 15,4 |
| 8 | Беларус | 7,0 | 8 | Руминия | 16,2 |
| 9 | Қазоқистон | 3,9 | 9 | Латвия | 12,3 |
| | | | 10 | Британияи Кабир | 10,4 |
| | | | 11 | Австрия | 8,2 |
| | | | 12 | Германия | 5,6 |

53. Барои пешгирии сатҳи афзоиши бекорӣ дар байни ҷавонон дар доираи Барномаи мазкур барои мусоидат ба шуғли ҷавонон дар давраи амалисозии он тадбирҳои зерин роҳандозӣ мешаванд:

- мусоидат намудан дар таъмини ҷавонон бо ҷойи корӣ аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда (83,2 ҳазор нафар);
- расонидани хизмати роҳнамоии касбӣ ва маслиҳатию машваратӣ (48,1 ҳазор нафар);
- сафарбар намудани ҷавонон ба курсҳои кӯтоҳмуҳлати тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мувофиқи касбу ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар, омӯзиш ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ (38,0 ҳазор нафар);
- ҷалби ҷавонон дар иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок (11,2 ҳазор нафар);
- дастгирии ташаббуси ҷавонон дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди ҳунарҳои миллӣ тавассути ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ба онҳо (7,7 ҳазор нафар);
- дастгирии иҷтимоии ҷавонон тавассути таъин ва пардохти кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ (23,4 ҳазор нафар);
- роҳандозӣ намудани тадбирҳо дар самти тарбияи ҳуқуқии ҷавонон доир ба масъалаҳои бозори меҳнат.

54. Давоми солҳои 2020-2022 тавассути амалӣ намудани ин тадбирҳо 211,6 ҳазор ҷавон ба шуғл фаро гирифта мешавад.

### §5. Мусоидат ба шуғли занон

55. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №269 «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар

доираи Барнома барои ба шуғл ҷалб намудани занони бекор тадбирҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

- мусоидат намудан дар таъмини занон бо ҷойи кори доимӣ аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда (78,3 ҳазор нафар);
- фарогирӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва рушди ҳунарҳои мардумӣ (27,7 ҳазор нафар);
- дастгирии ташаббусҳои занон дар пешбурди фаъолияти соҳибкории худиштиғолӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ( 6,3 ҳазор нафар);
- ҷалб намудани занон ба корҳои ҷамъиятии музднок (7,8 ҳазор нафар);
- дастгирии иҷтимоии занон тавассути таъин ва пардохти кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ (4,4 ҳазор нафар);
- гузаронидани корҳои машваратию маслиҳатӣ оид ба роҳнамоии касбӣ (23,3 ҳазор нафар);
- ба роҳ мондани фаъолияти иттилоотӣ ва тарбияи ҳуқуқии занон.

56. Дар маҷмӯъ тавассути амалӣ намудани нишондодҳои Барнома тайи солҳои 2020-2022 147,8 ҳазор зан ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда мешаванд. Мусоидат ба шуғли шаҳрвандон бо воситаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо ва гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд, мутобиқи замимаҳои 2 ва 3 амалӣ карда мешавад.

**§6. Дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта**

57. Дар натиҷаи таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба давлатҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби ин давлатҳо дар қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ тағйиру иловаҳо ворид

карда шуд, ки боиси коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон гардид.

58. Дар баробари ин, бо сабаби риоя накардани низоми муҳоҷират дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ вуруди як қисм аз муҳоҷирони меҳнатӣ ба ин давлатҳо манъ гардид ва эҳтимолияти бозгашти теъдоди муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан ногузир боқӣ мемонад.

59. Мувофиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҳудуди ҷумҳурӣ 300284 шаҳрванд ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтааст, ки ин шумора дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 (251247 нафар) 49037 ҳазор нафар ё ба андозаи 19,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

60. Дар нимсолаи якуми соли 2019 аз муҳоҷирати меҳнатӣ 188183 шаҳрванд ба Тоҷикистон баргаштааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 (188560 нафар) 0,2 фоиз кам мебошад.

61. Аз теъдоди муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта 154283 мард ва 33900 зан мебошад.

62. Мувофиқи маълумоти мавҷуда алҳол вуруди 251703 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия манъ мебошад, ки ин нишондод дар муқоиса ба нимсолаи якуми соли 2018 26,1 фоиз коҳиш ёфтааст.

63. Новобаста аз ин, бо дар назар доштани вазъи рафту омади муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар солҳои 2020-2022 аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- мусоидат намудан дар таъмини муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта бо ҷойи кор аз ҳисоби ҷойҳои кори холии мавҷуда (8,2 ҳазор нафар);

- сафарбар намудани онҳо ба курсҳои кӯтоҳмуҳлати тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мувофиқи касбу ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохили кишвар (10,9 ҳазор нафар);

- ҷалби муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта дар иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок (2,7 ҳазор нафар);

- дастгирии ташаббуси муҳоҷирони баргашта дар ташкили фаъолияти соҳибкории хурду миёна тавассути ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ба онҳо (3,5 ҳазор нафар);

- сертификаткунонии малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта (1,3 ҳазор нафар);

- хизматрасонии машваратӣ ва ҳуқуқӣ.

64. Давоми солҳои 2020-2022 дар доираи чорабиниҳои Барнома аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ маҷмӯан ба 26,6 ҳазор муҳоҷири меҳнатии баватанбаргашта хизматрасонӣ анҷом дода мешавад.

### §7. Мутобиқсозии қувваҳои корӣ ба талаботи бозори меҳнат

65. Тибқи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафи стратегӣ интихоб шуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардида истодааст. Бо дар назар доштани аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои ичтимоию иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шуд.

66. Тағйир ёфтани сохтори иқтисодиёт ва ворид гардидани технологияҳои нави истеҳсолӣ масъалаи омодасозии кадрҳои нави коргарӣ ва ё мутобиқсозии

захираҳои меҳнатии мавҷударо ба талаботи иқтисодиёт тақозо менамояд. Дар ин сурат раванди хизматрасонии таҳсилот ва таълими касбӣ ба талаботи воқеии иқтисодиёти кишвар бояд мутобиқ бошад.

67. Бо дар назар доштани нақши муҳими мутобиқсозии қувваҳои корӣ ба талаботи воқеии иқтисодиёт дар доираи Барнома тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:

- мунтазам мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани талаботи иқтисодиёт ба кадрҳои рақобатпазир дар бозори меҳнат;

- роҳандозӣ намудани тадбирҳо барои баланд бардоштани салоҳияти касбии захираҳои меҳнатӣ тавассути ҷорӣ намудани барномаҳои муосири таълими касбӣ;

- ҳавасманд гардонидани корфармоён барои иштирок дар раванди таълими касбӣ;

- васеъ намудани доираи марказҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва марказҳои таълими касбӣ бо мақсади дастрасии бештари аҳолӣ ба таҳсилот ва таълими касбӣ;

- мустаҳкам ва васеъ намудани заминаҳои моддию техникӣ ва таълимии муассисаҳои таълими касбӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ.

68. Давоми солҳои 2020-2022 дар натиҷаи амалисозии Барнома 54,3 ҳазор шаҳрванди бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба омӯзиши касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд (замимаи 4).

## §8. Расонидани хизмати машваратӣ ва кумаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкории хурд доранд

69. Тавре аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, то соли 2030 дар Тоҷикистон ҳиссаи аҳолии дорои даромади миёна аз 22 то 50 фоиз бояд афзоиш ёбад. Заминаи асосии чунин пешрафт ин рушди соҳибкории хурд мебошад.

70. Рушди соҳибкории хурд на танҳо барои таъсис додани ҷойҳои кори иловагӣ шароит фароҳам меорад, ҳамчунин низоми муносибатҳои бозоргониро ба миён оварда, ба ин васила ба паст гардидани шиддати бекорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва некӯаҳволии онҳо мусоидат менамояд.

71. Рушди соҳибкории хурд боиси васеъ гардидани доираи табақаҳои миёнаи аҳолӣ мегардад, ки маҳз дар ҳамин сатҳ теъдоди асосии ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд.

72. Барои ноил гаштан ба ин ҳадаф таъмин намудани дастрасии васеи аҳолӣ ба қарзҳои имтиёзнок барои машғул шудан ба соҳибкорӣ нақши муҳим дорад.

73. Бо мақсади дастгирии раванди рушди соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ дар Барнома амалӣ намудани тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- таҳким, тақвият ва дастгирии соҳибкории хурд дар байни шаҳрвандони бекор;
- амалӣ намудани шаклҳои муосири расонидани хизматҳои машваратӣ дар ташкили раванди фаъолияти соҳибкории хурд;
- амалӣ намудани тадбирҳо барои дастгирии молиявии ташаббусҳои соҳибкории хурд ба шаҳрвандони бекор дар бахши истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат;
- дастгирӣ ва рушду эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути қарзҳои имтиёзнок;

- офиятбахшии занон ва ҷавонони бекор дар деҳот тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати ташкили соҳибкории хурд;

- таҳия ва амалӣ намудани механизми муосири назорат, истифодаи мақсаднок ва таъмини бозгашти маблағҳои барои рушди соҳибкории хурд пешбинишуда.

74. Давоми солҳои 2020-2022 тавассути татбиқи чорабиниҳои пешбинишуда 14,0 ҳазор шаҳрванд ба соҳибкории хурд ҷалб карда мешаванд (замимаи 5).

### §9. Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок

75. Ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднок барои бо шуғли муваққатӣ ҷалб намудани аҳолии бекор тадбири хеле муассир буда, дар фаъолияти якҷояи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корфармоён васеъ истифода мешавад.

76. Бо мақсади идома додани сиёсати фаъол дар танзими масъалаи бокортаъминкунии шаҳрвандони бекор ва корҷӯ тавассути ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднок дар доираи нишондодҳои Барнома давоми солҳои 2020-2022 ба иҷрои ин корҳо 17,8 ҳазор шаҳрванди бекор ҷалб мегарданд (замимаи 6).

### §10. Рушди ҳунарҳои мардумӣ

77. Бо мақсади вусъат бахшидан ва бо дар назар доштани зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 26 декабри соли 2018«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карданд.

78. Дар соли 2018 шумораи аҳолии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 миллиону 28 ҳазору 900 нафарро ташкил

медиҳад, ки аз ин шумора 2 миллиону 354 ҳазору 200 нафар дар шаҳр ва 6 миллиону 577 ҳазор нафар ё худ 73,6 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар шароити феълӣ афзоиши баланди табиии аҳолии деҳот ва таъсиси нисбатан ками ҷойҳои нави корӣ, мушкилоти қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ яке аз масъалаҳои мубрами кишварамон мебошад.

79. Бо мақсади роҳандозӣ намудани ҳадафҳои Барнома ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани ифрасохтор, пеш аз ҳама рушди сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум арзёбӣ карда мешавад.

80. Бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълими касбии низоми Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта давоми нимсолаи якуми соли 2019 12317 зану духтари хонашин ва дигар шаҳрвандон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардиданд.

81. Ҷиҳати дастгирӣ ва эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 704 шаҳрванди бекор ба андозаи 1 миллиону 883,6 ҳазор сомонӣ кумаки молиявӣ дода шуд, ки онҳо асосан ба дӯхтани либосҳо ва нақшу нигори миллӣ, бофандагӣ, кандакорӣ ва истеҳсоли маснуот аз чӯб, кулолгарӣ, заргарӣ, коркарди фулузот, пухтани маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ, таомҳои миллӣ ва ресандагӣ машғул мебошанд.

82. Давоми солҳои 2020-2022 тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълими касбии низоми Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимие, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолият доранд, 37800

шаҳрванд ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардида, ба 4386 нафар барои рушди намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ кумаки молиявӣ дода мешавад.

83. Дар маҷмӯъ давоми ин солҳо тавассути хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 42186 шаҳрванд ба омӯзиш ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мутобиқи ҷадвали 5 сафарбар карда мешаванд.

Ҷадвали 5

| р/т | Номгӯи чорабинӣ | Соли 2018 ҳисобот | Нимсо-лаи якуми соли 2019 баҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ (нафар) | 18861 | 12317 | 12000 | 1260 0 | 1320 0 |
| 2 | Кумаки молиявии намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ (нафар) | 1306 | 704 | 1510 | 1612 | 1714 |

### §11. Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ

84. Бо мақсади дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон зимни ихтисоршавӣ аз корхонаҳо , ташкилотҳо, муассисаҳо тибқи моддаи 169 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кафолат ва имтиёзҳо барои кормандони аз кор озодшаванда» ва инчунин шаҳрвандоне, ки собиқаи корӣ

надоранду ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз доранд, дар доираи Барнома таъин ва пардохти кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ пешбинӣ шудааст.

85. Дар ин замина давоми солҳои 2020-2022 ба 29,2 ҳазор шаҳрванд, ки аз ташкилоту муассисаҳо ихтисор мешаванд ё шаҳрвандони бекоре, ки собиқаи корӣ надоранду ба чунин дастгирии иҷтимоӣ ниёз доранд, барои давраи бекорӣ кумакпулӣ таъйин ва пардохт карда мешавад (замимаи 7).

**§12. Такмили фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

86. Давраи татбиқи Барнома ба замоне рост меояд, ки буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ идома дорад ва дар ин шароит муътадил нигоҳ доштани вазъ дар бозори меҳнат ва таъмини дастгирии иҷтимоии аҳолӣ масъалаи хеле муҳим мебошад.

87. Бо ин мақсад дар доираи Барнома ҷиҳати таҳкими фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- мақсаднок, самарабахш ва суроғавӣ истифода намудан аз маблағи пешбинишуда барои амалӣ намудани Барнома;
- пайваста баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии кормандони мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва пурзӯр намудани иқтидори техникии он;
- истифода аз таҷрибаи пешқадам ва роҳандозии хизматрасониҳои муосир дар фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ;
- такмил додани низоми ҷории ҷамъоварӣ ва коркарди омори давлатӣ ва соҳавии бозори меҳнат;
- ҷалб намудани шарикони рушд дар танзими масъалаҳои бозори меҳнат.

## 6. НАТИҶАҲОИ ИҶРОИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА ДАР СОЛҲОИ 2020-2022

88. Тавассути амалисозии босамари чорабиниҳои Барнома давоми солҳои 2020-2022 ба нишондодҳои зерин ноил мешавем:

- дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҳисоби манбаъҳои гуногун 512,0 ҳазор ҷойи кории нав таъсис ва барқарор карда мешавад;
- дар ҷойҳои кории холии ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ пешниҳодгашта 163,1 ҳазор корҷӯ, аз ҷумла тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ (квота) 21,0 ҳазор шаҳрванди ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд;
- ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз рӯи касбҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат 54,3 ҳазор шаҳрванди бекор, корҷӯ ва муҳоҷирони меҳнатӣ фаро гирифта мешаванд;
- ба 29,2 ҳазор шахси бекор барои давраи бекорӣ кумакпулӣ пардохт мегардад;
- малакаҳои касбии 8,5 ҳазор шаҳрванд ва муҳоҷири меҳнатӣ бо шаҳодатнома тасдиқ карда мешаванд;
- 17,8 ҳазор шаҳрванди бекор ва корҷӯ ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар мешавад;
- ба 14,0 ҳазор шаҳрванди бекор барои ташкили корҳои фардӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ қарзҳои имтиёзнок дода мешавад;
- ба 26,6 ҳазор муҳоҷири меҳнатии ба ватанбаргашта хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад;
- 2400 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида мешавад;
- ба 80,2 ҳазор нафар оид ба масъалаҳои шуғл хизматҳои машваратӣ расонида мешавад;

- вобаста ба имкониятҳои молиявӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ гузаронида мешавад;

- мониторинги ҷараёни амалисозӣ ва натиҷаи чорабиниҳои Барнома дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ҷараён мегирад;

- низоми ҷамъоварӣ ва коркарди омори давлатӣ ва соҳавии бозори меҳнат ташаккул меёбад.

89. Дар натиҷаи амалисозии чорабиниҳои Барнома шумораи аҳолии машғули кор ҳар сол ба ҳисоби миёна 1,1-1,5 фоиз афзуда, имконият фароҳам меояд, ки дар ин муддат 879,1 ҳазор шаҳрванд, аз ҷумла 367,1 ҳазор нафар бевосита тавассути мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҷойҳои корӣ таъмин карда шавад.

**7. АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА ВА НАЗОРАТИ ИҶРОИ ОН**

90. Маблағгузории чорабиниҳои Барнома аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, маблағҳои корфармоён ва ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ амалӣ мегардад.

91. Ҳаҷми умумии буҷети Барнома 80809,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он:

- 49065,4 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- 23466,9 сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ;

- 8276,8 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷетҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, маблағҳои корфармоён ва сармоягузории ватанию хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешавад (замимаи 8).

92. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати тағйирёбии ғайримунтазираи вазъи бозори меҳнат маблағҳои

пешбинишударо аз рӯи самтҳо ва чорабиниҳои Барнома қисман аз нав тақсим менамояд.

93. Ҷиҳати амалисозии самараноки Барнома дар буҷети Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол маблағҳо пешбинӣ ва ба нақша гирифта мешаванд.

Замимаи 1 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ

(нафар)

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Соли 2018 ҳисобот | Соли 2019 баҳо | Пешгӯӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | соли 2020 | соли 2021 | соли 2022 |
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* | *7* |
| 1.1 | Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ | 9028900 | 9166100 | 9442000 | 9660000 | 9882000 |
| 1.2 | Захираҳои меҳнатӣ | 5427000 | 5541000 | 5635300 | 5742300 | 5851100 |
| 1.3 | Қувваи корӣ (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол), аз онҳо: | 2482000 | 2351800 | 2412400 | 2473600 | 2536000 |
| | Дар иқтисодиёт расман машғулбуда | 2430000 | 2460800 | 2496100 | 2531000 | 2574000 |
| | Бекорони дар қайди мақомоти ваколатдори давлатибуда | 52000 | 51500 | 52000 | 52500 | 52900 |
| 1.4 | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол | 2945000 | 3189800 | 3222900 | 3268700 | 3315100 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аз онҳо хонандагони қобили меҳнат: | 639000 | 655000 | 660000 | 665000 | 670000 |
| 1.5 | Захираҳои меҳнатии ба бозори меҳнат воридшаванда, ҳамагӣ: | 2671030 | 2894123 | 2932616 | 2980434 | 3029015 |
| 1.5.1 | Насли дохилшаванда: | 360650 | 356932 | 361435 | 368497 | 375759 |
| | Аз ҳисоби: - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 118282 | 121141 | 123103 | 125097 | 127123 |
| | -хатмкунандагон бо таҳсилоти умумии асосӣ | 160369 | 156563 | 158852 | 161203 | 163588 |
| | -хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (рӯзона) | 13291 | 13781 | 14289 | 14816 | 15362 |
| | - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 17179 | 17694 | 18933 | 19501 | 20083 |
| | - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 34093 | 39647 | 28718 | 30150 | 31658 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | - хизматчиёни аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба эҳтиёт рухсатшуда | 17436 | 8106 | 17540 | 17730 | 17945 |
| 1.5. 2 | Шахсони аз маҳбас озодшуда | 2087 | 1411 | 2081 | 1987 | 1856 |
| 1.5.3 | Коргарони ихтисоршуда | 2293 | 980 | 6200 | 6250 | 6300 |
| 1.5.4 | Аҳолии бешуғл (аз ҳисоби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол, ба ғайр аз хонандагони қобили меҳнат) | 2306000 | 2534800 | 2562900 | 2603700 | 2645100 |
| 1.6 | Тақсимоти аҳолии қобили меҳнати бешуғл аз рӯи намудҳои гуногуни шуғл. Ҳамагӣ: | 848436 | 842606 | 890740 | 878430 | 890545 |
| 1.6.1 | Мустақилона дар ҷойҳои кории холӣ ва таъсисёфта ба кор таъмин мешаванд, аз ҷумла: | 173700 | 177000 | 180300 | 183600 | 185700 |
| | Тараққӣ додани хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) | 87100 | 89600 | 91700 | 93750 | 94550 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тараққӣ додани фаъолияти фардӣ ва соҳибкорӣ | 86600 | 87400 | 88600 | 89850 | 91150 |
| 1.6.2 | Ба таҳсил машғул мешаванд | 173200 | 178200 | 183200 | 188200 | 193200 |
| 1.6.3 | Ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ даъватшудагон | 17436 | 8106 | 17540 | 17730 | 17945 |
| 1.6.4 | Ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд | 484100 | 479300 | 509700 | 488900 | 493700 |
| 1.7 | Бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба шуғл ҷалб карда мешаванд. Ҳамагӣ: | 85248 | 53337 | 65938 | 69273 | 71690 |
| 1.7.1 | Бокортаъминкунӣ, аз ҷумла: | 63115 | 35917 | 42100 | 45250 | 47430 |
| | - дар ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда (вакансия), | 54801 | 30849 | 32100 | 33600 | 34130 |
| | - аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ; | 3961 | 2130 | 4000 | 4650 | 5300 |
| | - дар ҷойҳои кории бандшуда (квота); | 4353 | 2938 | 6000 | 7000 | 8000 |
| 1.7.2 | Сафарбаркунӣ | 16632 | 13001 | 17938 | 18100 | 18300 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ба касбомӯзӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат | | | | | |
| 1.7.3 | Сафарбаркунӣ ба корҳои ҷамъиятии музднок (мавсимӣ) | 5501 | 4419 | 5900 | 5923 | 5960 |
| 1.8 | Аҳолии боқимондаи бешуғли қобили меҳнат | 1737346 | 1998180 | 1954038 | 2011981 | 2046210 |
| 1.9 | Сатҳи расмии бекорӣ (бекорон сатри 3, бо %) | 2,1 | 2,2 | 2,2 | 2,1 | 2,1 |
| 1.10 | Сатҳи расмии шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ, бо % | 44,8 | 44,4 | 44,3 | 44,1 | 44,0 |

Замимаи 2 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Мусоидат ба шуғли шаҳрвандон бо воситаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо

(нафар)

| № р\т | Номгӯи чорабиниҳо | соли 2018 ҳисобот | Нимсолаи якуми 2019 баҳо | Нишондодҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 |
| 4.1 | Мусоидат намудан дар таъмини бекорон бо ҷойи кори доимӣ. Ҳамагӣ: | 63115 | 35917 | 64000 | 66000 | 68000 |
| | аз ҷумла:<br>- аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда | 54801 | 30849 | 54000 | 54350 | 54700 |
| | - муқаррар намудани теъдоди ҷойҳои кории бандкардашуда | 4353 | 2938 | 6000 | 7000 | 8000 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | аз ҷониби корфармоён барои шахсоне, ки дар бозори меҳнат мисли дигарон рақобати баробар карда наметавонанд (квота) | | | | | |
| | - дастгирии шахсони бекор дар инкишофи соҳибкорӣ тавассути қарздиҳиҳои хурд | 3961 | 2130 | 4000 | 4650 | 5300 |
| 4.2 | Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок | 5501 | 4419 | 5900 | 5923 | 5960 |
| 4.3 | Сафарбаркунӣ ба омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон, бо кор таъминкунӣ бо воситаи таҷрибаомӯзии ҷавонон | 16632 | 13001 | 17938 | 18100 | 18300 |
| 4.4 | Таъмини иҷтимоии шаҳрвандони бешуғл тавассути пардохти кумакпулӣ | 13243 | 6606 | 8822 | 9695 | 10732 |
| | - аз хизмати ҳарбӣ рухсатшуда ва аз маҳбас озодгашта | | | 5722 | 6500 | 7333 |
| | - коргарони ихтисоршуда ва дигарон | | | 3100 | 3195 | 3399 |
| 4.5 | Расонидани хизмати роҳнамоии касбӣ ба дастгирии равонии аҳолии корҷӯ | 32994 | 20819 | 26470 | 26720 | 26970 |

Замимаи 3 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022

Гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд
(нафар)

| | Пешгӯӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 |
| Ҳамагӣ: | 6000 | 7000 | 8000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маъюбон | 210 | 215 | 320 |
| Ятимони ноболиғ | 75 | 80 | 86 |
| Шахсоне, ки аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ аз хизмати ҳарбӣ ба эҳтиёт рухсат шудаанд | 660 | 995 | 1225 |
| Шахсоне, ки аз муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд | 340 | 465 | 678 |
| Падару модари яккаву танҳо, инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва фарзандони маъюб доранд | 1250 | 1290 | 1720 |
| Падару модаре, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд | 980 | 1090 | 1360 |
| Шахсони то синни 18, ки бо сабаби вафоти падару модар ва ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба уҳда доранд | 225 | 245 | 370 |
| Шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст | 240 | 345 | 555 |
| Шаҳрвандони то синни 18 ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд | 2305 | 2275 | 1686 |

Замимаи 4 ба Барномаи давлатии мусоидатба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Омӯзиши касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии аҳолии бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ
(нафар)

| Чорабиниҳо | Ҳамагӣ | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 54338 | 17938 | 18100 | 18300 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 3787 | 1250 | 1262 | 1275 |
| | вилояти Хатлон | 19110 | 6300 | 6360 | 6450 |
| | вилояти Суғд | 13328 | 4400 | 4440 | 4488 |
| | шаҳри Душанбе | 9087 | 3000 | 3027 | 3060 |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 9026 | 2988 | 3011 | 3027 |

Замимаи 5 ба Барномаи давлатии мусоидат
ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022
Дастгирии ташаббуси шаҳрвандон дар рушди соҳибкории хурд

| Номгӯи чорабиниҳо | | Соли 2020 | | Соли 2021 | | Соли 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Корҳои фардӣ | Маблағи пешни-ҳодшуда | Корҳои фардӣ | Маблағи пешниҳодшуда | Корҳои фардӣ | Маблағи пешни-ҳодшуда |
| | | *(нафар)* | *(ҳаз. сомонӣ)* | *нафар* | *(ҳаз. сомонӣ)* | *нафар* | *(ҳаз. сомонӣ)* |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | | 4000 | X | 4650 | X | 5300 | X |
| Аз ҷумла: | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 700 | X | 710 | X | 710 | X |
| | вилояти Хатлон | 1015 | X | 1250 | X | 1470 | X |
| | вилояти Суғд | 975 | X | 1100 | X | 1240 | X |
| | шаҳри Душанбе | 310 | X | 330 | X | 400 | X |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1000 | X | 1260 | X | 1480 | X |

Замимаи 6 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок барои солҳои 2020-2022

Соли 2020

| Номгӯи чораби-ниҳо | Иҷрокунандагон | Сафарбар мешаванд | Манбаи маблағгузории чорабинӣ, аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз ҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Аз ҳисоби кордиҳан-дагон | Ҳамагӣ |
| | | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) |
| Ҳамагӣ: | Дар ҷумҳурӣ | 5900 | 1180,0 | 2360,0 | 3540,0 |
| Аз ҷумла: | ВМКБ | 420 | 84,0 | 168,0 | 252,0 |
| | Вилояти Хатлон | 1840 | 368,0 | 736,0 | 1104,0 |
| | Вилояти Суғд | 1650 | 330,0 | 660,0 | 990,0 |
| | Шаҳри Душанбе | 400 | 80,0 | 160,0 | 240,0 |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1590 | 318,0 | 636,0 | 954,0 |

Соли 2021

| Номгӯи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Сафарбар мешаванд | Манбаи маблағгузории чорабинӣ, аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз ҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Аз ҳисоби кордиҳан-дагон | Ҳамагӣ |
| | | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: | Дар ҷумҳурӣ | 5923 | 1244,0 | 2487,7 | 3731,7 |
| Аз ҷумла: | ВМКБ | 420 | 88,2 | 176,4 | 264,6 |
| | Вилояти Хатлон | 1850 | 388,5 | 777,0 | 1165,5 |
| | Вилояти Суғд | 1660 | 348,6 | 697,2 | 1045,8 |
| | Шаҳри Душанбе | 400 | 84,0 | 168,0 | 252,0 |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1593 | 334,7 | 669,1 | 1003,8 |

Соли 2022.

| Номгӯи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Сафарбар мешаванд | Манбаи маблағгузории чорабинӣ, аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз ҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Аз ҳисоби кордиҳандагон | Ҳамагӣ |
| | | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) |
| Ҳамагӣ: | Дар ҷумҳурӣ | 5960 | 1341,0 | 2682,0 | 4023,0 |
| Аз ҷумла: | ВМКБ | 420 | 94,5 | 189,0 | 283,5 |
| | Вилояти Хатлон | 1850 | 416,3 | 832,5 | 1248,8 |
| | Вилояти Суғд | 1660 | 373,5 | 747,0 | 1120,5 |
| | Шаҳри Душанбе | 430 | 96,7 | 193,5 | 290,2 |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1600 | 360,0 | 720,0 | 1080,0 |

Замимаи 7 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон дар давраи бекорӣ
тавассути пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ
Соли 2020

| Номгӯи чорабиниҳо | Шумораи кумакпулигирандагон | | Маблағгузории чорабиниҳо аз ҳисоби: Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | | Буҷети ҷумҳурӣ | | Буҷетҳои маҳаллӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) |
| | | | | | | | |
| Номгӯи чорабиниҳо | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| Аз ҷумла: ВМКБ | 8822 | 11516,9 | 3100 | 4650,0 | 5722 | 6866,9 | 203,7 |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | |
| Вилояти Суғд | | | | | | | |
| шаҳри Душанбе | | | | | | | |
| шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷумҳурӣ | | | | | | | | |
| Аз ҷумла: | ВМКБ | 387 | 511,5 | 157 | 235,5 | 230 | 276,0 | 6,5 |
| | Вилояти Хатлон | 3064 | 3966,0 | 964 | 1446,0 | 2100 | 2520,0 | 65,0 |
| | Вилояти Суғд | 2170 | 2866,5 | 875 | 1312,5 | 1295 | 1554,0 | 60,0 |
| | шаҳри Душанбе | 1547 | 2019,6 | 544 | 816,0 | 1003 | 1203,6 | 32,2 |
| | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1654 | 2153,3 | 560 | 840,0 | 1094 | 1313,3 | 40,0 |

Соли 2021

Соли 2022

| Номгӯи чорабиниҳо | | Шумораи кумак-пулигирандагон | | Маблағгузории чорабиниҳо аз ҳисоби | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | | Буҷети ҷумҳурӣ | | Буҷетҳои маҳаллӣ |
| | | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (нафар) | (ҳазор сомонӣ) | (ҳазор сомонӣ) |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | | 10732 | 14238,0 | 3399 | 5438,0 | 7333 | 8800,0 | 294,7 |
| Аз ҷумла: | ВМКБ | 430 | 584,0 | 170 | 272,0 | 260 | 312,0 | 10,2 |
| | Вилояти Хатлон | 3747 | 4903,2 | 1017 | 1627,2 | 2730 | 3276,0 | 85,0 |
| | Вилояти Суғд | 3071 | 4068,8 | 958 | 1532,8 | 2113 | 2536,0 | 82,0 |
| | шаҳри Душанбе | 1690 | 2264,0 | 590 | 944,0 | 1100 | 1320,0 | 55,0 |
| | шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1794 | 2418,0 | 664 | 1062,0 | 1130 | 1356,0 | 62,5 |

Замимаи 8 ба Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

Маблағгузории Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Нишондоҳо дар соли 2020 (нафар) | Ҳаҷми маблағгузорӣ дар соли 2020 (*ҳазор сомонӣ*) | | | Нишондоҳо дар соли 2021 (нафар) | Ҳаҷми маблағгузорӣ дар соли 2021 (*ҳазор сомонӣ*) | | | Нишондоҳо дар соли 2022 (нафар) | Ҳаҷми маблағгузорӣ дар соли 2022 (*ҳазор сомонӣ*) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Буҷети ҷумҳурӣ | Буҷети маҳаллӣ ва дигар сарчашмаҳо | | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Буҷети ҷумҳурӣ | Буҷети маҳаллӣ ва дигар сарчашмаҳо | | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Буҷети ҷумҳурӣ | Буҷети маҳаллӣ ва дигар сарчаш-маҳо |
| 1. | 2. | 3. | 4. | 5. | 6. | 7. | 8 | 9 | 10. | 11. | 12. | 13. | 14. |
| 1. | Таъмини иҷтимоии шаҳрвандони бешуғл тавассути пардохти кумакпулӣ аз хизмат ба эҳтиёт рухсатшуда ва аз маҳбас озодгашта, инчунин Ш ахрвандоне, ки дар 3 соли охир 18 моҳи тақвимӣ камтар соҳиби кори муздннок мебошанд, коргарони ихтисоршуда ва дигарон | 8822 | 4650 | 6866,9 | 203,7 | 9695 | 4951,5 | 7800,0 | 248,7 | 10732 | 5438,0 | 8800,0 | 294,7 |
| | | | | 6866,9 | | | | | | | | | |
| | | 5722 | | | | 6500 | | 7800,0 | | 7333 | | 8800,0 | |
| | | 3100 | 4650,0 | | | 3195 | 4951,5 | | | 3399 | 5438,0 | | |
| 2. | Ташкили корҳои ҷамъиятӣ | 5900 | 1180,0 | | 2360,0 | 5923 | 1244,0 | | 2487,7 | 5960 | 1341,0 | | 2682,0 |
| 3. | Сафарбаркунӣ ба омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва | 17938 | 8700,0 | | | 18100 | 9165,0 | | | 18300 | 9845,9 | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | такмили ихтисоси бекорон, аз ҷумла калонсолон, ҳамагӣ: | | | | | | | | | | | | |
| | Аз ҷумла: стипендия | 17938 | 2663,8 | | | 18100 | 2855,2 | | | 18300 | 3025,2 | | |
| 4. | Дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди сохибкорӣ, тавассути қарзҳои хурд, ҳамагӣ: | 4000 | X | | | 4650 | X | | | 5300 | X | | |
| 5. | Сиёсати шуғл | | 850,0 | | | | 850,0 | | | | 850,0 | | |
| Ҳамагӣ: | | **X** | **15380,0** | **6866,9** | **2563,7** | **X** | **16210,5** | **7800,0** | **2736,4** | **X** | **17474,9** | **8800,0** | **2976,7** |
| Ҷамъи маблағ | | | 22246,9 | | | | 24010,5 | | | | 26274,9 | | |

## МУНДАРИҶА

**САРСУХАН**........................................................ 3
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
“Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”......................... 5
**БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**........................ 6
Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ.................................. 6
Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ............................ 15
Моддаи 3. Шуғли аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда.............................................. 24
Моддаи 4. Шаҳрвандони бекор................................ 32
Моддаи 5. Кори мувофиқ........................................ 48
Моддаи 6. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ.................................. 52
Моддаи 7. Кафолатҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ........................................................... 78
Моддаи 8. Ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба таъмини шуғл.... 86
Моддаи 9. Кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ................................................ 93

**БОБИ II. ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР СОҲАИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ**........................ 101

Моддаи 10. Ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ.................................................. 101
Моддаи 11. Вазифаҳои кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ............................................. 105

**БОБИ III. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛИ ЧОРАҲОИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ**........... 106

Моддаи 12. Танзими шуғл............................................ 106
Моддаи 13. Барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ............................................... 107
Моддаи 14. Муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон ва аъзои

оилаи онҳо............................................................................ 109
Моддаи 15. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ................ 111
Моддаи 16. Маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ........................................................................ 113
Моддаи 17. Ҳисоботи оморӣ ва маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ........................................................................ 116
Моддаи 18. Додани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият оиди мусоидат ба шуғли аҳолӣ...................... 119
Моддаи 19. Мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ................................................................................ 121
Моддаи 20. Иштироки иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғли аҳолӣ........................................................................ 128
Моддаи 21. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор……………………….. 131
Моддаи 22. Ташкили корҳои ҷамъиятӣ…………………
Моддаи 23. Тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ, ки хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд............................... 136

**БОБИ IV. КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАНГОМИ БЕКОР МОНДАН.........................................................** 140

Моддаи 24. Кафолатҳои дастгирии иҷтимоии шахсони бекор…………………………………………………….. 140
Моддаи 25. Шартҳо ва муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ........................................................................ 145
Моддаи 26. Тартиби тамдиди муҳлати пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба шаҳрвандони дорои собиқаи меҳнатие, ки барои ба нафақа баромадан ҳуқуқ доранд.................................................................................. 149
Моддаи 27. Тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои бекорӣ.................................................. 151
Моддаи 28. Боздоштан ва қатъ намудани пардохти кӯмакпулӣ барои бекор................................................... 156
Моддаи 29. Андозаи стипендияе, ки ба шаҳрвандони

бекор дар давраи тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дода мешавад.................................................... 164
Моддаи 30. Суғурта ҳангоми бекор мондан.................. 165

**БОБИ V. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ.................... 166**

Моддаи 31. Мақомоте, ки назорати давлатиро ба амал мебароранд…………………………………………………. 166
Моддаи 32. Ҳалли баҳсҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур…………………………………… 168
Моддаи 33. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шуғли аҳолӣ"……….. 171
Моддаи 34. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур…………………………………………………… 172
**ЗАМИМАҲОИ ИЛОВАКАРДАШУДА**
Замимаи 1………………………………………………….. 174
Замимаи 2………………………………………………….. 183
Замимаи 3………………………………………………….. 196
Замимаи 4………………………………………………….. 203
Замимаи 5………………………………………………….. 214
Замимаи 6………………………………………………….. 219
Замимаи 7………………………………………………….. 223
Замимаи 8………………………………………………….. 226

**БОБОКАЛОНОВ ҒОИБ МЕРГАНОВИЧ**

# ТАФСИРИ
## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ»

***Ба матбаа 10.03.2020 супорида шуд.***
***Ба чопаш 13.03.2020 имзо шуд.***
***Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 13,25.***
***Супориши № 06. Адади нашр 300 нусха.***
***Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, 2.***